**А.А. РАҲМОНЗОДА, Х.М. ЗИЁЕВ,**
**Н.Н. СОДИҚОВА, Ё.Қ. ОДИНАЕВ,**
**М.Қ. МИРБОБОЕВ, З.А. ҲАКИМОВА**

# ОДОБИ МУОШИРАТ ВА РӮЗГОРДОРӢ

(Китоби тарбиявӣ барои синфҳои 8-9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ)

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2017**

**ББК Я 73 87.7+37.279. (2тоҷик)**
**Р-38**

**Р-38.** А.А. Раҳмонзода, Х.М. Зиёев, Н.Н. Содиқова, Ё.Қ, Одинаев, М.Қ. Мирбобоев, З.А. Ҳакимова, **Одоби муоширaт ва рӯзгордорӣ.** Китоби тарбиявӣ барои синфҳои 8-9-ум. Душанбе, Маориф, 2017. 208 саҳ.

**Муҳаррири масъул: доктори илми фалсафа**
**Кароматулло Олимов**

**Хонандаи азиз!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро эҳтиёт намоед. Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб бо намуди аслиаш дастраси додару хоҳаронатон гардад ва ба онҳо низ хизмат кунад.

**Ҷадвали истифодаи китоб**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

© Маориф, 2017
Моликияти давлат

ISBN 978-99947-1-316-5



«Ҳар фарде, ки дили худро бо чароғи донишу маърифат афрӯзад, пеш аз ҳама дорои ахлоқи шоиста, одоби ҳамида ва соҳиби илму фарҳанг мешавад».

**Эмомалӣ Раҳмон**

# САРСУХАН

## Хонандагони азиз!

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъкид карда буд, ки дар шароити кунунӣ ва муносибатҳои нави иҷтимоӣ, дар замони инкишофи босуръати техника ва технологияи нав, «дар шароити ҷаҳонишавӣ моро зарур аст, ки на танҳо тарҳи тарбия, инчунин, тарҳи таълимро ба таври куллӣ таҷдиди назар намоем… Вале дар ин раванд ҳифзи анъанаҳои миллӣ ва тарбияи фарзандон дар рӯҳияи эҳтироми фарҳангу тамаддуни миллӣ ва арзишҳои волои он бояд дар мадди аввал қарор гирад».



Дар робита бо ин таъкиди сарвари кишвар хотиррасон бояд сохт, ки дар даврони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон сиёсати кишвари мо дар соҳаи маориф дар асоси дастовардҳои навтарини илми ҷаҳонӣ барои таълими насли наврас ва тарбияи ахлоқи ҳамида ва рукнҳои волои он, чун ростӣ, эҳсон, шафқат, сидқу вафо, саховату каромат ва амсоли он равона шуд. Дар ин зимн бо сарварии Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо такя ба таълимоти ниёгон, баҳрабардорӣ аз арзишҳо ва муқаддасоти дигари миллию умумибашарӣ комёбиҳои назаррасе дар таълиму тарбияи ҷавонон ба даст омаданд, ки боз ҳам рушд бахшидани онҳо вазифаи муқаддаси ҳар як фарди ҷомеаи муосири мост.

Ҳамчунин қобили қайд аст, ки фарҳанги куҳанбунёди тоҷик дар тӯли таърих дар тамоми шаклҳое, ки зуҳур кардааст, ҳамеша тарбияи ахлоқии инсонро ҳадафи нахустин қарор додааст. Аз ин ҷост, ки дар «Авасто» – бузургтарин

маъхази хаттии фарҳанги маънавии ниёгони мо шиори «Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек» ҷавҳари тарбияи инсонро ташкил медод. Дар асрҳои миёна ҳам гузаштагони мо мабдаъҳои шабеҳи онро ривоҷ додаанд: ҳадафи таълимот оид ба инсони комил, ки маҳсули афкори донишмандони асримиёнагии мост, маҳз тарбияи инсони соҳиби ахлоқи ҳамида, пиндор, гуфтор ва рафтори накӯ будааст. Истифода аз ин дастовардҳои ниёгонамон ва таълимоти дигари фарҳанги ҷаҳонӣ ва ба шароити замони муосир мутобиқ сохта истифода кардани онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас он қарзи шаҳрвандии ҳар як фарди равшандил аст.

Тарбияи ахлоқи ҳамида ва рафтори шоистаи шахс аз овони кӯдакӣ оғоз мешавад. Оила ва волидайн дар ин раванд нақши асосиро мебозанд. Минбаъд зимоми тарбияро дар якҷоягӣ бо оилаву волидайн муассисаҳои томактабӣ, мактаб ва ҷомеа дар умум ба даст мегиранд. Бо суханони дигар, тарбия равандест, ки муттасил буда, гусастагии як ҳалқаи он тамоми ин занҷирро халалдор месозад. Аз тарафи дигар, тарбия бояд тамоми паҳлуҳои ҳаёти наврасон – омӯзиши хислату сифатҳои шоиста, одоби рафтору муносибат, аз ҷумла муоширати некӯро дар тамоми ҳолатҳои ҳаёти шахсию ҷамъиятии онҳо фаро гирад. Илова бар ин, омода кардани насли наврас барои ҳаёти мустақилона ва рӯзгордорӣ низ як ҷанбаи муҳимми таълиму тарбияи умумии ҷавонон аст.

Бо дар назардошти аҳамияти масъалаҳои дар боло зикршуда дар даврони истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқӣ ва барномаҳои зиёде қабул ва амалӣ шуда истодаанд. Қонуни сирф миллии мо «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки бо иқдоми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2011-ум қабул шуд, сиёсати давлати моро барои тарбияи кӯдакон ва ҷавонон боз ҳам бештар мутаваҷҷеҳ кард. Амалӣ сохтани ин Қонун ва санадҳои дигари дар боло

зикршуда ҷидду ҷаҳди якҷояи тамоми табақаҳои ҷомеа, кулли сохторҳои он ва пеш аз ҳама, мактабро тақозо мекунад. Ба роҳ мондани таълими фанни «Одоби муоширät ва рӯзгордорӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ як қадаме барои дастёбӣ ба ин ҳадаф ва амалӣ сохтани сиёсати давлат дар тарбияи ҷавонони муосир аст. Дар омӯзиши ин фан барои ҳамаи шумо, хонандагони азиз, муваффақият орзу мекунам.

**Нуриддин Саид,**
**вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ФАСЛИ ЯКУМ.

# ОДОБИ МУОШИРАТ

## §1 МАВЗӮЪ, ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ ФАННИ «ОДОБИ МУОШИРАТ ВА РӮЗГОРДОРӢ»

Фасли якуми фанне, ки бо номи умумии «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» баҳри омӯзиш барои шумо, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар пешниҳод гардидааст, барои тарбияи ахлоқию ҳуқуқӣ, ташаккул ва такомули ҷаҳонбинӣ оид ба масъалаҳои ахлоқӣ ва рушди зебоишиносии шахсият нигаронида шудааст. Дар назар аст, ки дар фасли дувуми фан омӯзиши асосҳои рӯзгордорӣ (ё ба истилоҳи мутафаккирони гузаштаи тоҷик – тадбири манзил) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз тарафи шогирдон тарбияи фарҳангию иқтисодии насли наврасро таҳким бахшида, онҳоро бо оини оиладорӣ, сарфаю сариштакорӣ ва хислатҳои дигари шоиста дар соҳаи иқтисоду танзими рӯзгор ошно мекунад.



Бо назардошти суханони боло ҷоизи таъкид аст, ки фанни «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» чун фанҳои дигар ҳадаф ва вазифаҳои мушаххаси худро дорад. Ҳадафи муҳимтарини ин фан мусоидат ба ташаккули шахсиятест, ки дар ҳар гуна муҳити ҷамъиятӣ чӣ тавр рафтор, муомила ва муошират карданро медонад ва барои оиладорию ташкили рӯзгори худ омодагӣ дорад.



Барои расидан ба ҳадафи мазкур зимни таълиму омӯзи-

ши фанни «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» қабл аз ҳама вазифаҳои зерин иҷро карда мешаванд:

1) ташаккул додани тасаввуроти хонандагон дар бораи масъалаҳои асосии одоби муошират ва рӯзгордорӣ – хонандагон бояд бидонанд, ки аз нигоҳи фарҳанги гузашта ва замони муосир кадом масъалаҳову соҳаҳои муошират муҳим маҳсуб мешаванд, ва кадом масъала ва самтҳои рӯзгордорию ташкили корҳо дар оила таваҷҷуҳи бештарро талаб мекунанд;

2) барои хонандагон равшан кардани моҳияти арзишҳо ва мафҳумҳои асосие, ки барои фаҳмиши амиқи одоби муошират ва рӯзгордорӣ ҳамчун падидаҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин, дар интихоби тарзи рафтор дар муҳитҳои гуногуни ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд. Хонандагон бояд мафҳум ва арзишҳои асосии миллӣ ва умумибашариро дар муошират ва танзими рӯзгор бидонанд, шарҳ дода тавонанд, аҳамияти онҳоро дар ҳаёти ҷамъият дарк кунанд ва дар ҳолатҳои гуногун чӣ гуна рафтору муносибат карданро бифаҳманд;

3) нишон додани тарзи амалисозии арзишҳои ахлоқӣ аз ҷониби хонандагон дар раванди муошират, рӯзгордорӣ ва ҷустуҷӯйи роҳҳои қабули қарорҳои бошуурона ва аз ҷиҳати ахлоқӣ асоснок ҳангоми ҳалли масъалаҳои вобаста ба муошират, ташкили рӯзгор ва ғайраҳо хонанда на танҳо бояд арзишҳои ахлоқӣ, мафҳумҳои асосии муошırату муносибат ва танзими рӯзгорро бидонад, балки қобилияти онҳоро дар ҳаёти рӯзмарраи худ амалӣ кардан пайдо кунад ва амсоли он.

Фанни «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» аз ду қисмати ба ҳам марбут иборат аст: 1) одоби муошират; 2) одоби рӯзгордорӣ. Вобаста ба чунин сохтори фан мавзӯъҳои асосии он низ ба ду гурӯҳ тақсим шудаанд.

Қисми аввали фанни мазкур – одоби муошират тартибу қоидаҳоеро меомӯзонад, ки бояд дар муносибат бо дигарон ва рафтор дар муҳити мухталиф риоя карда шаванд.

Зимни омӯзиши ин фасл шумо бо масъалаҳои назариявӣ, ба мисли одоби муошират чун ҷузъи муҳимми ахлоқи

ҳамида ва ҷавҳари зебоии инсон, ҷойгоҳи одоби муошират дар таърихи илму фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ, ҷанбаъҳои ахлоқию ҳуқуқии одоб ва рафтори шахс ва амсоли он ошноӣ пайдо мекунед. Масъалаҳои муҳимми ин қисм ба амалияи одоби муошират дахл дошта, хонандагон мавзӯъҳои вобаста ба тарзи рафтор, қоидаю тартиби муомила ва муносибатро дар муҳити гуногун аз худ мекунанд. Муҳимтарин масъалаҳои ин қисми фан инҳоянд:

- одоби суханварию салом;
- одоби муошират дар оила ва берун аз он;
- одоби муошират ва рафтор дар мактаб;
- одоби муошират ва рафтор дар чорабиниҳои дастаҷамъӣ ва марказҳои фароғатӣ;
- одоби истифодаи таҷҳизоти техникӣ;
- одоби мутолиаи китоб, либоспӯшӣ ва ғайра.

Қисми дувуми фан – одоби рӯзгордорӣ тартибу қоидаҳоеро меомӯзонад, ки бояд дар ташкилу танзими ҳаёти хоҷагию иқтисодӣ ва фарҳангии оила ва рӯзгори шахс риоя карда шаванд.

Зимни омӯзиши ин қисми фан шумо бо масъалаҳои назариявӣ, ба монанди одоби рӯзгордорӣ ё тадбири манзил чун ҷузъи муҳимми маданияти шахс ва оила, ҷойгоҳи ин фан дар таърихи илму фарҳанги миллию ҷаҳонӣ, масъулияти падару модарону омӯзгорон дар ташаккулу тарбияи малакаи рӯзгордории фарзандон ва шогирдон, аҳамияти рӯзгордорӣ дар ташкил, пойдорию рушди оила, сифатҳои инсони рӯзгордор ва амсоли он ошноӣ пайдо мекунед. Масъалаҳои муҳимми ин қисм низ ба амалияи одоби рӯзгордорӣ бахшида шуда, хонандагон дар бораи танзими оиладорӣ ва рӯзгор дониш мегиранд. Муҳимтарин масъалаҳои ин қисм инҳоянд:

- махсусиятҳои одоби рӯзгордории духтарон ва писарон;
- роҳҳои ободонии хона, ҳавлӣ ва атрофи он;
- усулҳои ороиши дастархон;
- оини меҳмоннавозӣ;
- одоби ташкили тӯю маърака;

- оини дахлу харҷ;
- аҳамияти сарфа ва эҳтиёткорӣ дар рӯзгор;
- риояи тартибу интизом, реҷа дар оила ва ғайраҳо.

Дар назар аст, ки бо омӯзиши фанни «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» дар маҷмӯъ шумо бояд на танҳо донишҳои назариявию амалиро аз худ кунед, балки масъалаҳои нақши одобу рафтори писандида ва рӯзгордории оқилонаро дар рушди шахсият ва ҷомеа низ ба хубӣ дарк кунед. Ин чунин маънӣ дорад, ки он донишҳоеро, ки шумо аз падару модар, хешу ақрабо ва наздикон дар ҳаёти рӯзмарраи худ гирифтаед, бояд бо донишҳое, ки дар китобҳои гузаштаву муосири мо оид ба муошират ва рӯзгордорӣ инъикос ёфтаанд, боз ҳам мукаммал кунед ва онҳоро дар амал татбиқ намоед.

«Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» ҳамчун фан аз ҷумлаи илмҳои иҷтимоӣ (гуманитарӣ) буда, бо фанҳои дигари ин гурӯҳ робитаи мустаҳкаме дорад. Аз ҷумла, чунонки қайд шуд, он ҷузъи илми ахлоқ аст ва аз ин рӯ, ба назария ва принсипҳои, илми ахлоқ (этика) такя мекунад. Фанҳои равоншиносӣ ва педагогика барои одоби муошират дар фаҳмиши шахсият, хусусиятҳои ҷинсию синнусолии одамон ва мавзӯъҳои дигари амсоли он маълумот медиҳанд. Аз таъриху мардумшиносӣ (этнография) дар бораи шаклҳои таърихии ахлоқ ва одоби муошırату рӯзгордорӣ дар тӯли таърих ва дар фарҳангу тамаддуни мардуми мухталиф барои фанни омӯхташаванда маълумот гирифта мешавад. Ҳамчунин, «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» бо фалсафа, ҳуқуқ, адабиёт, забоншиносӣ ва чандин илмҳои дигар робитаи қавӣ дорад.

Ба сабаби робитаҳо бо илм ва фанҳои дигар дар ин китоби дарсӣ аз фанни «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» маводди таълимӣ ва иловагӣ бо истифода аз таҳқиқоти фалсафию ахлоқӣ, иқтисодию педагогии илми муосири тоҷик, осори мутафаккирони гузаштаю имрӯзаи Шарқу Ғарб ва комёбиҳои илмии ҷаҳони муосир дар соҳаи ахлоқ, зебоишиносӣ, педагогика, психология, этикет, иқтисод ва илмҳои дигар таҳия шудаанд.

Таълим ва омӯзиши ҳамаи ин барои ташаккули шахсияти шумо чун инсони боодобу бофарҳанг, хушмуомилаю хушрафтор, ботадбиру рӯзгордор ва барои ҳаёти мустақилона дар оила ва ҷомеа омодабуда муосидат мекунад. Натиҷаи ниҳоӣ аз омӯзиши фанни «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» бояд боз ҳам ғанию рангинтар шудани ҷаҳони маънавӣ, олами ботинии ҷавонони муосири кишвари азизи мо ва ҳусни тозае зам кардан ба рафтори онҳо дар ҷомеа бошад. Ба даст овардани чунин натиҷаҳо як қадами ҷиддие дар боло бурдани масъулияти падару модарон, омӯзгорон, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзандон дар рӯҳияи инсондустӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худи шумо, фарзандон, мебошад.

## Маводди иловагӣ

**1) Бузургон дар васфи одоби муошират ва рӯзгордорӣ**

Дар муошират чунон бояд буд, ки дӯстонро душман… накунӣ.

**Пифагор**

Муошират бо одамони бад хулқи некӯро вайрон мекунад.

**Иероним**

Ва сухан бувад, ки бигӯянд ба иборате, ки аз шунидани он рӯҳ тоза шавад ва ҳамон сухан ба иборате дигар битавон гуфтан, ки рӯҳ тира гардад.

**Унсурулмаолии Кайковус**

***

То замоне ки мутмаин нашудаӣ, ки метавонӣ аз уҳдаи тамоми мушкилоти зиндагӣ бароӣ, издивоҷ макун.

**Имоми Аъзам**

Барои рӯзи ҳоҷат шахси хирадманд набояд ғофил бошад, аз ин ки рӯзгор ҳаводису масоибу[1] пасту баландиҳое дорад, ки бояд барои он мавоқеъ аз пеш захира ва моле андӯхт.

**Ибни Сино**

[1]Масоиб – мушкилиҳо, сахтиҳо.

Пас саноати тадбири манзил, ки онро ҳикмати манзилӣ хонанд, назар бошад дар ҳоли ин ҷамоат бар ваҷҳе, ки муқтазии[1] маслиҳати умум бувад... Манфиати ин илм омму ногузир бошад ва фавоиди он ҳам дар дину ҳам дар дунё шомил.

**Насируддини Тӯсӣ**

**2) Ҳикоят аз «Гулистон»-и Саъдӣ**

Яке аз вузароро писаре кавдан[2] буд. Пеши яке аз донишмандон фиристод, ки мар инро тарбияте мекун, магар оқил шавад. Рӯзгоре таълим кардашу муассир набуд. Пеши падараш кас фиристод, ки ин писар оқил намешавад ва наздик аст, ки маро девона кунад.

Чун бувад асли гавҳаре қобил,
Тарбиятро дар ӯ асар бошад.
Ҳеҷ сайқал накӯ наёрад кард,
Оҳанеро, ки бадгуҳар бошад...

## Савол ва супориш

1. Ҳадафи муҳимтарини фанни «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» аз чӣ иборат аст?

3. Вазифаҳои асосии фанни «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ»-ро номбар кунед.

4. Одоби муошират кадом тартибу қоидаҳоро меомӯзонад?

5. Муҳимтарин масъалаҳои амалияи одоби муоширатро номбар кунед.

6. Одоби рӯзгордорӣ кадом тартибу қоидаҳоро меомӯзонад?

7. Муҳимтарин масъалаҳои амалияи одоби рӯзгордориро шарҳ диҳед.

[1] Муқтазо – тақозо, хоҳиш.
[2] Кавдан – аблаҳ.

8. Робитаҳои «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ»-ро бо илмҳои дигар номбар кунед.

9. Суханони бузургонро дар васфи одоби муошират ва рӯзгордорӣ аз бар кунед.

10. Ҳикоят аз «Гулистон»-и Саъдиро мухтасаран шарҳ диҳед.

## § 2 МУОШИРАТ ЧУН ҶУЗЪИ МУҲИММИ АХЛОҚИ ҲАМИДА ВА ҶАВҲАРИ ЗЕБОИИ ИНСОН



Одоби муошират як қисмати муҳимми илми ахлоқ (этика) аст. Ахлоқ аз ҷиҳати луғавӣ ҷамъи калимаи хулқ аст, ки маънии рафтору кирдор, одат, сиратро дорад. Ҳамчун мафҳум ахлоқ яке аз шаклҳои асосии танзими меъёрии рафтори одамон дар ҷомеа буда, афкору эҳсосот, мабдаъ (принсип), ҳадаф ва шаклҳои гуногуни муносибатҳоро дар асоси тасаввуроти инсон оид ба некию бадӣ, адолату беадолатӣ, шарафу виҷдон ва амсоли он дар бар мегирад. Одоби муошират низ ба ҳамин гуна тасаввуроти ахлоқии инсон асос ёфтааст.

«Одоби муошират» аз ду мафҳуми асосӣ иборат аст. Қисмати аввали он – одоб ҷамъи калимаи адаб аст. Адаб, чуноне ки аз фанни адабиёт омӯхтаед, хулқ рафтор, гуфтор ва кирдори нек, ҳусни муомила, сифатҳои шоиста ва хислатҳои дигари писандидаи инсонро мефаҳмонад. Вале одоб дар маҷмӯъ агар аз як тараф ҳама шаклҳои адабро ифода кунад, аз тарафи дигар



шакли зуҳур кардани адаби шахс ё тарзу равиши тарбияи адабро ба инсон фаро мегирад. Бо ҳамин сабаб одоб маънии қоидаву тартибро низ дорад.

Қисмати дувуми мафҳуми «Одоби муоширaт» – калимаи «муошират» дар луғат маънии муомила, муносибат, робита ва алоқаи одамон бо ҳамдигарро дорад. Ҳамчун мафҳум муошират маънии раванди барқарорсозӣ ва рушди робитаю алоқаи байни одамонро мефаҳмонад, ки аз талабот барои фаъолияти якҷоя, мубодилаи афкор, ахбор, эҳсосот ва амсоли он ба миён меоянд.

Дар маҷмӯъ **он тартибу қоидаҳои одобро, ки инсон дар муомила бо дигарон риоя мекунад, одоби муошират меноманд.** Фасли аввали фанне, ки шумо ба омӯхтани он оғоз кардед, маҳз ҳамин тартибу қоидаҳоро меомӯзонад.

Муошират на танҳо масъалаи муҳимми илм дар бораи ахлоқ (этика), балки ҷузъи муҳимми хулқу рафтори инсонӣ аст. Муошират ба эҳтиёҷи инсон ба инсони дигар асос ёфтааст. Бо ҳамин сабаб муколама, гуфтугӯ, суҳбат, робитаи забонӣ воситаҳои асосии муоширати байни одамон ҳисоб мешавад. Вале дар баробари ин, дар муошират нақши имою ишора ва тарзи рафтори шахс низ муҳим аст. Аз ин рӯ, одатан дар қатори одоби муошират ҳатман дар бораи рафтори шахс дар ин ё он соҳа низ сухан мегӯянд. **Рафтор дар маҷмӯъ тарзи муомила, либоспӯшӣ, шишту хез, суҳбат ва шаклҳои дигари муносибати инсон дар оила ва ҷойҳои ҷамъиятӣ буда, дараҷаи шуурнокӣ, фаросат, ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи ҳаётии шахсро зоҳир мекуняд.** Мафҳуми «рафтор» аз «муошират» ва мафҳуми «маданияти рафтор» аз «одоби муошират» васеътар буда, на танҳо тарбияи ахлоқӣ, балки сиёсию ҳуқуқӣ, эстетикию фарҳангии шахсро бапуррагӣ фаро мегиранд.

Вақте муошират мегӯянд, муносибати байни одамонро дар назар доранд. Аммо дар замони муосир дар қатори муоширати инсон бо инсон, оид ба муоширати инсон бо таҷҳизоти техникӣ (масалан, компютер ё асбобҳои дигари рӯзгор) низ дар назар дошта мешавад, ки махсусиятҳои худро дорад.

Муоширaт дар ҳаёти инсон вазифаҳои муайянеро иҷро мекунад. Аз ҷумла, муошират метавонад воситаи расонидан ё гирифтани ахбори тоза, фориғшавии инсон аз ҳолатҳои ғамгинӣ, асабоният ва амсоли он гардад. Ё худ, тавассути муошират инсон имкон пайдо мекунад, ки аз дигарон арзишҳои ахлоқию фарҳангии навро биомӯзад ва ғайра. Аз ин рӯ, ибораи машҳур, ки «Ҳаёт ин муошират аст» то андозае асос дошта, риояи тартибу қоидаҳои муошират ҳаёти шахсро рангинтару пурсамартар мегардонад .

Одоби муошират ва оини рафтор, маданияти худ ва принсипҳои мушаххаси ахлоқӣ доранд. Аз ҷумлаи чунин принсипҳои ахлоқии муошират инҳоянд:

- инсондӯстӣ – беғаразӣ, дар назар гирифтани манфиатҳои худ ба фоидаи дигарон, риояи қатъии меъёрҳои ахлоқӣ дар муносибат бо одамон;
- накӯкорӣ – қобилияти ташкили робита ва муошират бо дигарон аз мавқеи тасаввурот дар бораи некӣ;
- устуворӣ – сабру тоқат дар рӯ ба рӯйи мушкилот ва монеаҳо дар зиндагӣ;
- серталабӣ – эҳсоси масъулият дар иҷрои вазифаҳои ахлоқӣ аз ҷониби худ, талаби қатъӣ барои иҷрои чунин вазифаҳо аз ҷониби дигарон ва ғайра.

Муошират ва тартибу қоидаҳои он хусусиятҳои миллӣ ва умумибашарӣ доранд. Хусусиятҳои миллии одоби муошират дар он зуҳур меёбанд, ки ҳар як халқу миллат дар риояи он ба анъана, урфу одат, расму оин, худшиносӣ, фарҳанг ва таърихи худ такя мекунад. Масалан, намояндагони ҳар як миллат дар иҷрои одоби салом, нишаст гирди дастархон, ифодаи эҳтиром ва амсоли он бо тарзи худ рафтор мекунанд. Хусусиятҳои умумибашарии одоби муошират дар қарнҳои охир пайдо шуда, умумияти иҷрои одоби муоширатро дар байни ҳама халқу миллатҳо дар баъзе соҳаҳо ифода мекунанд (масалан, одоби муошират дар муносибатҳои дипломатӣ, одоби нишаст ва истеъмоли ғизо гирди мизи аврупоӣ ва ғайра).

Бо сабаби мавҷудияти хусусиятҳои миллӣ дар илми

ахлоқ одоби муоширатро аососан ба ду навъ – шарқӣ ва ғарбӣ (аврупоӣ) тақсим мекунанд. Вале боиси таъкид аст, ки дар замони муосир тақсимбандии ахлоқ ва умуман, фарҳанг ба шарқию ғарбӣ рамзӣ буда, инсони асри кайҳон кӯшиш мекунад, ки соҳиби беҳтарин ахлоқи ҳамидаи инсоният бошад.

Ҳамчунин, ба сабаби универсалӣ будани одоби муошират, яъне мавҷудияти он дар байни ҳама халқу миллатҳо, дар илми муосир як истилоҳе бо номи «этикет» бо ҳама забонҳо умумиистеъмол шудааст. Ин истилоҳ, ки аслан калимаи фаронсавӣ мебошад, шаклу усули рафтор, қоидаҳои ифодаи ҳурмату эҳтиром ва амсоли онро, ки дар ин ё он ҷомеа (ё гурӯҳи одамон) қабул шудаанд, мефаҳмонад. Баибораи дигар, этикет то андозае муродифи одоби муошират аст. Одоби муошират ё этикет шаклҳои гуногун ва соҳаҳои мухталифи истифода дорад.

Ба ҳамин тариқ, мафҳумҳои асосие, ки шумо дар боло бо шарҳи мухтасари онҳо ошноӣ пайдо кардед (хулқ, ахлоқ, илми ахлоқ – этика, одоб, муошират, одоби муошират, рафтор, оини рафтор, принсипҳои ахлоқии муошират, этикет ва ғайра.), ба шумо имкон медиҳанд, ки ба муҳимтарин масъалаҳои ахлоқӣ ва одоби муошират хубтар сарфаҳм равед. Донистани масъалаҳои одоби муошират ба ҳар як инсон барои таъмини зебоии ботинию зоҳирии худ ва боло бурдани нуфузу эътибори шахсияташ дар байни мардум ёрӣ мерасонад.

## Маводди иловагӣ

### Бузургон дар васфи одоби муошират

Беҳтарини корҳо муошират бо хирадмандон аст.

**Аристофан**

Бе дӯстӣ ягон муошират байни одамон арзише надорад.

**Суқрот**

Муошират... мутанаввеъ бувад ба се навъ: аввал, муошират бо дӯстон ва дуввум, муошират бо душманон ва севум, муошират бо касоне, ки на дӯст бошанд ва на душман.

**Насируддини Тӯсӣ**

Аз хушмуомилагӣ дида чизе арзонтар дар зоҳир кардан ва қиматтар дар баҳогузорӣ шудан нест.

**Сервантес**

Муошират касро наку ва сарбаланд мекунад; дар ҷамъият баръакси танҳоӣ инсон беихтиёр, бе сохтакорӣ бо тарзи дигар рафтор мекунад.

**Л. Фейербах**

Ҳар гуна муошırате, ки инсонро боло намебарад, ба пастӣ мекашад ва баръакс…

**Ф. Нитсше**

Ягона шукӯҳу ҳашамате, ки ман медонам, ин шукӯҳу ҳашамати муошират бо одамон аст.

**Антуан де Сент-Экзюпери**

## Савол ва супоришҳо

1. Ахлоқ ҳамчун мафҳум чӣ маънӣ дорад?
2. Мафҳумҳои адаб ва одобро шарҳ диҳед.
3. Одоби муошират кадом тартибу қоидаҳоро меомӯзонад?
4. Принсипҳои асосии ахлоқии муоширатро тафсир кунед.
5. Этикет чист?
6. Баъзе соҳаҳои муҳимми риояи одоби муошират ва этикетро номбар кунед.
7. Суханони бузургонро дар васфи одоби муошират аз ёд кунед.

## § 3 МАҚОМИ ОДОБИ МУОШИРАТ ДАР ТАЪРИХИ ИЛМУ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА ҶАҲОНӢ

Дар фарҳанги мардуми тоҷик нахустин афкори ахлоқӣ ва ақидаҳо дар бораи одоби муошират дар манбаъҳои хаттӣ ибтидо аз қарни нуҳуми то милод ба мушоҳида мерасанд. Шиори асосии фарҳанги қадимаи ниёгони мо «Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» буда, инсонро ба он ҳидоят мекунад, ки на танҳо фикру андешаи нек дошта бошад, балки сухани хуб гӯяд ва муҳимтар аз ҳама, дар ҳама ҳолатҳо танҳо рафтори шоиста кунад.



Дар китоби «Авасто», ки аз нахустин маъхазҳои хаттии фарҳанги мо мебошад, ақидаҳои зиёде дарҷ ёфтаанд, ки бо муносибати одамону муошират байниҳамдигарии онҳо алоқамананд. Тибқи таълимоти ин китоб инсон ҳамеша бо мубориза некию бадӣ рӯ ба рӯ буда, бояд дар ин набард ҷонибдори некӣ бошад. Дар «Авасто» пайваста таъкид мешавад, ки инсон бояд фақат рост гӯяд, ба ваъда вафо кунад ва адолатпешаю меҳнатдӯст бошад. Накукорӣ дар ин китоб ба ду қисм – ақлонӣ (хирадмандӣ, боидрокӣ, соҳибмаърифатӣ) ва ахлоқӣ (мардонагӣ, боадолатӣ) ҷудо мешавад, ки бо ҳамдигар дар раванди муносибатҳои инсонӣ алоқаманд мебошанд.

Аз замонҳои куҳан дар маъхазҳои фарҳангии халқҳои дигар, аз ҷумла дар китобҳои Чини Қадим, накукорӣ ва боахлоқӣ тарғиб шудааст. Дар таълимоти файласуфи машҳури ин сарзамин – Конфутсий эҳтироми падару модар, накукорӣ, меҳрубонӣ ва хислатҳои дигари шоиста асоси муошират инсон бо инсон ва инсон бо ҷомеа ҳисобида шудааст.

Дар фарҳанги Ҳинди Қадим низ инсон ба чунин тарзи рафтор даъват шудааст, ки он бояд ба зарари дигарон ва худи ӯ набошад. Барои риояи ин қоида инсон бояд ба махлуқоти дигар зиён наорад, моли дигаронро аз худ накунад, ҳамеша қаноатпеша бошад, аз дурӯғ гуфтан канораҷӯйӣ кунад ва аз истеъмоли моддаҳои мадҳушкунанда, ки хирадро торик месозанд, худдорӣ кунад.

Бо пайдоиш ва рушди фарҳанги масеҳию исломӣ низ тарғиби одобу ахлоқи ҳамида дар ҷойи аввал қарор гирифт.

Умуман, дар фарҳангҳои мухталифи даврони қадим таваҷҷуҳи зиёде ба масъалаҳои ахлоқ ва одоби муошират равона шудааст. Худи истилоҳи «муошират» ба маънии ҳози-

раи он, бори аввал дар илми ҷаҳонӣ дар асарҳои файласуфи юнонӣ Арасту (асри чоруми то милод) истифода шудааст. Ин мутафаккир чунин меҳисобид, ки дар муошират, яъне «чӣ тавр бояд гуфтушунид», ҳатман одоби муайяне вуҷуд дорад. Риояи эътидол ё «васати тиллоӣ» (нигоҳ доштани андоза, каму зиёд нарафтан) дар муошират аз нигоҳи Арасту маънии муомилаи дӯстона ба ҳама одамонро дар ҳама гуна ҳолатҳо ифода мекунад. Худи дӯстӣ низ аз назари Арасту танҳо тавассути муошират бо дигарон қавӣ мешавад.

Таълимоти Арастуро оид ба ахлоқ ва одоби муошират дар асрҳои миёна дар сарзамини Шарқ Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Насируддини Тусӣ, Ҷалолиддини Давонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон идома додаанд.

Абӯнасри Форобӣ (873 – 950) чунин меҳисобид, ки ҳадафи инсон расидан ба саодат, ба хушбахтӣ аст. Барои касби саодат инсон бояд илмҳои гуногунро биёмӯзад. Омӯхтани илм бе сайқали зеҳн ва такмили ахлоқ ғайриимкон аст. Аз тариқи, Абӯнасри Форобӣ бар ин ақида аст, ки дар ҷомеа аҳли он бояд бо ҳамдигар ва бо сарвари ҷомеа муошироти меҳрубонона дошта бошанд.

Мутафаккири бузурги тоҷик Ибни Сино (980-1037) ақида дошт, ки ахлоқи инсонӣ на модарзодӣ, балки касбӣ мебошад, яъне ақл ва хулқу атвори одам дар раванди ҳаёти ӯ рушду такомул меёбанд. Дар такмили инсон нақши таълим ва тарбия хеле муҳим аст. Барои Ибни Сино хулқи бад бемории рӯҳиест, ки табобат мешавад. Аз тариқи тарбия кӯшиш ба худшиносӣ ва касби камол ё худтакмилдиҳӣ роҳҳои асосии рушди ахлоқии инсон мебошанд. Ин мутафаккир муносибати дӯстонаро байни одамон, новобаста ба дину мазҳаб, қавм ва ирқи онҳо, вазифаи муҳимтарини ахлоқӣ барои ҷомеаи инсонӣ медонад.

Унсурулмаолии Кайковус (асри X1), ки муаллифи «Қобуснома» аст, дар таҳияи қоидаҳои рафтори намояндагони табақаҳои гуногуни аҳолӣ дар илми ахлоқ хизматҳои

шоистае кардааст. Меъёрҳои ахлоқии таҳиякардаи ӯ аз ҳаёти рӯзмарраи мардум гирифта шудаанд. Риояи эътидол ё нигаҳ доштани андоза ҷавҳари таълимоти ахлоқии ин мутафаккир аст. Унсурулмаолии Кайковус чунин меҳисобид, ки мартабаи инсон на ба вазифа ва баромади иҷтимоии ӯ, балки ба ақлу заковат ва ахлоқаш вобаста аст. Тарбияро мутафаккир асоси ташаккули ахлоқи ҳамида медонад. Ӯ ҳамчунин, масъалаҳои ахлоқиро чун эҳтироми падару модар, ахлоқи касбӣ, издивоҷ ва оиладорӣ, рӯзгордорӣ, одоби сухан ва амсоли он хеле хуб баррасӣ кардааст.

Насируддини Тӯсӣ (1201-1272) озодии иродаи инсонро (яъне, озод будани шахс дар интихоби тарзи амалу рафтор) қоил буда, ахлоқро дар ин замина тағйирпазир меҳисобад. Ахлоқ аз назари ӯ ба саломатии ҷисми инсон, аз қобилиятҳои табиии ӯ, аз роҳҳои тарбия ва мақоми инсон дар ҷомеа вобаста аст. Ин мутафаккир қоида ва меъёрҳои ахлоқиро ба низом даровarda, ақидаро оид ба таъсири ахлоқ ба рушди ҷомеа асоснок кардааст. Насируддини Тусӣ таҳти таъсири Ибни Сино дар рушди илми рӯзгордорӣ (тадбири манзил) низ хизматҳои бузурге карда, оид ба одоби баҳс рисолае таълиф кардааст.

Ҷалолиддини Давонӣ (асри Х1У) ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ (асри ХУ1) ҳам бо осори худ дар рушди илми ахлоқ, одоби муоширaт ва оини рӯзгордорӣ хизматҳои шоиста кардаанд. «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Давонӣ масъалаҳои ахлоқ ва тадбири манзилро дар бар мегирад. Дар «Футувватномаи султонӣ»-и Кошифӣ ахлоқи футувват – ҷавонмардӣ баррасӣ шудааст. Ҷавонмард аз нуқтаи назари ин мутафаккир, ҳар чӣ мегӯяд, иҷро мекунад, ҳаргиз ба ростӣ муқовимат намекунад ва пурсабру пуртоқат аст. Ҳамчунин, далерӣ, хушсуханӣ ва амсоли он низ аз хислатҳои ҷавонмардон буда, онҳо бо ахлоқи ҳамида ва рафтори намунавӣ аз дигарон тафовут доранд.

Умуман дар таърихи илму фарҳанги ниёгони мо дар асрҳои миёна масъалаҳои ахлоқӣ ва одоби муоширaт хеле васеъ инъикос шудаанд. Муҳимтарин ақидаҳои мутафакки-

рони ин даврон дар таълимот оид ба инсони комил ҷамъбаст шудаанд. Инсони комил тибқи ин таълимот шахсияти ҳамаҷониба рушдкарда, ҷисман солим, ахлоқан пок, рӯҳан ғанӣ ва дар муошират намунаи дигарон буда, расидан ба мартабаи он бояд идеали воқеии ҳар як шахси хушахлоқу боодоб бошад.

Аз асри ХУ то чоряки аввали асри ХХ ақидаҳои ахлоқӣ, одоби муошират ва рӯзгордорӣ дар асарҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Восифӣ, Камолиддини Биноӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Сайидои Насафӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Абдуррауфи Фитрат, Мирзо Абдувоҳиди Мунзим ва дигарон дарҷ ёфтаанд. Аз ҷумла, дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш масъалаҳои доир ба ҳуқуқи падару модар, ҷамъи молу муомилаи он, манфиати сафар, хислатҳои занон, одоби никоҳ ва шароити издивоҷ ва амсоли он баён гардидаанд.

Китоби устод Садриддин Айнӣ «Таҳзиб-ус-сибён» яке аз китобҳои нахустин дар таърихи маорифи тоҷик доир ба тарбияи замонавии насли наврас ҳисоб мешавад. Дар он оид ба эҳтироми падару модар, аҳамияти дӯстию рафоқати бачаҳо, кӯшиши онҳо дар роҳи таҳсили илм, хонаводаи хушбахт ва ғайра сухан меравад.

Ба ҳамин минвол дар асарҳои Абдуррауфи Фитрат, хусусан, дар қиссаи «Мунозира»-и ӯ масъалаҳои тарбияи замонавии кӯдакону калонсолон, зарурати мутолиаи китобу рӯзномаҳо ва масъалаҳои дигари тарбияву таълим инъикос шудаанд.

Таҳти таъсири афкори фалсафии Шарқ ва ҳам мустақилона дар кишварҳои Ғарб дар асрҳои миёна, Замони Нав ва даврони муосир таълимоти ахлоқӣ ва ақидаҳо оид ба одоби муошират рушди беандоза карданд. Аз ҷумла, дар осори яке аз мутафаккирони бузурги фаронсавӣ М. Монтен (1533-1592) чунин омадааст: муошират се навъ мешавад – муошират бо дӯстон, бо занон ва бо китоб. Аз назари М. Монтен муошират бо китоб робита бо муаллифи китоб ва гуфтугӯ бо худ буда, аз ҳамаи навъҳои муошırати зикршуда беҳтар

аст. Танҳо ҳамин навъи муошират қаноатмандии комили инсонро таъмин месозад.

Мутафаккири дигари ғарбӣ Л. Фейербах (1804-1872) чунин меҳисобид, ки моҳияти инсон танҳо дар муошират ва ягонагии инсон бо инсони дигар зуҳур мекунад. Ягонагии инсон бо инсони дигар аз муҳаббат, ки дар раванди муошират нақши асосиро мебозад, оғоз мешавад. Зери мафҳуми муҳаббат мутафаккир эҳтироми ҳамдигарро дар назар дорад.

Дар асоси таълимоти мавҷудаи ахлоқӣ ва анъанаҳои роиҷ дар Ғарб этикет, яъне қоидаҳои одоби муошират ба вуҷуд омад. Асосҳои он ҳанӯз дар дарбори шоҳи Фаронса – Людовики XIV (1638-1715) гузошта шуда, аз таҷрибаи Италия ва Англия реша гирифтаанд. Ин этикет то замони мо, махсусан, дар соҳаҳои зерин хеле рушд кард: одоби сухан, хӯрок, тӯйи арӯсӣ, дафн, одоби муоширати дипломатӣ, касбӣ (ҳарбӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ, хизматрасонӣ), хизматӣ, одоби муошират дар маҳфилҳо ва ғайра. Маҳз ҳамин соҳаҳои муошират дар асарҳои донишмандону олимони асри XX ва ибтидои қарни мо баррасӣ шуда, ҳоло ҳамасола китобҳои зиёде доир ба этикет ва қоидаҳои он дар ҳама кишварҳои олам ба чоп мерасанд.

Умуман, масъалаҳои ахлоқ, рафтори одамон ва навъҳои гуногуни муошırати байни онҳо дар илму фарҳанги ҳар давру замон ҷойгоҳи хоссаи худро доштаанд. Беҳтарин намояндагони илму адаб, фарҳангу дин, бузургтарин шахсиятҳо кӯшидаанд, ки инсонро ба роҳи рост, некию накукорӣ, адлу инсондӯстӣ ва хислатҳои дигари шоиста ҳидоят кунанд. Аз ин рӯ, аз худ кардани осори бузургони таърихи илму фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ ба ҳар як хонанда шароит фароҳам меорад, ки ҷаҳони маънавӣ ва зебогии ботинию зоҳирии худро ғанитар гардонида, бо рафтори шоиста, ахлоқи ҳамида ва одоби писандидаи муошират мақоми сазовори худро дар байни наздикон, дӯстон ва тамоми аҳли ҷомеа пайдо кунад.

## Маводди иловагӣ

**1) Дар бораи тарзи муошират**

Мо барои хушбахтӣ ибодат мекунем: бо каломи моҳирона, бо пиндору кирдори нек, бо суханони росте, ки боварибахш гуфта шудаанд.

**Аз «Авасто»**

Ҳар кӣ бар мум мерасад, сиёҳ мешавад ва ҳар кӣ муоширати бо шахси ҳавобаланд мекунад, ба он монанд мешавад.

**Аз «Таврот»**

Дар муошират бо марди нек се навъ иштибоҳ мекунанд: шурӯъ кардан ба сухангӯйӣ, агар вақти он нарасида бошад – ин бетоқатӣ аст, сухан нагуфтан, чун вақти сухан расида бошад – ин сир махфӣ доштан аст, сухан карда ба рӯйи шахс нигоҳ накардан – ин нодида гирифтан аст.

**Конфутсий**

Бо мардум ҳамон тавре рафтор кун, ки бо худат рафтор мекунӣ ва барои онҳо ҳамон чизеро биписанд, ки онро барои худат announce мееписандӣ.

**Имоми Аъзам**

**2) Порча аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус**

Андар фарзанд парваридан ва оини он

Бидон, эй азизи ман, ки агар Худой туро писаре диҳад, аввал номи хуш бар вай неҳ, ки аз ҷумлаи ҳаққҳои падарон яке ин аст. Дувум он ки ба доягони меҳрубон супор... Пас, бояд ки ҳар чӣ омӯхтанӣ бошад, аз фазлу ҳунар, фарзандро биёмӯзӣ, то ҳаққи падариву шафқати падарон ба ҷо оварда бошӣ, ки аз ҳаводиси олам эмин натавон буд ва натавон донист, ки бар сари мардумон чӣ гузарад. Ҳар ҳунареву фазле рӯзе ба кор ояд. Пас дар фазлу ҳунар омӯхтан тақсир набояд кардан.

## Савол ва супориш

1. Шиори «Авасто» – «Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек»-ро шарҳ диҳед.

2. Конфутсий ба кадом масъалаҳои ахлоқӣ бештар тавачҷуҳ кардааст?

3. Аз нуқтаи назари буддоия барои тарзе рафтор кардан, ки ба зарари худ ва дигарон набошад, инсон бояд чӣ кор кунад?

4. Дӯстӣ аз назари Арасту бо муошират чӣ гуна алоқамандӣ дорад?

5. Тарзи муоширати аҳли ҷомеаро аз нуқтаи назари Абӯнасри Форобӣ шарҳ диҳед.

6. Роҳҳои асосии рушди ахлоқии инсон ба ақидаи Ибни Сино кадомҳоянд?

7. Ҷавҳари таълимоти ахлоқии Унсурулмаолии Кайковусро риояи кадом меъёр ташкил медиҳад? Ин нуктаро тафсир кунед.

8. Ба ақидаи Насируддини Тӯсӣ ахлоқ аз кадом омилҳо вобаста аст?

9. Асосҳои ахлоқи ҷавонмардиро аз гуфтаҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ номбар кунед.

10. Садриддин Айнӣ ва Абдуррауфи Фитрат ба кадом масъалаҳои ахлоқӣ ва одоби муошират бештар таваҷҷуҳ кардаанд.

11. Кадом навъи муошират ба ақидаи М. Монтен беҳтарин аст?

12. Ба кадом навъи муносибат Л. Фейербах дар раванди муошират нақши асосиро ҷудо мекунад?

13. Этикет – одоби муошират аз таҷрибаи кадом давлатҳои аврупоӣ гирифта шуда, минбаъд дар кадом соҳаҳо рушд кардааст?

14. Суханони бузургонро дар бораи тарзи муошират аз ёд кунед.

15. Мазмуни порча аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковусро мухтасаран баён кунед.

## § 4 ОДОБИ СУХАНВАРӢ ВА БАҲСУ МУНОЗИРА

Инсон ҳамеша бо атрофиён, бо падару модар, аҳли оила, наздикон, хешовандон, ҳамсоягон, муаллимону ҳамсинфон, ҳаммактабҳо, дӯстону рафиқон, шиносу бегонагон дар муошırату муомила қарор дорад. Муошırату муомила ба воситаи сухан, саволу ҷавоб, баҳсу мунозира ва амсоли онҳо сурат мегирад.

Сухан воситаи муҳимтарини муносибат ва алоқаи байниҳамдигарии одамон мебошад. Суханварӣ маънии боодобона, тибқи талаботи фарҳангу маданияти сухан, бо риояи бомазмунӣ, дақиқӣ, равшании маънӣ, тозагии забон, ифоданокӣ ва саҳеҳии фикр вобаста ба вазъият ва ҳадафи гузошта расонидани таъсир ба дигарон аст. Саволу ҷавоб – пурсиш аз дигарон оид ба ин ё он масъала ва ҷавоб додан ба пурсиши шахсони дигар дар бораи ин ё он мавзӯъ, ҳамчунин, баҳсу мунозира ба дигарон фаҳмонидани мавқеи худ ва исбот кардани дурустии фикри шахсӣ оид ба масъалаҳои мухталиф иҷрои талаботи суханвариро талаб мекунад. Аз ин рӯ, дар ҷомеа ба одоби сухану суханварӣ аҳамияти калон дода мешавад.



Дар оила аввалин ҳарфу сухан гуфтанро модар ёд медиҳад, дар кӯдакистон мураббиён сухани бачагонро такмил медиҳанд, дар мактаб аз ибтидо то интиҳои таҳсил сухан гуфтан таълим дода мешавад. Маҳз ба шарофати чунин эътибору ғамхорӣ мо мунтазам сухангӯию суханварӣ меомӯзем.

Барои хонанда зарур аст, ки сухандон бошад ва дар баробари ин ки бо забони адабӣ сухан мегӯяд, забонаш мантиқан дуруст бошад, бояд гуфтораш низ ба талаботи ахлоқи писандида мувофиқ бошад.



Суханаш бомаъниӣ ва зебо буда, дар он ҳурмату эҳтироми одамӣ риоя гардад.

Дар китобҳои пурқимату муътабари «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ, «Ахлоқи ҷалолӣ»-и Ҷалолиддини Давонӣ, «Футувватномаи Султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Таҳзиб-ус-сибён»-и Садриддин Айнӣ, асарҳои Абдурраруфи Фитрат, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим ва ғайра ба таври махсус қоидаҳои одоби сухан баён ёфтаанд. Бисёр қоидаҳои одоби суханро адибону шоирони мутафаккир низ бо санъати баланди бадеӣ, зебову муассир ифода кардаанд. Онҳо ҳам маънии ахлоқӣ, ҳам мантиқӣ, ҳам зебоиписандӣ дошта, қадру қимати худро то ба имрӯз гум накардаанд. Зеро онҳо арзишҳои ҷовидонианд, ки бо андаке таҳрир барои толибилмони ҳикматдӯсти муосир низ хеле муфиданд. Аз ҷумла, баъзе талабот оид ба одоби сухан чунин аст:

- Суханро ба лутф, нармӣ бояд талаффуз кард, на ба дуруштиву дағалӣ ва овоз на паст ва на баланд, балки миёна, боэътидол бошад;
- Ҳангоми сухан чеҳра бояд кушода ва шукуфон бошад, бо дасту абруву чашмон ҳаракатҳои зиёдатӣ нашояд ва ба чапу рост набояд нигарист;
- Сухани бисёр набояд гуфт, танҳо дар зарурат, мувофиқи ҳолу фаҳмиши шунаванда ва бомаънию боманфиат бояд гуфт;
- Аввал фикру андеша, сипас сухани гуфтаниро дар хотир бояд барқарор сохт ва баъд ба забон овард;
- То напурсанд, сухан набояд гуфт, ё суханеро пурсанд, ки ба шумо дахл надорад, набояд ҷавоб гӯед;
- Дар миёни сухани касе сухан гуфтан нашояд ва сухани

гӯяндаро набояд бурид ва агар касе ҳикояте кунад, вале нафаре аз шунавандагон аз он воқиф аст, то гӯянда нақлашро тамом накунад, бояд ором истад, ҳамчунин, то он даме, ки гӯянда суханашро тамом накунад, дигаре ба ҷавоб набояд шурӯъ кунад;

- Шунидан аз гуфтан бояд ҳамеша бештар бошад.
- Дар гуфтор истифодаи калимаҳои зиёдатӣ, монанди «вай-вай», «сонӣ-сонӣ», «сонӣ баъд», «хӯш ки бошад», «ман ба Шумо гӯям», «чӣ буд», «чӣ-чӣ», «хуб-хуб» нашояд ва ғайра.

Мактаб боргоҳи илму маърифат, таълиму тарбия аст. Талабагон дар он ҳам суханварӣ меомӯзанд, ҳам асосҳои илмҳо ва ахлоқу одоби писандидаро аз бар мекунанд. Онҳо бояд илму амалро якҷоя фаро гиранд, ки ин шарти муҳимми ба даст овардани комёбиву пирӯзӣ дар зиндагӣ аст.

Саволу ҷавоб, баҳсу мунозира унсури муҳимтарини илм, дарсхонӣ, таҳсил, омилу воситаи эҷод, пайдоиши донишҳои нав, ҳақиқат аст. Ҳақиқат ҷавҳар, мақсаду ҳадафи илм аст. Бузургон аз таҷриба гуфтаанд, ки ҳақиқат ба туфайли баҳсу мунозира тавлид мешавад. Дар раванди таҳсил пайваста аз муколама, баҳсу мунозира истифода мебаранд. Бинобар он донистани услубу одоби баҳс, оини мунозира хеле муҳим аст. Саволҳо кӯтоҳ, фаҳмо, мушаххас, ҷавобҳо низ бояд дақиқу фасеҳ бошанд. Дар раванди саволу ҷавоб одатан баҳсу мунозира сурат мегирад. Доир ба ин ё он мавзӯъ ва масъала ҷонибҳо ақидаҳои худро баён мекунанд. Ақидаҳо гуногун мешаванд. Ҳар яке нуқтаи назарашро бо далелу бурҳон исбот мекунад. Дар раванди он бояд шарти одобу ахлоқи ҳамида, эҳтироми ҳамдигари ҷонибҳо риоя гардад.

Саволу ҷавоб, баҳсу мунозира бояд бо муомилаи нарму хуб сурат гирад. Чунончи, агар доир ба мавзӯи баҳс аз ҷонибе ақидаи нодуруст гуфта шавад, ҳариф набояд якбора бо суханҳои сахт «ақидаи Шумо нодуруст» гӯяд. Беҳтараш бо нармӣ гӯяд, ки ақидаатон баҳснок аст. Доир ба баёни ин ҳолатҳо усулҳои гуногун вуҷуд доранд: ман ҷонибдори фалон ақида ҳастам, зеро он назар ба дигар ақидаҳо эътимод-

нок, ба ҳақиқат наздиктару асоси воқеӣ дорад ва монанди инҳо. Дар рафти баҳсу мунозира дағалӣ, таҳқир, расидан ба иззати нафс, суханҳои ношоиста нисбат ба шахсияти ҳариф норавост.

Дар китобҳои пурқимати ахлоқии ниёгонамон ва адабиёти муосир оид ба одоби саволу ҷавоб ва баҳс қоидаҳои махсус низ таъин шудаанд.

- Дар мунозира шарти инсоф нигоҳ бояд дошт;
- Хоҳ ба ҳақ, хоҳ ба ботил асло ба аҳли маҷлис, хосса бо бузургон хилоф набояд варзид;
- Дар саволу ҷавоб ва мунозира тариқи лутфу хуширо риоя бояд кард;
- Суханҳои ниҳоят мураккаб ва дақиқ ба касе, ки фаҳми ӯ ба он нарасад, набояд гуфт;
- Агар сухан мураккабу мушкил афтад, бо мисол онро равшан бояд гардонид;
- Мувофиқи фаҳму фаросоти ҳариф бояд мунозира кард;
- Бо касе, ки мунозира фоида надорад, аз баҳс худдорӣ бояд кард;
- Ақидаи ҳарифро то ба охир гӯш карда, сипас ҷавоб бояд гуфт;
- Агар касе ба ҷавоб машғул аст, вале дигаре метавонад ҷавоби беҳтар диҳад, бо вуҷуди он сабр кунад, то он кас суханашро тамом кунад. Пас ҷавоби худро баён созад, вале гӯяндаи аввалро таъна назанад.

Ҳамчунин, дар хотир бояд нигаҳ дошт, ки ҳангоми суханронӣ, баҳсу мунозира ва саволу ҷавоб риояи чунин шаклҳои ифодаи эҳтиром ҳатмӣ аст: 1) истифодаи калима ва ибораҳои ифодаи эҳтиром дар ҷою мавқеаш (ташаккур, марҳамат, намеарзад ва ғайра); 2) истифода аз ҳаракоте, ки эҳтиромро ифода мекунанд (даст ба рӯйи сина гузоштан, аз ҷой хестан ва ғайра).

Ҳамин тавр дар қоидаҳои одоби муоширaт, хосса одоби сухан ҳам доноӣ, ҳам зебоӣ ва ҳам одоби писандидаи инсон

таҷассум меёбанд. Назаррас аст, ки дар кулли шарту оини муошират ва одоби гуфтор, мағз андар мағзи онҳо ҳурмату эҳтироми одамӣ, одамият, инсондӯстӣ ифода ёфтаанд, ки ҳадафи аслии илмҳои ахлоқу одоби муошират, зебоишиносӣ, равоншиносӣ, педагогика ва умуман таълиму тарбия ба ҳисоб мераванд.

## Маводди иловагӣ

**1) Аз Насиҳатномаи Имоми Аъзам ба Юсуф ибни Холиди Самтӣ**

Вақте дар маҳфиле ширкат кардӣ ва дар он масоиле матраҳ шуд ва бар хилофи ақидаи ту дар он масоил назар дода шуд, фавран ба он мухолифат накун!

Агар аз ту дар бораи масоиле пурсида шуд, аввал ҳамон дидгоҳеро дар ин масъала баён кун, ки онҳо ба он ошноӣ доранд ва онро хуб мефаҳманд ва пас аз он назари худро дар бораи он матраҳ намо. Масалан, бигӯ, ки дар ин масъала назари дигаре ба ин тартиб вуҷуд дорад ва далелаш чунин аст. Вақте онҳо ба назароти ту гӯш кунанд ва ҳикмати баёни туро дарёбанд, мутмаин мегарданд, ки ту дар ҳақиқат, олим ҳастӣ ва ба ту арҷ мениҳанд.

**2) Намунаҳо аз ашъори адибони мутафаккир ва мақолҳои халқӣ.**

Кам гӯю гузида гӯй чун дурр,<br>
То з-андаки ту ҷаҳон шавад пур.

*Низомии Ганҷавӣ*

Надиҳад марди ҳушманд ҷавоб,<br>
Магар он гаҳ, к-аз ӯ савол кунанд.

*Носири Хусрав*

Сухан к-андар ӯ суд не, ҷуз зиён,<br>
Набояд, ки ронда шавад бар забон.

*Абӯшакури Балхӣ*

Ҷавоби ҳар сухан андеша мекун,<br>
Сукунатро дар он дам пеша мекун.

*Носири Хусрав*

Бияндеш в-он гаҳ баровар нафас,
В-аз он пеш бас кун, ки гӯянд: «Бас!»

*Саъдии Шерозӣ*

Агарчи пеши хирадманд хомӯшӣ адаб аст,
Ба вақти маслиҳат он беҳ, ки дар сухан кӯшӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Андеша кардан, ки чӣ гӯям, беҳ аз пушаймонӣ хӯрдан, ки чаро гуфтам?!

*Саъдии Шерозӣ*

Бингар, ки чӣ мегӯяд, мангар, ки кӣ мегӯяд.

*Халқ*

## Савол ва супориш

1. Суханварӣ чӣ маънӣ дорад?
2. Паҳлуҳои ахлоқӣ ва зебоишиносии одоби сухан дар чӣ зоҳир мешавад?
3. Қоидаҳои одоби сухан кадомҳоянд?
4. Саволу ҷавоб, баҳсу мунозира чист ва чӣ аҳамияте дорад?
5. Кадом шарту оинҳои баҳсро медонед?
6. Ҳурмату эҳтироми инсон дар сухан ва баҳс чӣ гуна зоҳир мешавад?
7. Намунаҳо аз ашъори адибони мутафаккир ва мақолҳои халқиро аз бар кунед.
8. Порча аз насиҳатномаи Имоми Аъзамро мутолиа карда, шарҳ диҳед.

## § 5 ОДОБИ САЛОМ, ФАЗИЛАТ ВА ҚОИДАҲОИ ОН

Ай писар, гар пештар гӯйӣ салом,
Оташи дӯзах шавад бар ту ҳаром.

**Фаридуддини Аттор**

Яке аз фазилатҳои неки инсон, ки обрӯву нуфуз ва манзалати ӯро баланд мебардорад, тарзи баёни салом ва риояи одоби он мебошад. Пешиниён ин ҳусни одобро дар вуҷуди фарзандон парвариш карда, аз хурдӣ таълим медоданд. Он

аз амалҳои солеҳи фарзандон маҳсуб меёфт. Дар ҷомеаи асримиёнагӣ ин амал ҷойгоҳ ва аҳамияти махсус дошт ва аз бузургсолон то хурдсолон онро риоя мекарданд. Аксари адибон ва олимон низ дар осори худ ба тарзи одоб ва фазилатҳои салом изҳори андеша кардаанд ва амали онро низ хостор мешуданд. Бо мақсади расидан ба камоли инсонӣ кӯшиш мекарданд, ки ба атфол аввал одоби салом доданро омӯзонанд.





Одоби салом дар байни мардуми мо аз қадим аз хурдии фарзандон то давраи камолот аз ҷониби волидайн назорат ва таъкид мешуд. Ин гуна муносибат ва таъкидҳои пай дар пай асос мешуд, ки фарзанд одоби саломро риоя кунад ва дар ҳама ҳолат барои иҷрои ин амал омода бошад. Равони кӯдак нисбат ба салом ба дараҷае фаъол шуда буд, ки ҳамеша ва дар ҳама ҳолат мехост ба калонсолон салом диҳад.

Худи калимаи «салом» аз забони арабӣ буда, маънояш осоиш, сулҳу амонӣ, осудаҳолӣ мебошад ва шакли тоҷикии он мафҳуми «дуруд» аст. Дар замони пеш аз ислом аҷамиён бо нишони меҳр ва эҳтиром ба ҳамдигар дуруд мефиристоданд ва ҳамдигарро бо дуруд пешвоз мегирифтанд. Махсусан, ҳангоми ҷашнҳо дуруд гуфтан ва бахшоиши гуноҳи ҳамдигар яке аз сифатҳои неки ниёгони мо ба шумор мерафт. Дар миёни мардум, бахусус, дар айёми Наврӯз дуруду шодбош гуфтан ба ҳукми анъана даромада буд ва одамон барои аз худ дур кардани кина ба ҳамдигар дуруд мегуфтанд. Дурудгӯйӣ аз дарбори шоҳ оғоз меёфт ва бо дурудгӯйии кӯдакон ба анҷом мерасид. Коҳинон дурудгӯйиро дар миёни ҷомеа таблиғ мекарданд.

Пас аз зуҳури ислом миёни тоҷикон эҳтиром гузоштан

ба ҳамдигар тавассути риояи одоби салом боз ҳам густариш ёфт. Он ҳам ба одат ва ҳам ба суннат табдил ёфт ва дар муносибати одамон ҳамчун рукни қадр кардани ҳамдигар шинохта шуд. Дар ин давра салом муқаддас ва табаррук эълон шуд. Ба яке аз номҳои мубораки Худованд пайванд шуд ва ба он арзиши муқаддамтар аз одоб дода шуд. Дар ин даврон зуҳури салом ба сифати тарбия бештар арзиши эътиқодӣ ва маърифатӣ пайдо кард ва ба тафаккури мардум ҳамчун маърифати исломиву миллӣ ҷойгоҳи хосро касб кард.

Ба хотири таъкид шудани салом дар китоби «Қуръон» мафҳуми «салом» бо салавот наздик карда шуд ва он арҷи бузургтарро ба худ касб кард. Дар Сураи «Нисо», ояти 86-ум, омадааст, ки: «Ва чун салом дода шавад, пас ба гунае беҳтар аз он салом диҳед, ё ба ҳамон калима ҷавоб диҳед. Ба дурустӣ, ки Худо бар ҳар чиз ҳисобкунанда аст».

Дар ҳадисҳо низ эҳтиром гузоштан ба салом, риояи он, таъсири салом ба рӯҳи инсон ва адлу осоиш овардани он ифода ёфтанд, ки аҳамияти бағоят бузурги тарбиявӣ доранд. Дар ҳадисҳое, ки дар он сухан аз салом меравад, эҳсос мешавад, ки ҷанбаи ахлоқӣ бештар мебошад ва барои тарбия кардани фарзандон дар рӯҳияи инсондӯстӣ ва эҳтиром гузоштан ба калонсолон таъсири баландро дороанд. Масалан, дар ҳадисе Расули акрам мегӯяд, ки: «Агар ду мусалмон ҳангоми мулоқот ба якдигар салом ва мусофаҳа (дастӣ салом кардан) кунанд ва аз Худованд талаби омӯрзиш кунанд, омурзида мешаванд».

Дар асарҳои донишмандони илми фиқҳу калом ва тасаввуф низ доир ба моҳият ва арзиши салом назару андеша баён шуда, беҳтарин воситаи муносибати байни одамон будани он таъкид ёфтааст. Аз ҷумла, дар китоби Мавлоно Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Футувватномаи султонӣ» бобе бо номи «Дар одоби салом кардан» омадааст, ки дар он ҷой, макону мавзеъ, шарту шароити салом, фазилати салому одоб шарҳ ёфтааааст.

Салом пеш аз ҳама инсонро хушхулқу боодоб, ботамизу бофаросат, нармдилу гармдил, дилҷӯву дидадаро, нармгуф-

тору гарммуомила, пурмеҳру тавозуъкор месозад. Аз ин рӯ, ҷомеаи кунунии мо, хусусан, хурдсолону ҷавонон, ки аз осори маънавии асримиёнагии миллии мо иттилооти андаке доранд, ба омӯзиши ин рукни асосиву маънавии тарбия – одоби салом ниёзи маънавии бештар доранд.

Салом чанд фазилат дорад, ки донистани он ба манфиати шахс мебошад. Салом, пеш аз ҳама, ба покии ҷисмонии инсон таъсир мерасонад. Он алфози қабеҳро аз забони инсон дур месозад ва гӯяндаву шунавандаро ба фазилату хирадмандӣ ҳидоят мекунад. Кӯдак агар ба бераҳмтарин шахс бо лафзу лаҳни тифлона салом гӯяд, раҳмдил мешавад ва ҷаҳлаш ба фазл мубаддал мешавад. Аз ин рӯ, салом барои хушҳол гардонидани инсон низ таъсир мерасонад. Муҳим он аст, ки салом адоват, хусумат, бухл, кина, ҳасад барин хислати инсониро рафъ месозад. Саломи аз рӯйи сидқ дар дили инсон ҷой гирифта, савоби беш дорад, зеро тавассути он шахс тадриҷан дорои хислатҳои ҳамида – ростқавлу ростгӯй, дилсофу раҳмдил, мушфиқу меҳрубон, дилсӯзу ғамхор, халқдӯсту мардумнавоз, раиятпарвару меҳнатқарин, содиқу вафодор, хушзабону хушмуомила, ҳалиму дилҷӯ, дидадорову маҳбуб, ғамхору ғамгусор мешавад.

Вақте дар кӯча фарде салом медиҳад, пеш аз ҳама, ба табъи каси дигар таъсири нек мегузорад ва ӯро аз андешаи зиёдатӣ озод мекунад. Агар табъаш хира бошад ҳам, бо шунидани салом болида мешавад. Ё худ касе бо шумо дилсардие дорад, яъне бо шумо ҳамгап нест, агар ба шумо салом диҳад, он бадбиниву сарддилӣ гум хоҳад шуд. Беш аз ин дӯсту муқарраби шумо, хеши шумо, бародару хоҳари шумо агар аз шумо дур зиндагӣ кунад, нома менависад ва шумо ба ӯ нома менависед, аввали номаи шумо бо салом оғоз меёбад, ки бо хондани он хушҳол ва сидқан хурсанд мешавед.

Фазилати салом ба рӯҳу равони инсон таъсири мусбат мерасонад. Агар хоҳем, ки аз бузургсолон эҳтиром бинем, табъи онҳоро болида созем ва онҳоро шод гардонем, бояд одоби саломро риоя намоем ва кӯшиш созем, ки пеш аз онҳо,

сари вақт ва бо овози нарму форам салом диҳем. Саломи мо бояд боодобона бошад. Агар нишаста бошем, дарҳол хеста, даст пеши бар намоем ва бо чеҳраи кушод бо як нафас гирифтан, дастро пеши сина гузошта, пойҳоро ба ҳам ва қоматро рост карда, сарро каме хам ба замин карда бо андаке табассум ва бо чеҳраи гарм салом диҳем. Бояд тарзе овоз барорем, ки ба иззати нафси дигарон нарасем. Ва бояд он бо лаҳни нарму ширину гӯшнавоз бошад. Саломдиҳанда баъди салом, аввалан, бояд аз тарзи сухани худ розӣ шавад, сониян, ба ҳар гунае ки ҷавоб мегирад, ба он қаноатманд бошад ва зинҳор бояд аз тарзи ҷавоб норизо нагардад. Баъзан шояд одам дар ҳолати мухталифи равонӣ қарор дорад ва наметавонад саломро дуруст ҷавоб гардонад ва ё дарунӣ аз таги дил ба он ҷавоб мегӯяд. Дар ин гуна ҳолат он набояд мавриди муҳокимаи ботинии каси дигар қарор гирад. Баръакс, бо шукргузорӣ аз рафтори худ қаноат ҳосил кунад, ки қарзи хешро ба анҷом расонидааст. Дар сурати дигар, худаш ё хурд бошад, ё бузург, метавонад салом диҳад ва дар сурати ҷавоб нашунидан боз худаш ботинан ҷавоби саломро такрор кунад. Дар ин гуна ҳолат савоби салом бештар ба ин шахс мерасад ва ин низ яке аз амалҳои солеҳ ба шумор меравад.

Тавассути салом, ки як амали солеҳ аст, камолоти маънавии инсон муайян карда мешавад. Дар миёни мардуми тоҷик он ба як рукни анъанаи миллӣ табдил ёфта, аз ҷониби хурду бузург аз овони кӯдакӣ то ба охири умр риоя мешавад.

Салом бо тарзи хос ифода шуда, якчанд усули баён дорад, ки дар поён баъзе аз онҳо бар тартиби муайян оварда шудаанд:

**Якум.** Агар нишаста бошем, аз ҷой бархоста, дасти рост ба пеши синаи худ мегузорем ва қомати худро рост карда, бо табассум ва лаҳни ширин салом мегӯем.

**Дувум.** Агар рост бошем, даст пеши бар менамоем ва бо чеҳраи кушодаву овози нарм салом мегӯем ва интизори ҷавоб мешавем.

**Севум.** Агар бузургсол даст дароз накунад, ҳеҷ гоҳ кӯшиш насозем, ки пеш аз ӯ даст дароз ва ӯро маҷбур намоем,

ки бо мо бо даст салом кунад, ки ин аз рӯйи одоб нест. Хуб мешавад, агар ҷойи муносиб бошад, бузургсол худаш даст дароз кунад ва бо табассум, лутф ва овози нарму ширин ба хурд дастӣ салом диҳад ва ин амалро бо қаноатмандӣ иҷро кунад. Тибқи ривояти Анас, Расули акрам ба кӯдакон табассум мекард ва ҳар гоҳ аз наздики эшон мегузашт, салом мегуфт.

**Чаҳорум.** Ҳангоми ворид шудани ягон шахс ба хона ва ё меҳмонхона агар нишаста бошем, бархоста даст пеши бар менамоем ва саломро аз дил мегузаронем ва барои бо даст салом кардан шитоб намекунем.

**Панҷум.** Дар маъракаҳо танҳо даст пеши сина бурда, бо чеҳраи кушода бо ишора (хаму рост кардани сар) салом гуфтан аз рӯйи одоб аст. Баланд салом гуфтан, хандида салом гуфтан ва чеҳраро турш намуда салом додан, бо даст салом кардан аз рӯйи одоб нест.

**Шашум.** Вақте, ки ба маърака даъват мешавед, ба маҷлис медароед ё ба меҳмонхона ворид мегардед ва мебинед, ки ҳозирин нишастаанд, даст пеши бар карда, бо дилатон саломро гузаронед ва бо чеҳраи гарм, нимтабассум карда, сар ҷунбонида дар ҷойе, ки даъват барои нишаст мешавед, нишинед. Дар ин гуна ҳолатҳо аз дигарон дер намонед. Дер мондан аз рӯйи одоб нест. Агар узр ва ё сабабе дошта бошед, бахшида мешавад.

**Ҳафтум.** Ҳангоми вохӯрӣ бо шахси аз худ калон танҳо даст пеши бар карда, чеҳраро кушода, бо изҳори хушнудӣ салом гуфтан аз рӯйи одоб аст. Пеш аз вай даст дароз карда бо даст вохӯрӣ кардан мумкин нест. Агар шахси калонсол даст дароз кунад, дасти ростро барои салом дароз кардан, дасти чапро ба пеши сина гузоштан аз рӯйи одоб аст.

**Ҳаштум.** Савора ба пиёда салом мегӯяд. Мошинсавор, аспсавор, харсавор бо ишораи хаму рост кардани сар ба пиёда салом мегӯяд. Пиёда агар даст пеши бар карда ҷавоби саломро гардонад, аз рӯйи одоб аст. Аз Абӯҳурайра дар ин боб ривоят аст, ки Ҳазрати Муҳаммад фармуд: Савора бар

пиёда, раванда бар нишаста ва кам ба бисёр салом кунанд.

**Нуҳум.** Пиёда дар роҳ ба ҳар як роҳгузар, хоҳ савор бошад, хоҳ пиёда, даст пеши бар карда салом гӯяд, аз рӯйи одоб аст. Нишаста салом додан, даст дар киса салом гуфтан, бо садои баланд салом додан, шӯхӣ карда салом гуфтан аз рӯйи одоб нест.

**Даҳум.** Салом додани хурд ба калонсол шарт аст. Вобаста ба ҷой ва мавқеъ бояд ҳар як шахс аз худ бузургро бо салом пешвоз гирад ва ба ӯ салом диҳад. Салом додан ба калонсолон ҳатмӣ мебошад. Дар сурати риоя нашудан ва ё дар ҳолати парешонӣ будан бояд хурдсолон наранҷанд. Дар ин гуна ҳолат ҳусни одоби хурдсолон боло меравад.

**Ёздаҳум.** Ҳангоми аёдати бемор аввал беморбин салом мегӯяд ва даст пеши бар мекунад ва бо чеҳраи кушода овоз мебарорад ва бояд кӯшиш кунад, ки бемор тавассути ин салом роҳат бубинад.

Хонандагон донистани фазилатҳои салом ва риояи онро ҳамчун калиди одоб бояд бифаҳманд. Онҳо агар дар роҳ ба калонсолон даст пеши бар карда, салом гӯянд, одоб аст. Агар як нафар калонсол бошад, метавонанд бо овоз салом гӯянд, агар як чанд нафар бошанд, метавонад танҳо даст пеши бар гирифта салом кунанд. Дар ин ҳолат дасти чап ба дасти ҳамроҳаш қарор гирифта, дасти рост ба пеши сина гузошта, мафҳуми «салом»-ро истифода мекунад. Ин тарзи салом гуфтанро омӯзгорон бояд таълим диҳанд. Ҳангоми ба анҷом расидани дарс, машғулият ба омӯзгорон ҳатман «хайр» гуфтан аз адаб аст.

Хонандагон бояд донанд, ки онҳо давра ба давра боадабтар мешаванд ва одоби салом ҳусни амали онҳоро афзун мегардонад. Вобаста ба ин бояд талош кунанд, ки дар ҳама ҷо ва дар ҳама ҳолат одоби саломро риоя кунанд ва барои дуруст ба анҷом расонидани фазилатҳои салом кӯшиш ба харҷ диҳанд. Дар синфҳои болоии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ мафҳуми «Ассалом» ҳам барои шогирд ва ҳам барои устод қобили қабул мебошад. Ин тарзи баён ба синну соли

ноболиғон мувофиқ аст, барои талаффузи хонанда мушкилӣ намеорад ва маънои осудаҳолӣ ва сулҳу осоишро ифода мекунад. Дар ҷойҳои зерин салом гуфтан одоб аст:

1) Дар роҳ аз хона то мактаб, кӯчаву хиёбон, назди мактаб ва дар ҳавлии мактаб. Чун одат хурдон ба бузургон «Ассалом» мегӯянд ва агар бузургсолон ба хурдсолон салом диҳанд, боке нест ва он аз тарбиятдида будани калонсол шаҳодат медиҳад. Шарти салом дар ин маврид аз хурдсол ба калонсол мебошад.

2) Дар роҳрави мактаб аввал шогирд салом мегӯяд. Дар синфхона аввал устод салом мегӯяд ва шогирдон ҷавоб медиҳанд.

3) Паси ҳам сар бароварда, бо якчанд овоз салом додан ва ҳангоми салом додан шӯхӣ ё баланд хандидан аз рӯйи одоб нест. Низоми риояи саломро бояд ба шогирдон устод, падару модарон, бародарон ва хоҳарон омӯзонанд ва риояи саломро назорат кунанд.

4) Хонандагон дар хона ба падару модар, хоҳару бародар, хешу табор ва касоне, ки меҳмони хонадони онҳо мешаванд, метавонанд бо риояи одоб, бо чеҳраи кушода ва овози нарм «Ассалом» гӯянд. Писарон даст пеши бар кунанд ва духтарон каме бо сар таъзим кунанд, ин ҳусни одоб ва зеби саломи онҳо мебошад.

5) Дар дохили нақлиёт, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бояд аввал хурдсолон ба бузургсолон даст пеши бар карда салом диҳанд. Агар калонсол бо фикре банд бошад ва ба салом ҷавоб гуфта натавонад, бояд хурдсол наранҷад ва аз саломи додааш қаноатманд бошад.

6) Дар кӯчаҳо, назди ҳавлӣ ва дар гузаргоҳҳо бояд хонандагон намуна бошанд ва ба хурду бузурги шинос ва ношинос бо чунин таъбир салом гӯянд: «Ассалом».

Хонандагон фаромӯш накунанд, ки беҳтарин амали солеҳи шахси боодоб саломи ӯ мебошад ва барои соҳиби чунин амал шудан падару модар ва устод масъул мебошанд.

Вобаста ба таъкидҳои фавқуззикр ҷавоби салом низ ар-

зиши хоси худро дорад. Ҷавоби салом аз ҳисоби хурдсолон чунин сурат мегирад: онҳо даст пеши бар карда, ба калонсолон ҷавоб мегӯянд. Бузургсолон низ саломро бо одоби баланд ба анҷом мерасонанд. Онҳо низ метавонанд даст пеши бар гирифта ҷавоб гӯянд ва метавонанд қоматашонро рост намуда, дастҳояшонро ба қоматашон рост карда, ҷавоб гардонанд. Аз ҳар ду ҷониб чеҳраҳо бояд кушода, овоз нарму ширин ва садо ғулғуладор бошад.

Салом додан гарчанде зоҳиран ба амалҳои инсон ичро шавад ҳам, тарзи иҷро ва баёни он маърифати ӯро миёни ҷомеа ошкор мекунад ва рукни муҳимтарини одоб ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, агар имрӯз дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, маҳаллаҳо, кӯчаҳо, деҳаҳо тарзи саломи алайк расм шавад, кӯдакон, наврасон, навҷавонон ва ҷавонони мо одоби саломро риоя кунанд, муҳити ҷомеаамон боз ҳам бештар фарҳангӣ мешавад ва маданияти миллати кӯҳанбунёди мо рушду такомули тоза меёбад.

## Маводди иловагӣ

### Ҳадисҳо оид ба одоби салом

**Ҳадис:** «Агар ду мусулмон ҳангоми дидорбинӣ бар якдигар салом диҳанд, пас маҳбубтарини онҳо назди Худо ҳамон аст, ки хандонрӯй бошад ва ба ҳамдигар даст бидиҳанд, сад раҳмат барои онҳо нозил шавад. Барои саломдиҳанда навад раҳмат ва барои ҷавобдиҳанда даҳ раҳмат аст».

**Ҳадис:** «Эй мардум, саломро дар байнатон ривоҷ диҳед ва ба дарвешон таом диҳед ва пайванди хешовандиро нигоҳ доред, то хушбахтона дар биҳишт дароед».

**Ҳадис:** «Салом номест аз номҳои Худои таоло, пас фош доред ӯро миёни шумо, ҳар касеро бинед, яъне салом гӯед, тавозуъ кунед».

**Ҳадис:** «Дурӯғгӯтарин шахс касест, ки тавассути чашмонаш бахилӣ кунад ва бахил касест, ки аз додани салом худдорӣ намояд».

**Ҳадис:** «Бахилтарин инсон касест, ки дар вақти салом намудан бахилӣ мекунад».

## Савол ва супориш

1. Маънии калимаҳои «салом» ва «дуруд»-ро шарҳ диҳед.
2. Дар китоби «Қуръон» кадом таъкидҳо оид ба мафҳуми «салом» вомехӯранд?
3. Дар ҳадисҳои Расули акрам салом чӣ гуна васф шудааст?
4. Якчанд фазилати саломро номбар кунед.
5. Кадом усулҳои баёни саломро медонед?
6. Дар синфҳои болоии муассисаҳои таълимӣ одоби салом бояд чӣ гуна бошад?
7. Ҷавоби салом чӣ гуна бояд сурат гирад?
8. Ҳадисҳо оид ба одоби саломро тафсир кунед.
9. Суханони бузургонро дар васфи салом аз ёд кунед.

## § 6 ОДОБИ МУОШИРАТ ДАР ОИЛА

Инсон табиатан мавҷуди иҷтимоист. Вай бидуни оила, ҷомеа, муносибату муошират бо одамон зиста, талаботи моддӣ, маънавӣ, равонии худро қонеъ карда наметавонад. Инсон дар оила таваллуд мешавад. Оила иттиҳоди хурди одамон, ниҳоди аввалин ва муҳимтарини ҷомеа буда, зану шавҳар, фарзандон, дигар аъзоён ва молу мулкро муттаҳид месозад.





Одамон аз рӯйи табиату равони худ гуногун мешаванд. Вале маҳз ба туфайли ба ҳам мувофиқ омадани феълу атвор дар байни зану мард нисбати ҳамдигар майлу рағбат пайдо шуда, баъд он тадриҷан то ба эҳсоси дӯстӣ ва муҳаббат мерасад. Оила дар ҷомеа вазифаҳои хеле гуногун ва басо

муҳим, аз ҷумла, тарбиявӣ, таълимӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, маишӣ, бақои насли инсон ва ғайраро бар ухда дошта, ягон ниҳоди иҷтимоии дигар онро иҷро карда наметавонад. Бесабаб падари илми тоҷик Абӯалӣ Сино ҳанӯз дар замони худ ба хотири мақоми бузурги оила дар ҷомеа асари махсусе бо номи «Рисолаи тадбири манзил» нанавиштааст.

Оила, аҳли хонавода, хусусан, падару модар, бобову модаркалон барои ҳар як фард бисёр азизу муътабар ҳастанд. Падару модар сабабгори ҳастии фарзандонанд. Бинобар ин ҳурмату эҳтиром, риояи ҳаққу ҳуқуқи онҳо тибқи ҳам илмҳои дунявӣ, ҳам динӣ ва ҳам ақлу хирад аз ҳама заруру воҷибтар аст. Доир ба шинохту ҳурмати модару падар дар асарҳои «Қобуснома», «Кимиёи саодат», «Футувватномаи султонӣ», «Одоб-ул-асҳоб» ва ғайра андеша ва ҳикматҳои пурқимат ифода ёфтаанд, ки то ба имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд.

Тибқи арзишҳои ахлоқию маънавӣ ҳар як фард бо падару модараш бояд муомилаи хуб кунад. Падару модар агар ба мисли дарахт бошанд, фарзанди неку монанди меваи он аст. Ҳарчи бештар дарахтро парвариш кунед, меваҳои он ҳамон андоза ширинтар мешаванд. Ба ин маънӣ Бадриддини Ҳилолӣ гуфтааст:

**Ҳар шох ба мева карда пайванд,**
**Ҳамчун падарон ба васли фарзанд.**

Барои мерос ва пулу моли дунё бо падару модар ҳарисиву бадрафториро роҳ додан ҳаргиз нашояд. Ба ҳар як кас аз рӯйи муносибаташ ба волидон баҳо медиҳанд, зеро нек ё бад будани инсон маҳз дар муошират бо волидон муайян мешавад. Бузургон насиҳат кардаанд, ки фарзанд ба падару модараш ҳамеша бояд ғамхор бошад, онҳоро парастор ва роҳатрасон бошад.

Фарзанд он шабҳои бехобӣ, шабзиндадорӣ, заҳмату машаққатҳо ва он шири сафедро, ки модар барои ӯ аз ҷисму ҷонаш ато мекунад, набояд фаромӯш созад. Дар ҳикмати ниёгон омадааст, ки то як нафар кӯдак ба воя мерасад,

ҳафт шаҳр бунёд мешавад. Парвариши фарзанд заҳмату машаққати бағоят вазнин, мураккаб буда, маҳз бо шарофати қувваи бузурги муҳаббати модарона анҷом мепазирад. Беҳуда нест, ки дар миллати мо бо номи муқаддастарин касон, аз ҷумла бо номи модар ва шири сафеди ӯ савганд ёд мекунанд ва ҳаргиз чунин савгандро намешикананд.

Фарзанд нисбат ба волидон ҳамеша бояд хушхӯ, хоксор, дасткушод бошад, ба онҳо итоат ва лутфу марҳамат кунад. Дар китобҳои ниёгони мо зикр шудааст, ки хидмат, ғамхориву накукории фарзанд нисбат ба падару модар бартар аз намоз, садақа, доштани рӯза, адои ҳаҷ мебошад. Бузургон даъват кардаанд, ки ба волидонатон некӣ кунед, то ки фарзандонатон ба шумо некӣ кунанд. Фарзанд, хусусан, ҳангоми пирии волидон бояд ба онҳо бештар таваҷҷуҳу ғамхорӣ, раҳму шафқат ва муҳаббат зоҳир кунад ва онҳоро бо нафақа таъмин созад. Ҳамеша бо чеҳраи кушод, бо самимияту меҳрубонӣ муносибат кунад, барои осоиш ва хотирҷамъии онҳо заминаву шароитҳои мусоидро фароҳам оварад. Нисбати волидон якравӣ, нописандӣ, бадрафторӣ накунад, ҳаргиз боиси ранҷишу хафагии онҳо нагардад, онҳоро дашном додан, ба эшон даст бардоштан гуноҳи азим аст. Ба ин маънӣ Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» фармудааст: «Падару модар мавриди эҳсону шукранд... Пас, агар писар... барои нафақаи модар ба пешаву ҳирфа гардан намениҳад, писар осиму осист (гунаҳгору исёнкунада аст)».

Дар баробари он талаботе, ки дар одоби муошират бо падару модар маъмуланд, дар фарҳангу ахлоқи ниёгони мо боз дувоздаҳ қоидаи зерин таъйин шудааст, ки аз худ кардан ва амалӣ сохтани онҳо барои ҳар як фарзанд ҳатмӣ мебошад:

– ҳурмати волидонро аз ҳама зарур бояд донист;

– барои молу чизи дунё ба онҳо набояд сахтӣ, чашмтангӣ кард;

– аз хизмате, ки барояшон мекунед, набояд миннат кард;

– ба рӯйи падару модар давидан, яъне дағалию бадрафторӣ кардан, қатъиян манъ аст;

– чун фарзандро ба наздашон хонанд, бояд зуд ҳозир шавад;
– супоришҳояшонро ҳатман бояд иҷро кард;
– ба онҳо, ё дар наздашон бо каси дигар бо овози баланд сухан набояд кард;
– бе иҷозати онҳо набояд ба ҷое рафт;
– ҳангоми мулоқот бо онҳо набояд рӯйро турш, ё дарҳам кашид;
– ҳамеша аз пайи хушнудии онҳо бояд шуд;
– бо онҳо пайваста бо эҳсон ва дар хидмат мебояд буд, зеро биҳишт зери қадамҳои модарон аст.

Дар оила ғайри падару модар, ки шахсони аз ҳама азизанд, дигар аҳли хонадон низ пушту паноҳ ва такягоҳи ҳар як инсон мебошанд. Аҳли хонавода яке аз дигаре панд, ибрат мегирад, яке дигареро дастгирӣ, ҳамдамӣ мекунад. Хоссатан, ҳастии бобову модаркалон дар оила неъмати бузург аст. Онҳо таҷрибаи бузурги ҳаётӣ ва маънавӣ дошта, дар бунёди оила, таълиму тарбияи аъзои он хидмати шоиста доранд. Бинобар ин ҳурмату эҳтироми онҳо дар пояи баланд меистад. Онҳо фарзандонашонро дӯст медоранд, вале меҳру муҳаббаташон ба наберагон боз афзунтар буда, бо ҳазор лафзи ширину гуворо онҳоро навозишу ситоиш, шоду сарфароз ва таълиму тарбия мекунанд. Мақоли халқ аст, ки «Қадри бобо он замон донӣ, ки худ бобо шавӣ».

Муносибату муомила ва муошират бо бобову модаркалон танҳо бояд бо риояи одоби сухан ва хушбаёнӣ сурат гирад, зеро пирон аз таҷриба хуб медонанд, ки инсон табиатан ба суханҳои нарму ширин ниёзманд аст. Ба ин маънӣ шоир Аминҷон Шукӯҳӣ бисёр хуб фармудааст:

**Сухани нарму самимона барои инсон,**
**Лозим он гуна ки хандидани хуршед ба боғ.**

Иззату эҳтироми бобову модаркалон махсус аст. Ҳамчун ҳурмате, ки фарзанд ба падару модар дорад, нисбат ба бобову модаркалон низ онро самимӣ бояд ба ҷо овард. Чунончи, талаба чун аз мактаб ба хона меояд, аввал ба пирон салом дода, аз онҳо бояд ҳолпурсӣ кунад ва гӯяд, ки ба ман

чӣ хидмат доред? Сипас, бо падару модар ва аҳли хонавода салом диҳад. Вақте ки ба мактаб ё ба ҷойи дигаре меравад, аввал аз пирон, падару модар бояд иҷозат пурсида, хайрухуш кунад. Аз ин рӯ, тибқи қонунҳои кишвари мо дар баробари ҳуқуқи падару модар ҳуқуқи бобо ва модаркалон барои муошират бо кӯдакон низ ҳифз карда мешавад.

Бо хоҳару бародарони хурдсол бо навозишу меҳрубонӣ, бо ҳурмату иззат муносибат бояд кард. Агар дар оила баъзе аз хешовандон бо сабабе ҳамроҳ, чун узви оила зиндагӣ мекарда бошанд, ба онҳо бо эҳтиёту бомулоҳиза бояд сухан гуфт ва муомила кард. Баъзан аз наздикон ё дӯстон дар хона муддате чанд зиндагӣ мекунанд, иззату эҳтироми онҳоро хуб бояд ба ҷо овард. Дар назди онҳо ҳар гуна суханҳо, ё дар мавзӯи маош, дахлу харҷи рӯзгор суҳбат кардан, ё байни хоҳарҳову додарҳо беодобӣ, хархаша кардан аз рӯйи одоб ва шарти меҳмоннавозӣ нест.

Тибқи суннатҳои миллӣ баъд аз вафоти падару модар бародари калониро чун падар, хоҳари калониро чун модар ҳурмат мекунанд. Дар ҳалли ҳар масъалаи ҳаётӣ ва мураккабе, ки дар зиндагӣ пеш меояд, бо онҳо маслиҳат мекунанд. Дар байни аҳли хонавода ҳар қадар иззату эҳтироми ҳамдигар риоя гардад, ҳамон андоза зиндагӣ хушу гуворо мегузарад. Мушкилиҳои рӯзгор, муаммоҳои зиндагӣ ба осонӣ ҳал мешаванд, таълиму тарбия дар хона хуб сурат мегирад, ҳар як узви он берун аз оила низ, чӣ дар мактаб, чӣ корхона ва чӣ ҷомеа метавонад комёбӣ ба даст оварад.

Ҳар шахс аз ҷониби ҳам модар ва ҳам падар хешу ақрабо дорад. Бисёр будани пайвандон давлати бузург мебошад. Зиндагӣ пастиву баландӣ, мушкиливу муаммоҳои зиёде дорад. Хешовандон ҳам дар рӯзи хурсандӣ ва ҳам дар лаҳзаҳои вазнинӣ якдигарро ҳамроҳиву ҳамдилӣ ва дастгирӣ мекунанд. Бо онҳо рафтуомад кардан, иззату эҳтиромашонро ба ҷо овардан зарур ва муҳим аст.

Дар китобҳои ахлоқӣ доир ба мавзӯи муошират бо хешовандон, ки бо истилоҳи «силаи раҳм» омадааст, эътибо-

ри зиёд дода шудааст. Ҳар як фард нисбати онҳое, ки робитаи хунӣ ва хешутаборӣ дорад, бояд эҳтиром ва муҳаббати хосса дошта бошад. Вай бояд аз ҳоли онҳо бохабар бошад, бо онҳо рафтуомад кунад, кӯшиш кунад, ки алоқаҳоро бо онҳо пурзӯр гардонад. Соҳиби боигариву сарват бояд хешовандони худро аз ҷиҳати моддию молиявӣ дастгирӣ кунад. Агар касе молеву сарвате ёбад, аз он хешовандонро низ баҳраманд созад, ин амали хуб ва солеҳ ҳисоб меёбад.

Ба хонаводаву хешовандон ҳамеша бояд эҳтиром варзид, зеро онҳо ба мисли болу паранд, ки бо шарофаташон метавон баланд парвоз кард. Онҳо ба мисоли реша ва сарчашма ҳастанд, ки ба воситаи онҳо дар ҳаёт, зиндагӣ метавон сарсабзиҳо ва пирӯзиҳоро ба даст овард.

Тибқи суннатҳои миллӣ муошírати пайваста бо хешон сабаби сиҳатмандӣ ва дарозумрӣ низ мешавад. Он ахлоқро наку карда, боиси ҳуррияту озодӣ ва покии рӯҳу равон ва баракати ризқу рӯзӣ мешавад.

Аз хешовандон иззату икром ва инъомро дареғ набояд дошт. Дар ривоятҳо омадааст: ҳангоме ки силаи раҳм ё ҳурмату эҳтироми хешовандӣ дар ҷомеа аз миён меравад, дар байни мардум раҳму шафқат суст мешавад ва бо хешовандон муошират накунанд, молу сарватҳо ба дасти одамони бад хоҳанд афтид.

Бинобар он бо ҳар гуна роҳ мебояд робитаи хешутабориро барқарор ва таҳким бахшид. Ин амал метавонад тибқи имкону қудрат ҳар гуна сурат гирад: ба воситаи сухани ширину муошírати хуб, некиву накӯкорӣ, дилҷӯйӣ, хайру эҳсон, муомилаву хайрхоҳӣ, вохӯриҳои писандида ва амсоли онҳо. Ахлоқи миллии мо даъват мекунад, ки ҳар як шахс обрӯву саодати хешовандонро обрӯ ва саодати худ бидонад. Бо онҳо ҳамеша меҳру муҳаббат варзад. Ҳаргиз ба озору ранҷиши онҳо роҳ надиҳад.

Дар баробари ин ҳар як фард дар робита бо хешу пайвандонаш бояд иззати нафс, ҳурмати худ, истиқлоли вуҷудӣ ва шахсияти худро низ ҳифз кунад. Инсон ҳақ надорад, ки

худро хор ва залил кунад ва ё барои ба даст овардани мансабеву мақоме иззату шарафи худро нодида бигирад.

Дар баробари ин дар ахлоқи ҷавонмардӣ ва расму оини тоҷикон қоидаҳои мушаххаси одоби муошират бо хешу ақрабо низ маъмул аст, ки аз ҷумла инҳо мебошанд:

– бо хешон робитаи дӯстиро бояд ба роҳ монд, ки ин умри касро дароз хоҳад кард;
– бо молу чиз ба онҳо кумак бояд кард;
– бо хурсандии онҳо шод, бо ғамашон ғамгин бояд шуд;
– дар вақти зарурӣ онҳоро дастгирӣ бояд кард;
– агар онҳо бадӣ кунанд ҳам, бо некӣ ҷавоб бояд дод;
– ба молу чизи онҳо тамаъ кардан нашояд ва ғайра.

Ҳамин тариқ, одоби муошират бо аҳли хонавода падару модар ва хешу ақрабо паҳлу ва қоидаҳои зиёдро дар бар мегирад. Инҳо дар ахлоқи ҷавонмардӣ ва таълимоти ислом ва расму оинҳои миллиамон акс ёфтаанд. Донистан ва риояи инҳо барои ҳар як толибилм, инсони бофарҳанге, ки дар талабу орзуи ба даст овардани бахту саодат дар зиндагӣ, комёбиҳо дар таҳсил, корхона ва умуман дар ҷомеа мебошад, аҳамияти калон дорад.

## Маводди иловагӣ

**1) Аз «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғаззолӣ**

*Ҳуқуқи падару модар:*

Бидон, ки ҳаққи эшон азимтар аст, ки наздикии эшон бештар аст. Расул гуфт: «Накуӣ кардан бар модару падар фозилтар аз намозу рӯзаву ҳаҷ ва умраву ғазо».

**2) Аз Насиҳатномаи Имоми Аъзам ба Юсуф ибни Холиди Самтӣ**

Бидон, ки вақте ба мардум бадӣ ва бадрафторӣ кардӣ, ба ту душман ва бадбин мешаванд, ҳарчанд падару модарат бошанд ва низ агар ба онҳо хушрафторӣ ва некӣ кардӣ, гарчи бо ту бегона ҳам бошанд, бароят ба монанди падару модар мегарданд.

**3) Иқтибос аз «Панднома»-и Фаридуддини Аттор:**

**Дар баёни фоидаи силаи раҳм:**

Рав ба пурсидан бари хешони хеш,
То ки гардад муддати умри ту беш.
Ҳар ки гардонад зи хешованд рӯй,
Бегумон нуқсон пазирад умри ӯй.
Ҳар ки ӯ тарки ақориб[1] мекунад,
Ҷисми худ қути ақориб[2] мекунад.
Гарчи хешони ту бошад аз бадон,
Бадтар аз қатъи раҳам чизе мадон.
Ҳар ки ӯ аз хеши худ бегона шуд,
Номаш аз рӯйи бадӣ афсона шуд.

## Саволҳо ва супориш

1. Чаро инсонро табиатан мавҷуди иҷтимоӣ мегӯянд?
2. Одоби муошират дар оила чӣ гуна аст?
3. Дар бораи риояи ҳаққу ҳуқуқи падару модар чӣ медонед?
4. Ба ғайри волидон муошират бо дигар аҳли хонадон чӣ гуна аст?
5. Қоидаҳои асосии одоби фарзанд бо падару модар кадомҳоанд?
6. Силаи раҳм чӣ маънӣ ва чӣ гуна аҳамият дорад?
7. Қоидаҳои асосии муошират бо хешовандон кадомҳоанд?
8. Порча аз «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғаззолӣ ва аз «Насиҳатнома»-и Имоми Аъзамро хонда, шарҳ диҳед.
9. Иқтибос аз «Панднома»-и Фаридуддини Атторро аз ёд кунед.

## § 7 ОДОБИ МУОШИРАТ БО ҲАМСОЯГОН, ДӮСТОН, ПИРОНУ ХУРДСОЛОН ВА ДУХТАРОН

Инсон ҳамеша бо мардум, бо гурӯҳу табақаҳои гуногуни ҷомеа дар муомилаву муошират қарор дорад. Аз ҷумла

[1] Ақориб – ақрабо, хешу табор.
[2] Ақориб – ақрабҳо, каждумҳо.




вай бо ҳамсоягон, пиру барноён, хурдсолон, мардону занон, дӯсту ошноён, бегонагон ва маъюбон муносибат мекунад. Ин аз мавзӯъҳои муҳим ва махсуси одоби муошират аст. Дар ин мавзӯъ дар осори фалсафӣ, ахлоқӣ ва адабӣ андешаҳои пурқимат баён ёфтаанд, ки аҳамияти бузурги ҳаётӣ ва иҷтимоӣ доранд.

Дар фарҳанг ва расму оинҳои миллиамон доир ба риояи ҳаққу ҳуқуқи ҳамсоя, ҳурмату эҳтироми он ҳикмату насиҳатҳо, васияту маслиҳатҳо, шарту оинҳои зиёде ба назар мерасанд. Фарҳанги инсонпарваронаамон пайваста ҳидоят мекунад, ки ҳар як фард бояд ба мисоли чароғи равшане бошад, ки на танҳо назди худ, балки дуртар аз онро рӯшноӣ бахшад. Он муошırату меҳрубоние, ки дар оила нисбат ба наздикон, хешу ақрабо зоҳир мешавад, берун аз он, бо ҳамсоягону аҳли маҳалла ва дигар гурӯҳу табақаҳои ҷомеа низ бояд зуҳур кунад. Хусусан, нисбат ба ҳамсоягон муоширати хуб дошта, аз аҳволи онҳо доимо бохабар будан, ба қадри имкон ёрӣ расонидан, ҳангоми ҳар як вохӯрӣ ва рӯ ба рӯ шудан муомилаи хуш кардан, аз ахлоқи ҳамидаи ҳар як инсон бояд бошад.

Эътибору таваҷҷуҳ ба ҳамсоягон аҳамияти бузурге дорад. Ин амал аз як сӯ, барои бартараф кардани ниёзмандиҳои мардум ва аз ҷониби дигар, барои васеъ шудани доираи назар нисбат ба ҳаёти фардӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Ин икдоми хайрхоҳона барои аз воқеияти зиндагӣ огоҳ шудан ва ба қадри тавоноӣ барои ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ саҳм гузоштан сабаб мешавад.

Ҳамсоягон онҳоеанд, ки девор дар миён, ҳамҷавор, ман-

зилашон ба мо наздик воқеъ шудааст. Вазифаи ҳар як фард ин аст, ки бо ҳамсоя дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу сафо, хайру эҳсон ва дигар талаботи ахлоқи ҳамида муносибат дошта бошад.

Дар ривоятҳо ҳамсоягонро ба се навъ ҷудо кардаанд. Аввалан, онҳо нисбат ба мо се ҳуқуқ доранд: ҳуқуқи ҳамсоягӣ, хешовандӣ, бародарӣ. Дувум, ду хел ҳақ доранд: ҳаққи ҳамсоягӣ ва ҳаққӣ бародарӣ. Севум, ҳамсояе, ки як ҳуқуқ дорад, вай намояндаи эътиқоду дини дигар аст. Ва мо ба ҳар яки онҳо бояд муносибати мувофиқ дошта бошем, ки дар ҳама сурат ба ҳурмату эҳтиром такя мекунад. Ба ҳамсояе, ки эътиқоду дини дигар дорад ё аз миллати дигар аст, муомилаи сард ё беҳурматӣ кардан норавост.

Ҳамсоя ба ҳаёти инсон таъсири бузург дорад. Пайғамбари ислом фармудаанд, ки ҳурмати ҳамсоя барои инсон мисли ҳурмати модар аст. Дар байни тоҷикон ҳам чунин ҳикматҳо маъмуланд: хонаро, пеш аз ҳама, бо назардошти ҳамсояҳо бояд харидорӣ ё бино кард, ё ин ки хонае, ки ҳамсояҳояш хуб аст, нисбат ба хонаҳои дигар хеле бартарӣ дорад ва ғайра.

Донишмандон аз таҷриба гуфтаанд, ки муоширати неки байниҳамдигарии ҳамсояҳо сабаби ободонии шаҳрҳо ва афзоиши умри мардумон мешавад. Дар китобҳо доир ба вазифаи маънавии ҳар як фард чунин таъйин шудааст:

– хулқу хӯро бо ҳамсоягон неку кунад, бо онон муошират ва ахлоқи хуш дошта бошад;

– ҳамсояи худро ба мисли серии худ сер кунад;

– ҳусни ҳамсоягӣ ин аст, ки ҳамсоягонро озору азият набояд дод;

– эҳтироми ҳамсоя ба монанди эҳтироми модар ҳамон гуна воҷиб ва зарур аст;

– дар моли одамӣ ба ғайр аз закот ҳаққе ҳаст, ки барои ҳамсоя ба назар гирифта шудааст;

– ба хонаи ҳамсоя нимае аз хӯроки субҳониву шом фиристодан аз амалҳои нек аст ва агар огоҳ шавед, ки дар хо-

наи ҳамсоя меҳмон аст, албатта қадре шириниву нон ё меваҷот бифиристед, хайри ҳамсоягӣ мешавад.

Чунонки ба мушоҳида мерасад, дар ривоят ва панду андарзҳо нисбат ба эҳтироми ҳамсоя ва вазифашиносӣ андешаҳои пурқимат ва ҳаётӣ баён шудаанд. Дар онҳо доир ба бохабарӣ аз аҳволи зиндагии ҳамсояҳо, кумаку мададгорӣ, ҳатто қабули заҳматҳо, таҳаммули зиндагӣ ва кайфияти зиндагӣ ва лоақал худдорӣ аз зараррасонӣ ба онҳо таъйин шудаанд.

Нисбат ба ҳамсояҳо аз чӣ бояд худдорӣ ва парҳез кард? Пеш аз хама он чӣ ба худ раво нест, нисбат ба ҳамсояҳо онро набояд раво дид. Пайғамбари ислом фармудаанд: «Ба Худо имон надорад он касе, ки ҳамсояаш аз бадии ӯ дар амон нест».

Дар ахлоқи миллиамон чаҳордаҳ қоидаи одоб бо ҳамсоягон таъйин шудааст:

– аввалан, бо онҳо бо лутфу меҳрубонӣ бояд муносибат кард;

– насиҳату маслиҳати худро аз онҳо набояд дареғ дошт;

– агар бадӣ кунанд, онҳоро набояд беобрӯ кард;

– ба қадри имкон ба онҳо ёрӣ ва мадад бояд расонид;

– бори худро ба дӯши онҳо набояд гузошт, баръакс бори онҳоро бар дӯши худ бояд гирифт;

– агар ҳоҷаташонро баровarда бошед, ба онҳо миннат накунед;

– агар аз онҳо фоидае расад, бояд шукру сипосгузорӣ кард;

– агар аз вай ранҷе ё ҷабре расад, набояд шикоят кард;

– агар онҳо камбағал ва муҳтоҷ бошанд, бояд мададгорӣ кард;

– агар ягон асбобе талабанд, ба хушдилӣ бояд дод;

– обу намак, нон ва ҳезумро аз онҳо набояд дареғ дошт;

– дар рӯзҳои хурсандӣ ва мусибаташон бо онҳо бояд мувофиқат кард ва аввалтар ба хидмат омодагӣ бояд гирифт;

–ба онҳо дар истифодаи обраҳаву пайроҳа ва монанди

онҳо набояд танқисӣ эҷод кард.

Муошират бо калонсолон ва пирон чӣ гуна бояд сурат гирад? Дар ин мавзӯъ дар фарҳанги миллиамон насиҳату ҳидоятҳои бисёре доир ба эҳтиром ва баҳрагирӣ аз донишу таҷрибаи пирон мавҷуд аст. Дар бобати аҳамияти ҳастии пирон дар ривоятҳо омадааст, ки баракату хайр дар рӯйи замин дар сояи вуҷуди пирон ва бузургон аст. Дар китобҳо зикр шудааст, ки пиронро ба мисли падари худ, хурдсолонро чун фарзандон, миёнсолонро ба монанди бародар ва пиразанонро ҳамчун модар бояд тасаввур кард. Ва пайғамбари ислом фармудаанд, ки шахси пир дар байни хонаводаву хешовандон мисли паёмбар дар миёни уммати хеш аст. Ба гуфтаи Имом Содиқ касе, ки пой ба синни пирӣ ва садсолагӣ гузошт, барои хонадони хеш меҳмон аст. Шамсиддини Шоҳин барҳақ қайд кардааст, ки дар муносибат ба пирон ҳаргиз ҷавонон бояд сабукандешагӣ накунанд:

**Танатро чу кардам тавоно ба шир,**
**Ҷавонӣ макун бар парастори пир.**

Нисбат ба пирон, хосса маъюбону иштирокчиёни ҷанг, қаҳрамонону собиқадорони меҳнат, олимон, муаллимони куҳансол, уламо, шахсони хизматнишондода ғамхории доимӣ зоҳир кунед. Ба қадри имкон ҳарчи бештар онҳоро хабар гирифтан, дар рӯзҳои ид ва ҷашнҳои шахсиашон табрик кардан, ҳангоми бемориашон аёдату ҳамдамӣ ва ғамхорӣ кардан мувофиқ ба талаботи инсонгарой ва ахлоқи ҷавонмардӣ аст. Вазифаи инсонии ҳар як фард эҳтиром варзидан, шинохти ҳикмату дониш ва бартарии пирону хидмат ба онҳо мебошад.

Бузургон фармудаанд, ки ба ҳар як кас мувофиқи синну сол ва мақому мартабааш бояд муносибат кард. Вале ҳама инсонҳо новобаста ба синну сол ва мартаба муносиби ҳурмату эҳтиром мебошанд.

Бо кӯдакону хурдсолон муошироти махсус мебояд. Азбаски кӯдакон нозук ва ҳассос мебошанд, бо онҳо нарму самимона, бо навозишу ширинзабонӣ бояд муносибат кард.

Агар дар хона, кӯча, нақлиёт ё ҷойи дигаре кӯдакони ширхор бошанд, овозро баланд кардан, ё байни худ хархашаву ҷанҷол кардан раво нест, зеро ин ба рӯҳу равони онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Тибқи суннатҳои миллиамон муносибат бо занон, духтарон махсус аст – ба онҳо таваҷҷуҳ, шафқату меҳрубонии бештар мебояд зоҳир кард. Пайғамбари ислом фармудаанд, ки беҳтарин фарзандони шумо духтарон ҳастанд, зеро онҳо афроди латиф, унспазир, мубораку раҳматбахшанд. Дар сарчашмаҳои адабӣ омадааст, ки бо модарон, духтарону занон бо шафқату меҳр муносибат бояд кард, зеро онҳо латифанду ба меҳрубонию эҳтиром ниёз доранд.

Дар мактаб ё дар хонаву кӯча, бозор баъзан чунин ҳодиса ба назар мерасад, ки баъзе писарон гоҳо ба духтарҳо, мардон ба занон суханҳои носазо мегӯянд, дағалӣ мекунанд, меранҷонанд, ки ин рафтор барои суннати мо ношоиста ва зишт мебошад. Вале баръакс, ҳодисаҳое низ мушоҳида мегарданд, ки аксари ҷавонписарон нисбат ба духтарон, мардон нисбат ба занон муносибати нек дошта, бо онҳо бо нармӣ, лутфу марҳамат муошират мекунанд. Ин рафтор ҷавобгӯйи усули ахлоқи миллии мо мебошад.

Тибқи талаботи муосир одоби муошират ва муносибати писарону духтарон, марду зан бояд ба риояи чунин қоидаҳо низ такя кунад:

1. Дар кӯча писарбача одатан аз тарафи чапи духтарбача роҳ меравад ва ҳангоми сайругашт кӯшиш кунад, ки баробар бо ӯ роҳ равад.

2. Агар писарбача ва духтар бо таксӣ ба ҷое рафтанӣ бошанд, он гоҳ писар ба назди мошин омада, дари ақиби тарафи ростро кушода, интизори нишастани духтар мешавад ва баъди духтар дар паҳлуи ӯ мешинад.

3. Аз автомобил аввал писар фуромада, ба духтар барои фуромадан ёрӣ мерасонад.

4. Пеш аз ворид шудан ба бино писар барои духтар дарро мекушояд ва баъди духтар вориди бино мешавад.

5. Ҳангоми аз зинапоя фуромадан писар як-ду зина

пештар аз духтар ва ҳангоми боло баромадан як-ду зина аз паси духтар меравад.

6. Дар дохили бино писар ҳеҷ гоҳ пеш аз духтар наменишинад.

7. Дар либосхона (гардероб) писар ба духтар барои либоскашӣ кумак мекунад ва ҳангоми ба берун рафтан ба ӯ болопӯшашро медиҳад.

8. Писари тарбиятгирифта ҳамеша ба духтар барои бурдани бори вазнин ёрӣ мерасонад.

9. Писарбача дар назди духтар амалҳои нораво содир намекунад.

10. Агар писар бо духтар мулоқот таъйин карда бошад, аз рӯйи одоби муошират ба он ҷо ҳатман чанд дақиқа пештар ҳозир мешавад.

11. Писар бо духтар нахустин шуда худоҳофизӣ (хайрухуш) намекунад.

12. Писар барои вохӯрӣ бо духтарон бо сарулибос ва бадани тозаю ороишдода меравад.

13. Дасти духтарро гирифтан, дар вақти гуфтугӯ ба ӯ даст расонидан, ғайр аз ҳолатҳое, ки шумо ба ӯ барои дохил шудан ва хориҷ шудан кумак мерасонед, аз рӯйи одоб нест.

14. Барои писар оид ба ашё ва мавзӯъҳои мардона ё ногувор дар сари миз суҳбат кардан бо духтарон манъ аст.

15. Чун писар бо духтар ба ягон ҷое омада бошад, ӯро танҳо гузоштан ва рафта бо дигарон тӯлонӣ суҳбату мулоқот кардан беодобӣ аст.

16. Писар барои мулоқот бо духтар дастаи гулро дар дасти чап нигоҳ медорад ва ғайра.

Мардон низ чун писарон бояд бо занон ва ҳамсарони худ аз рӯйи ҳамин меъёрҳо муносибат кунанд.

Дар баробари ин чунин қоидаҳои одоби муошират дар замони муосир маъмуланд: маблағи занро мард мепардозад; дастфишорӣ бо зан шарт нест; ҳангоми фуромадан аз наклиёти ҷамъиятӣ ба духтар дастро барои кумак дароз мекунанд ва ғайра.

Дар фарҳанги миллиамон дӯст ва дӯстӣ низ аз мавзӯъҳои муҳим маҳсуб ёфта, ҳам дар адабиёт, ҳам дар фалсафа ва ҳам дар ахлоқ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Дар ҳаёти шахсӣ ва ҷомеа ягонагиву якдилӣ дар ҳадафу мақсад мақоми бузурги созандагӣ дорад. Дӯстӣ маҳз ба қаробати дилҳо бо якдигар, ҳамоҳангии мақсаду маром асос меёбад. Инсон ҳамеша ниёзманди дӯст ва дӯстӣ буда, ба шарофати он пастиву баландии зиндагиро паси сар мекунад, ба зинаҳои баланди камолот мерасад, саодатманд мешавад.

Дар таълимоти ниёгонамон қоидаву шартҳои муошират бо дӯстон, ошноён ва бегонагон низ таъйин шудаанд, ки аксари онҳо дар муносибатҳои имрӯзаи мо, тоҷикон ва тоҷикистониён, ба назар мерасанд. Чунончи, дар муносибат бо дӯстони ҳақиқӣ бист қоида таъйин шудааст:

– молу чизро аз дӯст набояд дареғ дошт;

– сирри вайро ба касе набояд гуфт;

– айбашро аз дигарон пинҳон бояд дошт, вале ба худаш бояд гуфт;

– суханашро бо таваҷҷуҳ бояд шунид;

– ба сухани вай набояд эътироз кард;

– вайро бо номи нек хитоб бояд кард;

– ба некиаш шукру сипос бояд кард;

– дар ғайбаш ба некӣ ёд бояд кард;

– агар ҳоҷат ба насиҳат афтад, ба ӯ онро ошкоро, вале бо лутфу нармӣ бояд гуфт;

– хатоҳои вайро бояд бахшид;

– бору ташвиши худро бар дӯши ӯ набояд гузошт;

– бо шодии вай бояд шод ва дар ғами вай бояд ғамгин шуд;

– ба вай аввалин шуда бояд салом гуфт;

– ҳурмати ӯро ба андоза бояд ба ҷо овард;

– ба ӯ ҳамонро бояд писандид, ки кас ба худ меписандад;

– сухани вайро ҳаргиз набояд бурид;

– ӯро дар ҷойҳои мувофиқ таъриф бояд кард;

– дар ҷамъомадҳо ӯро ба ҷойи муносиб бояд шинонд;

– дар вақти зарурӣ ҳатман ба ӯ бояд мадад расонд;

– бо душманони ӯ дӯстӣ набояд варзид ва бо дӯстони ӯ набояд душманӣ кард.

Муошират бо ошноён чӣ гуна аст? Дар ин мавзӯъ дар ахлоқи миллӣ қоидаҳои зерин омадааст:

– аввалан, барои афзудани ошноӣ бояд кӯшиш кард;

– дувум, ба онҳо ба қадри имкон фоида бояд расонд;

– севум, насиҳатро аз онҳо набояд дареғ дошт;

– чаҳорум, аз онҳо чизеро набояд тамаъ кард;

– панчум, аз ҳоли онҳо пурсон бояд шуд;

– шашум, агар бадӣ кунанд, набояд онҳоро маломату сарзаниш кард, балки бояд бубахшид.

Бо одамони бегона чӣ гуна муносибат бояд кард? Гоҳо чунин ба назар мерасад, ки баъзе афрод ба шахси бегона сахт ва ё бисёр менигаранд, ё чунин муносибат мекунанд, ки ношинос худро ногувор эҳсос мекунад. Албатта, ин нишонаи одоб нест. Бинобар ин нисбат ба бегонагон қоидаҳои зеринро бояд риоя кард:

– аввалан, ба онҳо набояд сахт назар андохт;

– дувум, ба миёни сухани онҳо худро набояд афканд;

– севум, ба суханҳои ноҳамвору носози онҳо набояд гӯш андохт;

– чаҳорум, агар дар онҳо ношоистагӣ ба назар расад, насиҳат бояд кард;

– панчум, нисбат ба онҳо мушфиқ бояд буд;

– шашум, то касе аз байни онҳо ба назар муносиб нарасад, набояд ӯро ба суҳбат роҳ дод.

Дар оила, мактаб, ҷомеа одамоне ҳастанд, ки ятим, бе падару модар ё норасоии ҷисмонӣ доранд, яъне маъюб мебошанд. Нисбат ба чунин шахсон таваҷҷуҳи махсус ва муоширати писандида мебояд кард. Онҳоро ба мисли пирон, падару модарон, хешовандон эҳтиром карда, бо эшон бо лафзи ширин, бо меҳру шафқат, андешамандона муошират бояд намуд. Ба онҳо ҳар чи бештар ёриву дастгириро раво бояд дид, барои осон кардани ҳалли мушкилоташон мардиву ҷавонмардӣ бояд зоҳир кард.

Ҳамин тариқ, ахлоқи ҳамида, хусусан, ҷавонмардӣ тақозо мекунад, ки бо одамон, бо ҳамсоягону пирон, дӯстон, ошноён, маъюбон муоширати шоиста дошта бошем. Бо онҳо тибқи шарту қоидаҳои инсонпарварона, ки дар тӯли асрҳо дар заминаи ҳам таҷрибаи маънавӣ ва ҳам таҷрибаи амалӣ эҷод шудаанд, рафтор намоем. Хушбахтона, фарҳанги ғании гузаштаву имрӯзаамон ҳикматҳои ҷовидона ва дурдонаҳои пурқимати маънавиро бароямон эҳдо кардааст. Онҳоро ба ҷону дил пазируфтан, ба бунёди маънавиёту амал ва расму одати худ мубаддал сохтан айни савобу маҳзи хайр аст.

## Маводди иловагӣ

**1) Иқтибос аз «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғаззолӣ оид ба ҳуқуқи ҳамсоягӣ:**

Ва Расул гуфт: донӣ ки ҳаққи ҳамсоя чист? Он ки агар аз ту ёрӣ хоҳад, ёрӣ диҳӣ ва агар вом[1] хоҳад, вомаш диҳӣ ва агар дарвеш бошад, мадад кунӣ ва агар бемор бошад, аёдат кунӣ ва агар бимирад, аз паси ҷанозаи вай фаро шавӣ ва агар шодие расадаш, таҳният кунӣ ва андуҳе расадаш, таъзият кунӣ ва девори сарои хеш баланд барнадорӣ, то роҳи боду афтоб аз вай баста шавад ва чун мева хурӣ, вайро бифиристӣ ва агар натавонӣ пинҳон хӯрӣ ва написандӣ, ки фарзанди ту дар даст гираду берун шавад, то фарзандони вайро чашм дар он ояд ва вайро бо дуди матбахи худ наранҷонӣ, магар, ки вайро аз табхи хеш бифиристӣ…

Ва бидон, ки аз ҷумлаи ҳуқуқи вай яке он аст, ки аз бом ба хонаи вай фурӯ нанигарӣ ва агар сари чӯб бар девори ту ниҳад, манъ накунӣ ва роҳи новадони вай баста надорӣ ва агар хок пеши дари сарои ту афканад ҷанг накунӣ ва ҳар чӣ аз авроти вай хабар ёбӣ, пӯшида дорӣ ва чашм аз ҳарами вай нигоҳ дорӣ ва андар канизаки вай бисёр нанигарӣ.

---

[1]Вом-қарз

**2) Аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус андар оини дӯст гирифтан**

Бидон, эй писар, ки мардон то зинда бошанд, ногузир бошанд аз дӯстон, ки мард агар бебародар бошад, беҳ, ки бе дӯст, аз он ки ҳакимеро гуфтанд, ки дӯст беҳтар ё бародар?

Гуфт:

– Бародар низ, дӯст беҳ.

Пас агар андеша кунӣ аз кори дӯстон – писар доштан ва ҳадя фиристодан ва мардумӣ кардан. Зеро, ки ҳар кӣ аз дӯстон наяндешад, дӯстон низ аз вай наяндешанд. Ва одат кун ҳар вақте дӯсте нав гирифтан. Зеро ки бо дӯстони бисёр айбҳои мардум пӯшида шавад ва ҳунарҳо густурда гарданд. Валекин чун дӯсти нав гирӣ, пушт бар дӯсти куҳан макун. Дӯсти нав ҳам талабу дӯсти куҳанро бар ҷой ҳамедор, то ҳамеша бисёрдӯст бошӣ, ки гуфтаанд. «Дӯсти нек ганҷи бузург аст».

Аммо ба бехирадон ҳаргиз дӯстӣ макун…Ва дӯстӣ бо мардуми ҳунариву некаҳд кун, то ту низ бад он ҳунарҳо маъруф ва сутуда бошӣ, ки он дӯстони ту бад-он маъруфу сутуда бошанд. Ва танҳо нишастан аз ҳамнишини бад авлотар.

## Саволу супориш

1. Ҳамсоя кист?
2. Шартҳои ҳамсоягӣ кадомҳоанд?
3. Мақоми дӯстӣ ва дӯст дар ҷомеа чӣ гуна аст?
4. Кадом қоидаҳои муоширатро бо дӯстон медонед?
5. Муошират бо хурдсолону духтарон чӣ гуна аст?
6. Қоидаҳои одоб бо шиносон ва бегонагон кадомҳоанд?
7. Муошират бо маъюбон чӣ гуна бояд бошад?
8. Қоидаҳои муошırати писару духтарро номбар кунед.
9. Ахлоқи ҳамида ва таълимоти ҷавонмардӣ аз мо чӣ тақозо дорад?
10. Порчаҳо аз «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғаззолӣ ва «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковусро хонда, шарҳ диҳед.

## § 8 ОДОБИ МУОШИРАТ ВА РАФТОР ДАР СИНФХОНАВУ МАКТАБ



Мактаб барои ҳар як фард бисёр азиз аст, зеро вай хонаи муътабари дувуми ӯст. Мактаб муассисаест, ки ҳар як инсон дар он ҳам таълим ва ҳам тарбия мегирад. Модар ба мо ҳарфи аввалин, сухан гуфтан ва қадам гузоштанро ёд медиҳад. Мактабу муаллим навиштану хондан, дар роҳи маънавӣ қадам гузоштанро меомӯзанд. Падару модарон дар оила, мураббия дар кӯдакистон барои забони моро ташаккулу такмил додан, тасаввуроти одиро дар бораи аҳли хонавода, хешу ақрабо, одамон, табиат, кишвари азиз пайдо кардан, ёрӣ мерасонанд. Дар мактаб асосҳои илмҳои гуногун, донишҳои иҷтимоию табиӣ, зебоишиносӣ, ахлоқӣ, экологиро таълим медиҳанд, тарбияи ҷисмониву маънавии насли ҷавонро амалӣ мегардонанд.



Ба туфайли таълиму тарбияи устод мо асрори оламу одам, табиат, ҷомеаро дарк менамоем, Ватани азизамон Тоҷикистонро хубтар мешиносем. Мактаб, таълимгоҳ дар ҳаёти ҳар як инсон тақдирсоз аст. Ҳар як хонандае, ки илму адаб меомӯзад, ба оянда нек ва дурахшон ноил мешавад.

Хонанда, талаба кист? Хонанда касест, ки асосҳои илм, донишҳои иҷтимоию табиӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, экологиро омӯхта, ба ҳаёти мустақилона, барои хизмат ба модару падар, ба ватани азизи худ тайёр мешавад. Толибилм чӣ гуна метавонад бомуваффақият дар мактаб таҳсил кунад? Ба ин савол аз таҷрибаи бисёрасраи рӯзгор бузургон ҷавоб додаанд:

**Толиби илмро адаб бояд,**
**Боадаб саъй дар талаб бояд.**

Яъне, хонанда, аввалан, бояд боадаб бошад. Қонуну қоидаҳои ахлоқи ҳамида, одоби муоширатро риоя кунад, боинтизом бошад, зеро ки ҳамаи ин восита ва омили муҳимми омӯхтани илму ҳунар аст.

Мактаб ихтирои бузурги хирад ва таҷрибаи тамаддуни инсонӣ дар роҳи таълими илму маърифат ва тарбияи маънавии насли наврас мебошад. Мактаб барои омӯзиши илму ҳунар ва парвариши одобу фазилатҳои писандида бағоят мувофиқу мусоид аст. Хонандагон дар мактаб тавассути таълиму тарбияи устоди худ бо ҳамсинфон дастаҷамъона таҳсил мекунанд, меомӯзанд, саволу ҷавоб, мубодилаи афкор ва баҳсу мунозира мекунанд. Онҳо аз ҳамдигар ибрат ва сабақ мегиранд, ба якдигар назар карда, кӯшишу ғайрат мекунанд, то ки аз ҳамдигар қафо намонанд. Дар ин раванд байни ҳамсинфон эҳсосу риштаҳои бародарӣ, рафоқату дӯстӣ пайдо мегарданд. Яке ба дигаре дар омӯзишу дарки мавзӯъҳо ёрӣ мерасонад, якҷоя бо варзишу тарбияи бадан машғул мешаванд, ки барои аз бар кардани илму ҳунар мусоидат мекунанд. Ин ҳама боиси инкишофи нутқ, тафаккур, такмили дониш, афзудани услубу одоб, худшиносӣ ва муоширати писандида мешавад.

Дар мактаб мақоми бузург ва нақши марказиро устод, муаллим ишғол мекунад. Омӯзгорӣ аз касбҳои қадим ва ниҳоят муътабар аст. Пешаи омӯзгорӣ муқаддастарин касби рӯйи олам аст. Бедории фикр, покизагии ахлоқ ва ташаккули ақлонии инсон, маҳсули ранҷу машаққати омӯзгорон аст.

Дар таълимоти ҷавонмардӣ роҷеъ ба мақоми баланди муаллим чунин омадааст: «Бидон ки ҳеҷ коре бе устод муяссар намешавад ва ҳар ки бе устод коре кунад, бебунёд бошад:

**Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,**
**Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.**

Дар ин таълимот устодро барҳақ ба баҳру иксир низ монанд кардаанд, ки қатраро ба гавҳар ва мисро ба зар табдил медиҳад:

**Қатра ба баҳр ояду гавҳар шавад,**
**Мис чу ба иксир расад зар шавад.**

Адиб ва мутафаккири асри XV Камолиддини Биноӣ мартабаи баланди устодро зикр карда, ҳуқуқи ӯро аз волидон боло гузоштааст. Ин адиб мефармояд, ки агар падару модар фарзандро ҷисман офаранд, муаллим тавассути таълиму тарбия ӯро ба камоли маънавӣ расонида, умри ҷовидонӣ мебахшад:

**Падар аз ҳаёт баҳра диҳад,**
**Устод аз наҷот баҳра диҳад.**

Дар китобҳо ҳамчунин, зикр шудааст, ки мартабаи муаллим аз олим низ боло меистад. Зеро устод ба шогирдон, ғайр аз он , ки илму ҳикматро эҳдо мекунад, ҳидояткунандаи хайру салоҳ, парварандаи фазилатҳои маънавии воло, одамият низ мебошад, ки онҳо дар маҷмӯъ бунёду ҷавҳари одамиро ташкил медиҳанд.

Хонанда бояд ба қадри муаллим, устод бирасад, иззату эҳтироми ӯро ба ҷо оварад, услубу одоб ва шартҳои шогирдиро риоя кунад. Тибқи ахлоқи миллӣ аввалин фазилате, ки шогирд бояд доро бошад, иродат аст. Маънии иродат ба суханони устод гӯш кардан – ҳарчи устод гӯяд, ба ҷон шуниданy сидқан пазируфтан ва аз рӯйи он амал кардан мебошад. Дигар фазилат ба хидмат будан аст. Маънии хидмат тарки роҳат ва кашидани ранҷ, меҳнатдӯстист. Шарти шогирдӣ бошад, аз чор асос ё поя иборат аст. Аввалан, ба кору таҳсил мардона шурӯъ кардан. Дувум, бо сидқи тамом хидмат кардан. Севум, дилу забонро бо ҳам рост доштан. Чаҳорум, панд пазируфтан ва ҳарчи аз устод шунавад, ёд гирифтан.

Ахлоқи миллиамон – ҷавонмардӣ барои толибилмон, аз ҷумла, ҳашт қоидаи зерини шогирдиро таъйин кардааст:

– аввалан, чун устодро дид, дар ибтидо салом кардан;
– дувум, дар пеши устод кам сухан гуфтан;
– севум, сар дар пеш андохтан;
– чаҳорум, ба ҳар тараф бисёр нанигаристан;
– панҷум, агар саволе дошта бошад, аввал иҷозат талабидан;
– шашум, чун ҷавоб гӯяд, эътироз накардан;
– ҳафтум, дар пеши устод бо касе сухани саргӯшӣ накардан;
– ҳаштум, бо ҳурмати тамом нишасту бархост кардан.

Барои хонанда остонаву дару девори мактаб, синфхона, ашёи он, ҳамсабақону муаллимон, кормандони таълимгоҳ ба мисли хонаву аҳли хонавода азизу гиромӣ аст. Тозаву озодагӣ ва зебоии синфхонаву мактаб, муҳити солими маънавии таълимгоҳ ба тартибу интизом ва услубу одоби хонандагон вобаста аст. Бинобар ин хонандагон қоидаҳои дохилимактабӣ, шартҳои одоби муоширатро бояд риоя кунанд. Дар мактаб, ки боргоҳи илму адаб аст, дар дохили бино, синфхона бояд оромии мутлақ, услубу одоби намунавӣ риоя гардад, зеро таҳсилу таълим, тарбия танҳо дар шароити оромӣ, муҳити солим метавонад сурат бигирад. Дар синф, дохили бино бо овози баланд сухан кардан, давидану шӯхӣ ва мағал кардан нишонаи беодобии шахс аст.

Ба мисли он ки ҳамсинфон ҳамдигарро чун хоҳару бародар ҳурмат мекунанд, нисбат ба тамоми аҳли мактаб чунин муносибатро бояд риоя кард. Хусусан, бо талабагони синфҳои ибтидоӣ мушфиқу меҳрубон мебояд буд. Чун ба саволе ё илтимосе муроҷиат кунанд, ба онҳо бо таваҷҷуҳи махсус ҷавоб бояд дод ва дасти ёрӣ дароз кард.

Баъзан чунин ҳодиса ба назар мерасад, ки талабагони синфи боло нисбат ба хонандагони синфи поён, ё талабагон ба толибагон беҳурматӣ зоҳир мекунанд, онҳоро озор медиҳанд. Ҳамаи ин аз рӯйи одати миллӣ ва ахлоқи ҷавонмардӣ нест. Тибқи ахлоқи ҷавонмардӣ нисбат ба хурдсолон мушфиқ, ба калонсолону духтарон баҳурмат бояд буд.

Мактаб ба мисоли як оилаи бузург аст. Ҳамаи аҳли мак-

табро бояд эҳтиром кард. Чун ба таълимгоҳ меоем, сарфи назар аз ин ки вай кист, хоҳ сарвари мактаб, хоҳ муаллим, хоҳ посбон, хоҳ фаррош, хоҳ хоҷагидор, хоҳ талабаи синфи болоӣ ва ғайра ба онҳо аввал шуда салом бояд гуфт. Чеҳра бояд кушода ва шукуфон бошад, қатъи назар аз он ки баъзан табъамон нохуш, аз касе ранҷида ҳастем.

Падару модарон барои пурсиши хонишу давомоти фарзандон ба мактаб меоянд, ки ҳангоми дучор омадан ба онҳо, албатта, салом бояд дод. Агар шахсе ба мактаб ояд ва утоқи сарвар, ҷонишини сарвар, ё муаллимеро пурсад, бо таваҷҷуҳу самимият ҷойи нишаст, қароргоҳи онҳоро лутфан бояд нишон дод.

Дар ҷашнҳои бузург ва маъракаҳо ба мактаб меҳмонҳо меоянд. Дар ин маврид расму оини меҳмоннавозиро мебояд ба таври шоиста ба ҷо овард. Нисбат ба онҳо таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир карда, дар даҳлези мактаб як сӯ истода, мебояд ба онҳо роҳ дод, салому алайк кард. Шарти қабулу гусели меҳмонро бояд риоя намуд. Оини истиқболи меҳмон ин аст, ки вайро одатан дар остонаи мактаб бо чеҳраи кушоду мамнуният пешвоз мегиранд. Баъд ӯро ба дохили мактаб ворид ва то маҷлисгоҳ роҳбаладӣ карда, ба ҷойи беҳтарин, ё дар саҳна ё дар қатори пеши толор мешинонанд. Баъди хотимаи маҷлис, ҳангоми рафтани меҳмон, ӯро бо кафкӯбӣ ва хурсандӣ гусел карда, то масофае аз бинои мактаб андаке дуртар бо меҳмоннавозиву арзи сипос ҳамроҳӣ мекунанд.

Хонанда баробари он ки дар синф бо муаллим ва ҳамсабақон муошироти писандида дорад, дар муносибат ба тамоми аҳли мактаб низ чунин рафтори намунавиро бояд риоя кунад. Хусусан, дар даҳлези мактаб ҳангоми зангҳои даромад ва баромад, ки анбӯҳи хонандагон равуо мекунанд. Одатан дар ҷойҳои серодам риояи услубу одоб боз зарууртар мебошад.

Дар даҳлези мактаб қоидаҳои зерини муошратро бояд риоя кард:

– аввалан, аз тарафи рости даҳлез бояд роҳ рафт;

– ба атрофиён мутаваҷҷеҳ ва бодиққат будан зарур аст;
– давидан ва тез роҳ гаштан норавост;
– чун муаллим, сарварони мактаб ё калонсолон дучор оянд, худро як сӯ гирифта, салом бояд дод;
– касеро бо китф задан, пояшро зер кардан ё фишор овардан нашояд, агар тасодуфан чунин ҳодиса рӯй диҳад, албатта, бояд бахшиш пурсид;
– дар даҳлез об нӯшидан, ё хуришеро тановул кардан аз рӯйи одоб нест;
– баланд гап задан ё шӯхӣ кардан раво нест;
– касеро бо овози баланд чеғ задан нашояд;
– ба чапу рост бе зарурат набояд нигарист;
– баланд хандидан, мағал кардан норавост.

Одоби бо зина баромадан ва фуромаданро низ дар мактаб ҳар як толибилм бояд бидонад ва риоя кунад, ки аз ҷумла инҳо мебошанд:
– аввалан, ҳангоми бо зина баромадан ва фуромадан набояд саросема шуд;
– аз касе пеш гузаштан, хусусан, аз муаллим ё калонсолон хуб нест, вале ҳангоми зарурат иҷозат пурсида, баъд метавон пеш гузашт;
– ҳангоми дучор омадан бо пирони муҳтоҷ ба онҳо албатта, ёрӣ бояд расонд, агар ба боло бароянд як зина пеш гузашта, аз дасташон бояд гирифт, агар ба поён фуроянд як зина поён гузашта, дасти ёрӣ бояд дароз кард;
– ба хонандаи синфи поён дар баромадану фуромадан бо зина мутаваҷҷеҳ бояд шуд;
– хусусан, нисбат ба хонандае, ки норасоии ҷисмонӣ дорад, албатта таваҷҷуҳ ва мададгорӣ бояд кард.

Ҳамчунин, дар хотир бояд нигаҳ дошт, ки дар ҳар як мактаб оинномa қабул шудааст, ки риоя кардан ва мутобиқи он амал кардан аз ҳар як корманд, муаллим ва хонанда талаб карда мешавад. Дар чунин қоидаҳо одоби муносибат ба ашёи мактаб ва гирду атрофи он низ ифода меёбад. Аз ин рӯ талабагон вазифадоранд, ки ба амволи мактаб бо эҳтиёт

муносибат кунанд ва қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаро иҷро кунанд. Ба ин мақсад хонандагон бояд:

1. Тозагиро дар мактаб ва ҳавлии мактаб риоя кунанд;
2. Бинои мактаб, таҷҳизот ва амволро эҳтиёт намоянд;
3. Нерӯйи барқ ва обро сарфакорона истифода кунанд;
4. Ба натиҷаҳои кори дигарон бо эҳтиёт муносибат карда, дар рӯбучин кардани ҳуҷраҳои мактаб ҳангоми навбатдорӣ дар синф ва мактаб ба қадри имкон ёрӣ расонанд;
5. Тозагӣ ва тартибро дар ошхона, ҷойи либоскашӣ ва ҳоҷатхона риоя кунанд;
6. Дар омодасозии мактаб ба соли нави таҳсил ба қадри имкон ширкат биварзанд;
7. Ба саломатии худ ва саломатии атрофиён таваҷҷуҳи ҷиддӣ намоянд.

Аз хотир набаоред, ки ба талабагон дар мактаб мамнуъ аст: истифода бурдани ҳар гуна моддаҳое, ки боиси таркиш ва сӯхтор мегарданд; анҷом додани ҳар гуна амалҳое, ки боиси хатар барои атрофиён ва ҳаёту саломатии худ мешавад.

Ҳамин тариқ, мактаб, ки боргоҳи илму адаб ва ҳунару зебоист, дар баробари омӯхтани илму ахлоқ риояи қоидаҳои одоби муошират, қадршиносиву эҳтироми муаллимон – шахсиятхои воломақом ва муътабари ҷомеа ва тамоми аҳли мактаб, эҳтиёт кардани ашёи хониш барои ҳар як хонандаи боадаб воҷибу зарур мебошад.

## Маводди иловагӣ

**1) Иқтибос аз рисолаи «Тадбири манзил»-и Абӯалӣ ибни Сино**

Беҳтар ин аст, ки аз фарзандони мардумони ҷалил, ки дорои ахлоқу одоб мебошанд, ки дар мадраса муҷтамеъ шуда, ба фаро гирифтани илму адаб ва ахлоқ бипардозанд. Ин кору тартиб чанд фоида дорад:

1. Шогирдон ҳамеша бо нишоту ҳарис ба омӯхтани илму адаб ва ахлоқ мебошанд, гоҳе ба якдигар мубоҳот мекунанд ва гоҳе ба ҳоли ҳамдигар ғибта мехӯранд[1] . Ва мавқеи иззати

[1] Ғибта хӯрдан – ҳавас кардан.

нафс водорашон мекунад, аз дигар шогирдон ақиб намонанд.

2. Шогирдони муҷтамеъ бо якдигар сухан мегӯянд, ин сухан гуфтан сабаби рӯшноию фузунии ақлу фаҳмашон мешавад…

3. Шогирдон бо якдигар рафиқ мешаванд ва ба ҳамдигар эҳтиром мекунанд ва мехоҳанд ба якдигар сабқат кунанд. Ҳамаи инҳо асбоби мубоҳоту муҳокимот ва мусобиқа буда, мӯҷиби таҳзиби ахлоқ ва таҳрики ҳимматҳо ва тамрини одоби хуб мебошанд.

**2) Дар васфи муаллим**

Дор адаби дарси муаллим нигоҳ,
То нашавӣ таблаки таълимгоҳ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Агар дар дилат меҳри устод нест,
Ба дасти умеди ту ҷуз бод нест.

*Абулбақо Мӯсавӣ*

Ҳаққи падар бузург аст ва ҳаққи устод – бузургтар.

*Аҳмади Дониш*

## Савол ва супориш

1.Чаро мактаб барои ҳама азизу муътабар аст?

2.Дар бораи мақоми муаллим дар ҷомеа ва эҳтироми ӯ чӣ медонед?

3.Шартҳои одоби шогирд нисбат ба муаллим кадомҳоанд?

4.Дар даҳлези мактаб кадом одоби муоширатро бояд риоя кард?

5.Дар зинаи мактаб бо пирон, хурдсолон ва маъюбон чӣ гуна бояд муносибат кард?

6.Расму оинҳои муошират бо ҳамсинфон ва аҳли мактаб кадомҳоанд?

7.Волидони хонандагон ва меҳмононро дар мактаб чӣ гуна пазироӣ мебояд кард?

8. Муҳимтарин қоидаҳои муносибат ба ашёи мактабро номбар кунед.

9. Порчаҳо аз рисолаи «Тадбири манзил»-и Абӯалӣ ибни Синоро мутолиа карда, шарҳ диҳед, суханони бузургонро дар васфи устод аз ёд кунед.

## § 9 ҚОИДАҲОИ РОҲРАВӢ ВА ОДОБИ МУОШИРАТ ДАР КӮЧА, НАҚЛИЁТ ВА БОЗОР



Расму оин ва фарҳанги миллӣ моро ҳидоят мекунанд, ки дар ҳар ҷо, хоҳ дар хона, хоҳ дар мактаб, хоҳ дар кӯча, хоҳ дар бозор, хоҳ дар сафар ҳамеша чун инсони комил аз рӯйи одаму одамгарӣ, одоби муошират рафтору амал намоем. Мирзо Бедил ба ин маънӣ фармудааст:

Камол он аст, ки аз худ бошӣ огоҳ,
Чӣ дар хилват, чӣ дар саҳро, чӣ дар роҳ.



Аз ин рӯ, хонандагон дар кӯчаву хиёбон, маҳаллаҳои шаҳру деҳа тибқи суннатҳои миллӣ бояд чунин рафтор кунанд, ки ба атрофиён хушнудиву хурсандӣ биёрад. Онҳо бо хурдсолон бо меҳрубонӣ, бо занону духтарон, калонсолону пирон бо ҳурмату эҳтиром, бо маъюбон бо шафқат муошират кунанд. Дар кӯчаву роҳҳо аввалан қоидаҳои пиёдагардиро риоя кардан ҳатмист. Аз назди чароғаки роҳнамо ё пайроҳаи махсус эҳтиёт шуда, роҳи калонро бояд гузашт. Зеро бисёр фоҷиаҳо маҳз аз сабаби вайрон кардани қоидаҳои пиёдагардӣ дар кӯчаву роҳҳо рух медиҳанд.

Доир ба рафтор дар кӯча ва одоби роҳ рафтан қоидаҳои хеле муфиде маъмуланд, ки донистан ва риоя кардани онҳо барои ҳар як хонанда ва шаҳрванд ҳатмӣ мебошад. Аз ҷумла:

– дар кӯчаву хиёбон, маҳаллаҳои шаҳру деҳот бо овози паст гуфтугӯ ва суҳбат бояд кард, то ки оромии шаҳрвандон халалдор нагардад;

– баланд хандидан, мағал кардан норавост,

– агар касе суроғаеро пурсад, бо лутф ҷавоб бояд дод,

– суханҳои фаҳш ва таҳқиромезро набояд истифода кард,

– ҳангоми гашту гузор бо ҳамсинфон ва ёру дӯстон пеши роҳи пиёдагардонро набояд банд кард; – Дар кӯча давидан (ба истиснои машқу давидани варзишӣ), бо шитоби беандоза бузург роҳ паймудан, китф ба пиёдагардон задан, онҳоро озор додан аз рӯйи одоб нест.

– зани кӯдакдор, пиразан ва марди калонсол ё маъюбе ихтиёри нишастан кунанд, ҷавони дар курсӣ нишаста ба онҳо бояд ҷой диҳад;

– ба мӯйсафедон, иштирокчиёни ҷангу собиқадорон, пиразанон, маъюбон, занҳои кӯдакдор бояд мадад кард;

– бо пирон ва мӯйсафедон ҳамроҳ бошед, аз ақиби онҳо бояд рафт;

– агар касе салом кунад, ҷавоб гуфта бояд гузашт ва барои пурсиш, гуфтугӯ ва дилҷӯйӣ дар миёни роҳ таваққуф набояд кард;

– агар ба ёрони дучоромада сухан кардан лозим шавад, аз миёни роҳ ба як тараф, дар каноран он истода, гуфтугӯ бояд кард;

– агар ҳамроҳи ёрон бошед ва дар роҳ ба касе дучор оед, ҳарчанд гуфтугӯ бо ӯ зарур бошад ҳам, таваққуф накунед ва ёронро мунтазир насозед;

– аз миёни роҳ санг ё чизеро, ки ба роҳравии одамон халал мерасонад, дур бояд кард;

– дар миёни ду нафар, ки бо ҳам суҳбат мекунанд, набояд даромад, хусусан, ба миёни духтарон.

Инсон аз ҳама ҷиҳат бояд зебо бошад. Ӯро ҳам сурат ва ҳам сират, ҳам гуфтору ҳам рафтор, роҳ рафтан, ҳар як ҳаракату сукунаташ бояд тибқи талаботи ахлоқ ва зебоӣ бошад.

Одатан писарон ё мардон устуворона ва нисбатан қадами калон мегузоранд. Духтарон ва занҳо бошанд, қадамҳоро майдатар мемонанд ва хиромон роҳ мегарданд. Дар ахлоқи миллиамон бисёр қоидаҳои роҳгардӣ таъйин шудаанд, ки аз ҷумла инҳоянд:

– қоматро рост карда қадам бояд монд;

– то зарурат набошад, ба роҳ набояд баромад;

– пойлуч набояд роҳ рафт;

– пойафзорро дар кӯча бо ҷӯроб пӯшида, ҳамеша тоза бояд нигоҳ дошт;

– на мутакаббирона, балки хоксорона бояд роҳ рафт;

– ҳангоми роҳ рафтан, то зарурат набошад, набояд сухан кард;

– қадамҳоро аз ҳад зиёд калон набояд гузошт;

– ба ҷойҳои ифлос набояд қадам монд;

– ба пеш, рост нигариста, бояд роҳ гашт;

– ба болои бом ва тирезаи хонаҳо набояд назар кард;

– ба даруни хонае, ки дараш кушода аст, набояд нигоҳ кард;

– оби даҳон набояд андохт;

– роҳро ба касе набояд танг кард;

– ҳангоми вохӯрӣ дар кӯча ба фарзандони мардум сухан кардан ва онҳоро бӯсидан ё даст расонидан матлуб нест;

– ба ҷое, ки кор надоред, набояд рафт;

– суруд, ё сухани дигареро бо овоз набояд хонд;

– бо эҳтиёт бояд қадам гузошт, то ҷонвари хурде ҳам зери по ҳалок нагардад;

– дар дари хонае, ки кор надоред, набояд истод;

– дар пушти хона ва ҳавлиҳо футбол бозӣ кардан ё машғул шудан ба навъҳои дигари варзишу бозиҳо, ки ба истиқоматкунандагони онҳо халал мерасонад, аз рӯйи одоб нест;

– агар сагча ё ҷонваре аз роҳи калон майли гузаштан кунад, назорат ва мададгорӣ бояд кард, то ки зери мошин намонад;

– агар касе суроғаеро пурсад, ба лутфу нармӣ бояд ҷавоб дод;

– агар бачагон, пирон, занони кӯдакдор, мусофирон аз роҳи калон гузаштанӣ шаванд, ба онҳо бояд ёрӣ расонд.

Мо аз рӯйи зарурат аз нақлиёт – автобус, троллейбус, микроавтобус, таксӣ, самолёт, поезд истифода мебарем. Бо ронандагон, мусофирон, одамҳои гуногун вомехӯрем, бо

онҳо муносибату муомила менамоем. Дар нақлиёт кадом қоидаҳоро бояд риоя кард? Аввалан, дар нақлиёт бодиққат бояд буд. Ҳангоми саворшавӣ ба нақлиёт навбатро риоя карда, ба занҳои ҳомиладор, кӯдакдор, иштирокчиёни ҷангу собиқадорон, пиразанон, муйсафедон, маъюбон мададгорӣ бояд кард, то ки аввал онҳо даромада нишинанд. Дар дохили нақлиёт ҷавонон бояд ба калонсолон, мӯйсафедон, занҳо, маъюбон ҷой диҳанд. Агар зане бо кӯдакаш ё касе дар дасташ бор ба мошин савор шуданӣ бошад, ба онҳо дасти ёрӣ бояд дароз кард.

Дар дохили мошин мағал кардан, баланд сухан намудан, хандидан ё шиносу хешовандро дида баланд гуфтугӯ кардан, норавост. Агар зарурате ба миён ояд, бо овози паст пурсупос ва гуфтугузор кардан мумкин аст. Гуфтугӯ бо телефон низ номатлуб аст. Дар хотир бояд дошт, ки дар нақлиёт мусофирон ба ҳам наздик ва зич қарор мегиранд. Дар чунин вазъият услубу одоб, ақлу фаросат ва маданияти шахс базудӣ аён мешавад.

Дар бозор, мағозаҳо, нуқтаву марказҳои хариду фурӯш одамони бисёр ҷамъ мешаванд. Аз ин рӯ, дар чунин ҷойҳо низ риояи одоби муошират ниҳоят муҳим мебошад. Дар ахлоқи миллиамон баробари бисёр қоидаҳо вобаста ба мавридҳои гуногун шартҳои одоби ба бозор рафтан, оинҳои хариду фурӯш низ тавсиф шудаанд, ки аз ҷумла инҳо мебошанд:

– аввалан, китф ба касе набояд зад;
– дувум, аз паси одамон набояд нигарист;
– севум, оби даҳон набояд андохт;
– чаҳорум, аз дур касеро набояд бо овози баланд ҷеғ зад;
– панҷум, дар дари дуконе, ки коре надоред, набояд истод;
– шашум, нархи чизеро, ки намехаред, набояд пурсид;
– ҳафтум, дар миёни савдои ду кас набояд мудохила кард, ба истиснои далолати хайр.

Дар бозор ҳангоми харидуфурӯш қоидаҳои одоби муоширатро низ бояд донист. Харидору фурӯшанда чӣ гуна бояд рафтор кунанд. Дар ин бобат низ дар ахлоқи миллӣ

ва суннатӣ оинҳои хеле муфид таъйин шудаанд. Чунончи, фурӯшанда қоидаҳои зеринро бояд риоя кунад:

– бо харидор бояд бо лутфу нармӣ сухан гӯяд;

– он чизеро, ки мефурӯшад, аз ҳад зиёд таъриф накунад;

– чизҳои бесифатро нафурӯшад, агар бифурӯшад, айби онро бигӯяд;

– дар тарозу ва андоза кардани матоъ норасоӣ содир накунад;

– агар чизи харидаро боз гардонанд ва дар он талафе набошад, бозгирад;

– агар шахси муътабаре чизеро ба нася талабад, онро фурӯшад;

– молро аз нархи муқаррарии худаш қимат нафурӯшад.

Доир ба одоби харидор низ якчанд шартҳо таъйин шудаанд, ки аз ҷумла инҳо мебошанд:

– аввалан, пули қалбакӣ надиҳад;

– нархи молро паст назанад;

– сухани сахт нагӯяд;

– чизи харидаашро боз нагардонад;

– харидаашро ба борхалтаи тоза андозад;

– чизи гирифтаашро намоён не, балки пӯшида барад.

Ҳар як одам дар ҷамъомадҳо, тӯю маъракаҳо, маҷлисҳо иштирок мекунад. Одоби рафтор ва нишастухез дар чунин ҷойҳо чӣ гуна бояд бошад? Дар ин бобат низ дар оинҳои миллиамон ва ахлоқи ҷавонмардӣ қоидаҳои махсус муайян шудаанд. Аз ҷумлаи онҳо қоидаҳои зерин мебошанд:

– аввалан, ба ҷое, ки ишора мекунанд, дар ҳамон ҷо бояд нишаст;

– дувум, ба болову поён, ба қафо, ба чапу рост набояд нигарист;

– севум, агар шахси зебо ё нуқси ҷисмонӣ дошта дар маҷлис нишаста бошад, ба вай бисёр набояд нигарист;

– на мутакаббирона, балки хоксорона бояд нишаст;

– аз ҷойи худ бисёр нишасту бархост кардан норавост;

– барои аз ҳама боло нишастан набояд кӯшиш кард;

– ҷойро ба ҳамнишин набояд танг кард;

– агар ғанаб ё сулфа ояд, оҳиста бо иҷозати садри маҷлис бояд берун рафт;

– агар саволе бошад, беҳтараш ба тариқи хаттӣ ба раёсати маҷлис ирсол бояд кард;

– телефони ҳамроҳро ҳатман хомӯш бояд кард;

– ба садр ё раёсати маҷлис луқма партофтан ё сухани маърӯзачиро буридан нашояд;

– бо ҳамшафати худ набояд сухан гуфт, оромиро ҳатман риоя кард;

– хамёза набояд кашид, вале дар ҳоли тасодуфан хамёза омадан, даҳонро бо даст бояд панаҳ кард;

– дар ҳолати атса задан, даҳонро бо рӯймолча бояд пӯшид;

– сарварон, меҳмонон чун вориди маҷлисгоҳ шаванд, аз ҷой бояд бархост;

– баъди хатми маҷлис раёсат ва меҳмононро аз ҷой бархоста, бояд гусел кард ва ғайра.

Ҳамин тариқ, хонандагон дар ҳар ҷое, ки ҳузур доранд, хоҳ дар мактаб, хоҳ берун бояд чунон рафтор кунанд, ки атрофиён ба онҳо бо ҳавас назар андозанд, орзу кунанд, ки фарзандони онҳо низ чунин боадаб бошанд. Аз одобу муошири писандидаашон хурсанд шуда, дар ҳаққи волидону устодонашон раҳмат гӯянд. Ин барои падару модарон ва муаллимон аз ҳама мукофоти баланд аст. Ҳар як меҳмони кишвар бояд сират ва сурати зебо, одобу ахлоқи писандидаи хонандагони кишвари азизамонро дида, ба ҳайрат ояд. Бигузор эътироф кунанд, ки тоҷикон барҳақ миллати асил, зебо, соҳиби фарҳанг, ҷавонмард буда, одамияти воло доранд ва меҳмоннавозу инсондӯст мебошанд.

## Маводди иловагӣ

**1) Аз пандҳои Имоми Аъзам**

Ба роҳе, ки меравӣ, ин тарафу он тараф нигоҳ макун. Ҳамеша заминро нигоҳ кун.

Ҷуз бо виқор ва сангинӣ роҳ марав ва дар корҳо аҷул[1] мабош.

[1] Аҷул – саросема.

**2) Бебаҳра аз тоҷи заррин**

Рӯзе ҳодисаеро дар микроавтобус мушоҳида кардам. Марди синнаш наздик ба ҳафтод расида ба микроавтобус савор шуд. Дар он мусофирон нисбатан кам буданд. Мард дар назди ҷавони тахмин понздаҳ ё шонздаҳсолае нишаст. Вай ба мӯйсафед эътиборе надод.

Ҷавонписар дар миёни ду курсӣ пойҳоро васеъ монда, менишаст. Дар гӯшаш гӯшмонаки аудиоплейер. Мард аз вай хоҳиш кард, ки дар курсӣ дуруст нишинад, як курсиро ишғол кунад. Вале вай сухани мардро нашунид.Мард бори дигар ба ӯ гап зада ишора кард, ки гӯшкунакро аз гӯшаш бигирад.

Мӯйсафед ба ӯ насиҳат кард. – Писарам, Шумо дар нақлиёт ҳастед. Ҳар як фард дар ҷойҳои ҷамъиятӣ вазифадор аст, ки нисбат ба атрофиён бепарво набошад. Аз рӯйи расми миллиамон амал кунад. Ба калонсолон, пиразанон бояд ҷой диҳад, нисбат ба хурду калон муомилаи хуб кунад. Рӯзе шумо ҳам пир мешавед, ниёзманди дастгирии дигарон мегардед. Вале ҷавон насиҳатро гӯш накарда, бо ситеза ба дигар курсӣ нишаст.

Ҷавонписар, ки сару либос ва сурати зебо дошт, баъди чунин рафтори ношоиста, ба чашми ҳамаи мусофирон бенуру зишт ва манфур мерасид. Аз қиёфаи мӯйсафед бошад, аён буд, ки вай афсӯс мехӯрд, ки ин ҷавон тарбия надидааст, аз ҳама чизи қимат – аз ахлоқи писандида, одоб, ки тоҷи заррин аст, бебаҳра мондааст.

## Савол ва супориш

1. Дар кӯчаву хиёбонҳо чӣ гуна рафтор бояд кард?
2.Кадом қоидаҳои одобро дар нақлиёт медонед?
3.Шартҳои муошират дар бозор кадомҳоанд?
4.Фарқи роҳгардии писар ва мард аз духтар ва зан дар чист?
5. Кадом қоидаҳои одобро дар маҷлисҳо бояд риоя кард?
6.Ба инсон аз рӯйи кадом меъёрҳо баҳо медиҳанд?
7. Ҳикояти «Бебаҳра аз тоҷи заррин»-ро мутолиа карда, шарҳ диҳед.

# § 10 ОДОБИ МУОШИРАТ ДАР МЕҲМОНӢ, ГИРДИ ДАСТАРХОНИ МИЛЛӢ ВА МИЗИ АВРУПОӢ



Одоби муошират ҳангоми дар сари миз будан – як бахши фарҳанги умумии инсон мебошад ва онро бояд аз синни кӯдакӣ талқин ва тарбия кард, то ки донишу фаҳмиши шахс ба малака ва одати ӯ табдил ёбад.

Қоидаҳои ҷиддии рафтор ҳангоми истеъмоли хӯрок мавҷуданд. Ин қоидаҳо ба хотири риояи эҳтиром нисбат ба онҳое, ки бо ҳам сари миз менишинанд, заруранд. Дар навбати худ одоби муошират ва рафтори сари дастархон, меҳмонӣ ва меҳмондории халқияту миллатҳои ҷаҳон дар қатори ҷиҳатҳои умумибашарӣ, ҳамчунин, хусусият ва ҷиҳатҳои хоси миллӣ ва динии худро доранд.

Дар маҷмӯъ, **одоби муошират дар меҳмонӣ ва меҳмондорӣ риоя кардани меъёру қоидаҳои танзимшуда дар асоси дастовардҳои фарҳанги миллӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад.**

Меъёри одоби муошırати меҳмонӣ ва меҳмондорӣ қабл аз ҳама ин аст: каммасраф ва камодам, вале хушсифату зебо, бо маданияти баланд ташкил кардан ва анҷом додани меҳмонию меҳмондорӣ аз ҷониби мизбонон ва тибқи реҷаи даъватнома сари вақт омадан ва рафтани меҳмонон. Риояи меъёрҳои мазкур дар хона, ҳавлӣ, бӯстонсарой, ошхона ё тарабхона ҳатмӣ аст.

Меҳмонию меҳмондорӣ, дастархон оростан, дар сари дастархони ҷамъиятӣ нишаста тановул кардан, хушу хурсандона гузаронидани маросим одобу меъёрҳои худро дорад. Одоби муоширатро дар ин ҳолатҳо ба ороиши дастурхони саримизӣ ва ё сари кӯрпача, болои гилем тақсим



кардан мумкин аст. Вале аксарияти маросимҳо, ки дар ҷойҳои ҷамъиятии хӯрокхурӣ баргузор мегарданд, мутобиқи тартиботи дастархони саримизӣ ва хӯроку нӯшокиҳои аврупоӣ маъмул шудаанд.

Танзиму тартиби дастурхони сарикӯрпачагӣ ва истеъмоли хӯрокиҳои миллии тоҷикӣ, ба монанди оши палав, шӯрбо, манту, қурутоб, қайла, танӯркабоб, қазӣ, гӯштбирён, оши бурида, инчунин, истеъмоли мураббо, ширинӣ, суманак, нишолло ва ғайраҳо хусусияти худро доранд. Чунин шинухези болои кӯрпачагӣ бо низому тартиби худ аз нишасти сари миз фарқ мекунад.

Барои ҷавонони муосири тоҷик донистани ҳам анъана, одоби рафтору муоширати миллӣ ва ҳам меъёру қоидаҳои байналмилалӣ ногузир мебошад. Аз ин хотир, мавзӯи одоби муошират ва тартиби меҳмонӣ ва меҳмондорӣ одатан ба ду бахш тақсим карда мешавад: маълумоту тавсияҳои умумӣ оид ба нишасти саримизӣ, ки аврупоӣ буда, дар кишвари мо ҳам маъмул шудааст ва одоби дастархони сари кӯрпача ва истеъмоли таому нӯшокиҳои миллӣ.

Дар хотир нигаҳ бояд дошт, ки ҳангоми меҳмондорӣ меҳмону мизбон чунин қоидаҳоро бояд риоя кунанд:

1. Баъд аз гирифтани даъватнома ба зиёфат ба ҳеҷ ваҷҳ дер намонед. Аммо дар хотир дошта бошед, ки як соат пеш аз вақти таъйиншуда омадан ҳам ба мисли дермонӣ беназокатӣ аст.

2. Фақат баъд аз даъвати соҳибхона (ва ё соҳибхоназан) ба сари миз нишастан мумкин аст. Мардҳо бояд ба занҳо, писарон ба духтарон ҳангоми нишастан кумак карда, баъд аз он ба ҷойи худ нишинанд.

3. Ҳангоми зиёфат мард бояд ба занҳое, ки дар паҳлуяш нишастаанд, хидмат кунад. Дар ин ҳол бо ҳамдигар ошно

будан ва ё набудан аҳамият надорад.

4. Дар сари миз ошно шудан беназокатӣ аст. Шинос шудан бо якдигар бояд қабл аз нишастан ба сари миз сурат бигирад.

5. Ҳангоми хӯрдани хӯрок набояд ба миз хеле наздик ва ё аз миз хеле дур нишаст. Дар сари миз қомати худро рост нигоҳ дошта, ба болои миз хам нашавед.

6. Ҳангоми хӯрдани хӯрокҳои обакӣ дастмолро дар болои зонуҳо паҳн мекунанд. Дастмолро на барои пок кардани рӯй, балки барои пок кардани лабҳо истифода мекунанд. Ҳангоми аз сари миз бархоста рафтан бояд дастмолро дар паҳлуи лаълӣ гузошт.

7. Хӯрокҳо ва нӯшокиҳоро дар навбати аввал ба занҳо пешкаш мекунанд. Аз хӯроки умумӣ барои худ интихоб карда гирифтани пораи беҳтарин беназокатӣ аст. Бояд ҳамон пораи ғизоро гирифт, ки ба шумо наздик аст.

8. Нонро на бо чангак, балки бо даст гиред. Онро бояд аз пораи калон шикаста бигиред. Нонро одатан дар меҳмонӣ ба хӯрок реза ё тар намекунанд ва бо нон лаълиро аз боқимондаҳои хӯрок тоза намесозанд.

9. Агар бихоҳед, ки ин ё он хӯрокро ба даст бигиред, дастатонро аз болои лаълии меҳмонони дигар дароз накунед. Бояд барои безобита кардан узрхоҳӣ карда, ба илтифот аз ҳамсоя хоҳиш кунед, ки ғизои лозимаро ба шумо гирифта диҳад.

10. Хӯрокҳои обакиро на аз нӯли қошуқ, балки аз мобайни он мехӯранд. Дар вақти хӯрдани хӯрок ба табақи хӯрок ва қошуқи хӯрокдор барои сардшавии он пуф накунед.

11. Оши палавро бо қошуқ (ё даст) мехӯранд. Мантуро бо даст истеъмол мекунанд. Кабобро аввал бо чангак аз сих ба рӯйи тақсимча чудо карда, сипас бо чангак мехӯранд. Самбӯсаро низ бо даст гирифта истеъмол мекунанд. Моҳиро бо ёрии корди махсуси моҳихӯрӣ, ки ба шакли белча аст ва ё бо ёрии ду чангак хурдан мумкин аст.

12. Ба даҳон луқмаи калони ғизоро нагузоред, кам-кам, шитоб накарда, ғизоро хуб хоида истеъмол кардан зарур

аст. Иловатан дархост кардани ин ё он хӯрок беодобӣ аст.

13. Ҳангоми истифодаи лавозими ғизохӯрӣ чангакро дар дасти чап ва кордро дар дасти рост бигиред. Бо нӯги корд ғизо хӯрдан қатъиян мумкин нест.

14. Меваи дар наздикатон бударо гирифта (бо ҳеҷ ваҷҳ беҳтаринашро интихоб накунед), бо корд ва ё чангак ба ҳиссаҳо тақсим карда, донаашро ҷудо кунед. Меваҳоро бо даст ҳам хӯрдан мумкин аст.

15. Ҳангоми ба ҳамсоя додани корд аз дастааш тавре бигиред, ки нӯги он ба тарафи худатон бошад.

16. Ҳангоме ки қаҳва ва чойро меоранд, шумо дубора овардани онҳоро хоҳиш накунед.

17. Баъд аз тамом шудани зиёфат аввал занҳо аз ҷой бармехезанд, баъд мардҳо. Мард бояд то замони аз уток берун рафтани занҳо истода бошад ва фақат баъд аз он метавонад бинишинад.

19. Дар сари мизи зиёфат хондани китоб, рӯзнома ва ё мактубҳо беназокатӣ мебошад ва ғайра.

Донистани қоидаҳои зерин низ барои нишаст дар гирди мизи аврупоӣ аз фоида холӣ нест:

– панирро ба рӯйи лаълӣ бо чангак мегузоранд ва бо даст мехӯранд;

– ҳасибҳои пухта, гӯшт, панир ва ғайраро ба болои лаълии худ бо корд ва чангак мегузоранд;

– гӯштро на бо даст, балки бо корд ва чангак мехӯранд. Агар ба шумо аз устухон ҷудо кардани гӯшт муяссар нашавад, онро гузоред;

– омлетҳоро бо ёрии чангак мехӯранд, ки дар дасти рост бошад;

– картошкаи обпаз, биринҷ, сабзавотро бо ёрии қошуқи умумӣ, ки дар табақ ниҳода шудааст, мегиранд. Картошкаро на бо корд, балки бо чангак мебуранд. Қайларо (соус) фақат ба болои гӯшт мерезанд, на ба болои картошка. Шалғамчаро бо даст гирифта, пеш аз хӯрдан ба он намак мезананд;

– хӯроки аз гӯшти қима омодашуда (паштет)-ро асосан

бо чангак мехуранд, аммо бо қошуқ хӯрдан низ мумкин аст. спагети – макарони риштагиро ба чангак тавре мепечонанд, ки он овезон набошад, баъдан зуд ба даҳон мегузоранд;

– қулфинайро аз табақи умумӣ ба воситаи қошуқи калон гирифта, ба болои табақчаи худ ниҳода, бо қошуқча мехӯранд. Бананро бо даст пӯст карда, ба қисматҳо тақсим намуда ба воситаи чангак ё корди мевабурӣ мехӯранд. Шафтолу, зардолу ва олуболуро пешакӣ ба ду қисм ҷудо карда донакашро мегиранд. Мандаринро бо даст пӯст мекунанд, аммо афлесунро бо корд пӯсташро чок мекунанд. Харбуза ва тарбузро бо ёрии корд ва чангак ширинихӯрӣ истеъмол мекунанд.

– қандро бо ёрии гирои махсуси қанд мегиранд. Кулчақанд ва кулчақанди варақӣ (вафлӣ) ва ғайраро бо даст, аммо чалпак – блиниро бо корду чангак мехӯранд.

– агар шумо қошуқ ва ё чангакро афтонидед ва ё болои миз андаке шарбатро резондед, набояд таваҷҷуҳи ҳамаро ба ин ҷалб кунед. Аз ҳамсояи паҳлу ва мизбон узрхоҳӣ накунед ва фақат хоҳиш кунед, ки ба шумо лавозими нав биёваранд.

– агар шумо аз хӯрдани ин ё он хӯрок худдорӣ кунед, нагӯед, ки шумо он хӯрокро намеписандед ва ё барои шумо зиёновар аст. Дар сари мизи хӯрок дар бораи бемориҳо ва нороҳатиҳо гуфтугӯ кардан дуруст нест ва ғайра.

Умуман, барои аз худ кардани чунин қоидаҳо дуруст мебуд, агар бо ёрии омӯзгорон ва шахсони дигари донандаи ин талабот амалан дар гирди мизи аврупоӣ дар ошхонаи мактаб ё берун аз он машғулият мегузаронидед.

Риояи одоби муошират дар меҳмонӣ барои ҳар як шахс хеле муҳим аст. Ин маҷмӯи қоидаву меъёрҳои муносибату рафтор ҳангоми ба меҳмонӣ рафтан, даъват шудан, вохӯрӣ бо меҳмондор, ба сари мизи хӯрок нишастан, истеъмоли хӯрок, сухан гуфтан, сипос хайру хуш кардан бо меҳмондор ва меҳмонон аст, ки риоя кардани онҳо ногузир аст. Дар замони муосир шаклу шароит ва макони меҳмондорӣ гуногун шудаанд. Вобаста ба имконияту шароит яке меҳмондориро

дар қаҳвахона, тарабхона дар сари миз мегузаронад, дигаре дар хона, дар сари дастархону болои кӯрпача.

Қоидаҳои асосии рафтор дар меҳмонӣ чунинанд, ки онҳоро метавон дар доираи маҳдуди дӯстон озодона риоя кард, аммо вақте ки меҳмонон зиёд бошанд, бояд он қоидаҳо ҷиддан риоя карда шаванд. Талаботи меҳмонию меҳмондорӣ чунинанд:

Вақте ки меҳмонон меоянд, дарро маъмулан соҳиби хона боз мекунад. Ба соҳиби хона шарт нест, ки баъди ҳар як занги дар ба даҳлез барояд (ба истиснои ҳолатҳое, ки меҳмони ифтихорӣ ё волидайни солхӯрда меоянд). Соҳибхона бояд ба меҳмонон дар кашидани либосҳо кумак кунад ва он гаҳ ба меҳмонхона даъват кунад. Агар шумо ба меҳмонӣ дер монда омадед ва ҳамаи даъватшудагон сари миз нишастаанд, бо ҳама дар алоҳидагӣ ҳолпурсӣ накунед. Фақат бо соҳибхона салом карда, аз ӯ ва мехмонони дигар барои дермонӣ узрхоҳӣ кунед.

Ҳамчун мизбон меҳмононро ба ҷойҳояшон нишонда кӯмак кунед, ки бароҳат бишинанд. Мардону писарон бояд курсиҳои занҳою духтаронро барои нишастан омода кунанд. Фақат вақте ки мизбон ба нишастан даъват кунад, нахуст занҳо ва баъд мардҳо сари миз менишинанд.

Якчанд қоидаи шинонидани меҳмонон вуҷуд дорад: Ҷойҳои ифтихорӣ барои меҳмонон ҷойҳоанд, ки онҳоро камтар безобита мекунанд ва бароҳаттар мебошанд. Ҳамчунин, ҷойҳои тарафи дасти рост ва чапи соҳибхона низ ифтихорӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳоло соҳибхоназанҳо ҷойи худро дар сари миз тавре интихоб мекунанд, ки гоҳ-гоҳ ба ошхона рафта тавонанд.

Нақши мизбонон ва ташкилкунандагони меҳмонӣ дар он аст, ки барои ҳозирон фазои мусоиди дӯстона ва болидарӯҳӣ эҷод кунанд. Агар шумо соҳибхона бошед, ҳеҷ гоҳ аввалин шуда истеъмоли хӯрокро ба анҷом нарасонед. Андаке сабр кунед, то ки меҳмонон тамом кунанд, махсусан, агар он хӯроки охирини зиёфат бошад.

Дар сари мизи идона шинондани фарзандони калонсол маъмул аст. Дар ин ҳол онҳо бояд қоидаҳои зеринро риоя кунанд:

– ба хӯрок нахустин шуда даст дароз накунанд:

– хӯрокро аввал ба ҳамсояҳо пешниҳод карда, баъд худашон бигиранд. Ғайр аз ин, бачаҳое ки ҳамроҳи калонсолон дар сари миз менишинанд, мувazzаф мебошанд, ки қоидаҳои умумии одоби муоширатро, ки ҳар гуна шахси бофарҳанг риоя мекунад, ба ҷо оваранд. Бачаҳо бояд бо падару модари худ дар сари миз бо рамзу ишора муроҷиат кунанд ва барои ҳар лаҳза иҷро намудани дастурҳои онҳо омода бошанд. Соҳибхоназан ҳангоми қабули меҳмонон набояд тамоми вақт дар ошхона бошад. Ӯ бояд қаблан мизро оро дода, бо меҳмонон сари миз бишинад ва шустани зарфҳоро ба вақти дигар мавқуф гузорад. Марди соҳиби хона ҳам ҳар сари чанд вақт ба берун баромада дархости меҳмононро иҷро кунад ва дар додани хӯрокҳо ба кадбонуи хона кумак кунад.

Одатан ҳангоми ба меҳмонӣ рафтан чунин саволе ба миён меояд: оё мумкин аст, ки ба меҳмонӣ рафиқатонро ҳамроҳ гиред? Дар қоидаҳои классикии одоби муошират пешбинӣ мешуд, ки даъватшуда метавонад хешу табор ва ё шиноси худро, ки ба назди ӯ ба меҳмонӣ омадааст, бидуни огоҳии пешакии соҳиби хона ҳамроҳаш ба меҳмонӣ барад. Аммо шароити муосир ба ин имконият намедиҳад, чунки мизу курсӣ, миқдори хӯрок, қошуқу чангак ва ғайраҳо пешакӣ муайян шудаанд. Инчунин, бо худ ба меҳмонӣ бурдани дӯсте, ки дар кӯча вохӯрдед, аз рӯйи назокат нест.

Дар меҳмонӣ чӣ муддат бояд буд? Одатан дар байни мардум мегӯянд: «Шахси хирадманд як дақиқа пеш аз он, ки ӯ зиёдатӣ шуд, хеста меравад». Дар ин маврид қоидаи дақиқе вуҷуд надорад, аммо:

– аз маросими расмӣ фақат баъд аз «меҳмони асосӣ», ки сабабгори маърака аст, рафтан мумкин аст;

– дар мулоқоти рафиқона, баръакс, набояд мунтазир шуд, ки кай шахси барои мизбонон азизтарин меҳмон хи-

собшуда хеста меравад, ӯро мизбонон мехоҳанд, аз дигарон бештар нигоҳ доранд;

– баъди тамом шудани зиёфат хеста рафтан нисбат ба мизбонон ва меҳмон беназокатӣ аст. Пешакӣ вақтро тавре ҳисоб кунед, ки имконияти ширкат кардан дар рақс ва хушҳолии умумӣ фароҳам гардад.

Ҳангоми қабули меҳмонон кӯшиш кунед, ки тибқи нишондоди «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва маросимҳо» теъдоди меҳмонон маҳдуд бошад, сарфакориро риоя карда, анвои хӯрокию меваю қандалотро зиёд накунед. Барои меҳмону мизбон шиори асосӣ ин аст: кам бошад, вале хубу зебо, яъне ҳам теъдоди меҳмонон ва ҳам анвои хӯрокию ороиши дастархон ба талаботи қонуну анъанаҳо ва одоби меҳмондорӣ мутобиқ бошад.

## Маводди иловагӣ

**1) Иқтибос аз «Футувватнома»-и Фаридуддини Аттор**

Адабро гӯш дор андар ҳама ҷой,
Макун бо беадаб ҳаргиз муҳобой…
Чу меҳмон даррасад, ширинзабон шав,
Ба сад алтоф пеши меҳмон шав.
Ба эҳсону карам дилҳо ба даст ор,
К-аз ин беҳтар набошад дар ҷаҳон кор.

**2) Байт**

Ба хони ошиқи мискин агар меҳмон расад ҷонон,
Кабоб аз сина, об аз дида, ширинӣ зи ҷон бошад.

**Камоли Хуҷандӣ**

## Савол ва супориш

1. Одоби муошират дар меҳмонӣ ва меҳмондорӣ риоя кардани меъёру қоидаҳоро дар кадом асос талаб мекунад?
2. Меъёру қоидаҳои ороиши дастархони сарикӯрпачагӣ ва истеъмоли хӯрокиҳои миллии тоҷикӣ чӣ гуна аст?
3. Оид ба нишасти сари мизи аврупоӣ ҳангоми меҳмондорӣ меҳмону мизбон кадом қоидаҳоро бояд риоя кунанд?
4. Кадом қоидаҳои истифода кардани асбобу зарфҳои хӯрокро медонед?

5. Қоидаҳои иловагиро барои нишаст дар гирди мизи аврупоӣ номбар кунед.

6. Доир ба масъалаи дар сари мизи идона шинондани фарзандони калонсол чиро медонед?

7. Одоби рафтори соҳибхоназан ва марди соҳиби хонаро ҳангоми қабули меҳмонон бигӯед.

8. Ба фикри шумо, дар меҳмонӣ чӣ муддат бояд буд?

9. Нишондодҳои қонунгузорӣ дар бораи танзими анъана ва маросимҳо риояи кадом қоидаҳои меҳмондориро талаб мекунанд?

10. Иқтибос аз «Футувватнома»-и Фаридуддини Аттор ва байти Камоли Хуҷандиро аз ёд кунед.

## § 11 ОДОБИ МУОШИРАТ ВА ҚОИДАҲОИ РАФТОР ДАР КИТОБХОНА ВА МАРКАЗҲОИ ФАРҲАНГИЮ ФАРОҒАТӢ



Ҷойҳои ҷамъиятии ҳудуди минтақа, маҳалли будубоши одамон, биноҳои алоҳидаест, ки ба онҳо ҳар кас озодона барои расидан ба мақсади муайян ва ё қонеъ кардани ягон навъи талаботи худ ворид мешавад. Ба ҷойҳои ҷамъиятӣ аз ҷумла китобхона ва марказҳои фарҳангӣ (театр, кинотеатр, осорхона ва ғайра) дохил мешаванд. Ҳар яке аз ин марказҳо қоидаҳои муайяни худро оид ба рафтори одамон доранд, ки баъзе аз онҳо мухтасаран дар поин шарҳ ёфтаанд.

**Одоби муошират дар китобхонаву қироатхона.**



Мавзӯи мазкур маҷмӯи қоидаву меъёрҳоеро фаро мегирад, ки риояи онҳо қатъӣ буда, асоси шароити мусоид ва оромии мутолиаву қироатро дар китобхона фароҳам меоварад. Қоидаҳои одоби муошират ва рафтор дар китобхонаву қироатхона иборат аз талаботи зерин мебошад:

1. Пеш аз ворид шудан ба толорҳо либоси рӯ ва ҳамаи ашёи дар дохили китобхона нолозимро дар либосхона (гардероб) гузошта, бо худ фақат лавозимоти зарурӣ – дафтари ёддошт, қалам, ҳамён, дафтарчаи узвияти китобхона ва амсоли онро бигиред.

2. Дар толори қироат хомӯширо риоя карда, дар хотир дошта бошед, ки одамон ба китобхона на бо мақсади гуфтугӯ, балки ба мақсади хондану навиштан меоянд: бо сабаби гуфтугӯи зиёд корманди толор метавонад шуморо аз китобхона ронад.

3. Маводди лозимаи худро дарёфт карда, мизу курсии холӣ пайдо кунед ва ба мутолиа пардозед.

4. Китобҳоро бояд дар ҳамон ҳолате ҳифз кард, ки ба дасти шумо расида буданд.

Мутобиқи қоида ва дастури китобхонаҳо муносибат ва рафтори зерин дар чунин ҷойҳо мамнӯъ аст:

– аз китобхона ба берун бурдани осори чопшуда ва дигар ҳуҷҷатҳо;

– хароб кардани асарҳои чопӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои захираи китобхона (бурида гирифтан, даррондан, қайду ёддошт кардан, дар зери калимаҳо хат кашидан, қат кардани саҳифаҳо, нусхабардорӣ бо коғази шаффоф ва ғайра);

– дар кортҳои феҳраст қайд гузоштан, онҳоро аз қуттии феҳраст берун кардан;

– дафтарчаи хонанда, варақаи назоратиро ба шахси дигар дода, ба онҳо салоҳияти амал карданро аз номи худ вогузор кардан ё истифода бурдани дафтарчаи хонандагии шахси бегона;

– дар дафтарчаи хонанда ва вараҷи назоратӣ худсарона тағйироту ислоҳот ворид кардан;

– истифода бурдани дастгоҳҳои гуногуни нусхабардорӣ, худсарона нусхабардорӣ ё аксбардорӣ кардани ҳуҷҷатҳо ба воситаи ҳар гуна воситаҳои техникӣ;

– хомӯширо халалдор кардан, вазъияти ғайрикориро эҷод кардан, истифода кардан аз телефони мобилӣ дар толорҳои қироат, феҳрастҳо ва утоқҳое, ки ба хонандагон хидмат расонида мешавад;

– дар толори қироат ҷойро беҳуда банд карда мондан (дар сурати беш аз як соат дар ҷойи кор набудани истифодабаранда, ҷойи ӯ аз тарафи маъмурият ба шахси дигар вогузор мешавад);

– хӯрдани ғизо ва нӯшидани нӯшоба дар ҷойҳое, ки барои ин кор пешбинӣ нашудаанд;

– ба утоқҳои хидматӣ ворид шудан, истифода бурдан аз телефонҳои хидматӣ, феҳрастҳо ва картотекаҳо бидуни иҷозати кормандони китобхона;

– худсарона часпонидани эълонҳо ва дигар маводди ҷанбаи рекламавӣ дошта;

– ба китобхона бо ҳайвоноти хонагӣ омадан;

– вайрон кардани меъёрҳои рафтор дар бинои китобхона, дағалона рафтор кардан бо кормандон ва нороҳат кардани истифодабарандагони китобхона ва ғайра.

**Одоби муошират ва рафтору муносибат ҳангоми тамошо дар намоишгоҳ ва осорхона.** Муносибат ва рафтори оқилонаву боэҳтиром ба кормандон, ашё ва маводду нигораҳои намоишгоҳу осорхона, риоя кардани меъёру тартиботи тамошо ва бо ҳусни эҳтиром миннатпазирӣ кардани тамошобинон асоси ин навъи одобро ташкил медиҳад.

Намоишгоҳ, осорхона ҷойи нигоҳдошту ҳифзи меросу бозёфт, навоварию ихтирооти маданияти моддию маънавии ҳар як халқу миллат мебошад. Ин даргоҳи маданию маърифатии арзишҳои волои таърихи тамаддун, зиндагии ҳар як миллат ва халқ ва мояи ифтихори он аст. Тибқи меъёрҳои ахлоқи байналмилалӣ риояи эҳтироми арзишҳои фарҳангию таърихӣ, ахлоқию динӣ, анъанаву маросими ҳар як

халқу миллат ногузир аст.

Одатан тамошобини намоишгоҳ ва осорхона қабл аз ворид шудан ба толорҳо либоси рӯ, чатр, портфел, халтаҳо ва ғайраро дар либосхона мегузорад. Дар чунин ҷойҳо дастуру қоидаҳо часпонида мешаванд, ки шиносоӣ бо онҳо ва риоя кардани онҳо хатмӣ аст.

Дар баробари ин тавсияву маслиҳатҳои зеринро ба инобат гирифтан аз аҳамият холӣ нест:

1. Ҳангоми тамошои осорхона ва намоишгоҳҳо бояд ин нуктаро дар хотир дошт, ки инсон қобилияти бодиққат мушоҳида кардани ашёю ҳодисаҳоро ба муддати ду-се соат дораду бас, бинобар ин, дар осорхонаҳои калон, нақшаи тамошоро аз рӯйи феҳраст тартиб додан мувофиқи мақсад мебошад.

2. Дар толорҳои осорхона босуръат гузашта рафтан маъно ва фоидае надорад. Барои тамошо бояд осори мушаххас ё эҷодиёти як нафар рассом ва ё ин ё он бахши ҳунарро интихоб кард.

3. Ба толори намоишгоҳ хомӯшона ворид мешаванд, то ки дигаронро безобита накунанд.

4. Ҳангоми тамошои асарҳо бояд дар пешрӯйи дигар бинандагон қарор нагиред ё ки ба нигораҳо аз ҳад зиёд наздик нашавед.

5. Тавре бояд рафтор кард, ки бо ҳузури худ атрофиёнро ноором насозед: бо овози баланд гуфтугӯ накунед, бо садои баланд нахандед ва ғайра. Бо шахси ҳамроҳ бо овози баланд суҳбат карда, мулоҳизоти худро иброз кардан аз рӯйи одоб нест. Агар шумо суоле дошта бошед, онро ҳангоми сукут додан мумкин аст.

6. Даст расонидан ба нигораҳо манъ аст. Агар шумо дар осорхона бо роҳбалад ҳаракат мекарда бошед, тавзеҳоти ӯро, агар онҳо барои шумо ҷолиб набошанд ҳам, оромона гӯш кунед ва ғайра.

Агар шумо хоҳед, ки ба тамошои намоишгоҳ биравед, пойафзори ҳадди ақал бесадоро ба пой пӯшед (махсусан,

ин нукта ба духтарон дахл дорад: кафшҳои дорои пошнаи металлиро беҳтараш дар манзил гузоред ва ё бо худ кафши (туфлии) пасту бесадо оваред. Аммо, албатта, набояд кафшҳои варзишӣ ва теннисбозӣ пӯшид. Ҳамчунин, дар хотир дошта бошед, ки дар намоишгоҳ фақат бо иҷозати маъмурият аксбардорӣ кардан мумкин аст.

Сарзамини тоҷикон аз назари ёдгориҳои таърихӣ ва ҷойҳои меъморию ҳунарӣ бой мебошад. Дар Тоҷикистони муосир зиёда аз сад ҷойи таърихию фарҳангӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо сайёҳони кишварҳои гуногуни ҷаҳон омада, дар бораи тамаддуни волои мардуми тоҷик маълумот мегиранд. Ҳамчунин, зарур аст, ки ҳар як фарзанди тоҷик ҳам аз таърихи ин ҷойҳо бохабар шуда, бо маданияти бостонии мардуми худ ифтихор кунад. Вале дар хотир бояд нигаҳ дошт, ки дар тамошои чунин ҷойҳо низ бояд одоби муошират ва муносибати ахлоқию қонунӣ дар асоси қоидаҳои боло оид ба тамошои осорхонаҳо риоя карда шаванд.

**Одоби муошират ва рафтор дар театр.** Рафтан ба театр истироҳати хеле хуб аст, ки ба шахс бисёр ҳиссиёт ва таассурот мебахшад. Ба тамошои театр бояд пешакӣ омода шуд. Рӯзи худро тавре барномарезӣ кунед, ки баъд аз кор ба манзил омада, ғизо хӯрда, либос иваз карда тавонед. Ба тамошои театр либоси ҳархела напӯшед, бояд либоси шумо зебо ва расмӣ, тибқи протоколи марбут ба театр бошад.

Ба театр бояд 15-20 дақиқа пеш аз оғози намоиш омад. Агар бо ин ё он сабаб дер монда бошед, интизори танаффус шавед, то ки дар ин вақт бидуни нороҳат кардани дигарон ҷойи худро ишғол кунед.

Пеш аз харидани чипта ба театр бояд нақшаи толор мавриди омӯзиш қарор гирад, ки он маъмулан дар паҳлуи хазинаи чиптафурӯшӣ дар девор часпонда шудааст. Баъди омӯхтани нақша ҷойҳои мувофиқро интихоб кунед. Агар имкони интихоби озод набошад ва ҷойҳои холӣ дур аз саҳна воқеъ бошанд, бояд бо худ дурбини театриро гирифт.

Дар ҳолати худро бад ҳис кардан бояд тамошои театрро

ба вақти дигар мавқуф гузошт, барои он ки бо сулфа ва ё дигар зуҳуроти беморӣ дигаронро безобитаву ноором насозед.

Агар дар театр ҷойи шумо банд бошад, бояд ба навбатдори толор муроҷиат кунед. Агар шумо дер монда бошед, ба ҷойҳои паҳлуӣ ва ё балкон рафта менишинед, новобаста аз он ки кадом ҷойро харида будед. Агар ҷойҳои холӣ набошад, бояд то фарорасии танаффус дар назди дар мунтазир монед ва дар вақти танаффус ҷойи худро пайдо кунед.

Агар дар театр шиносҳои худро бинед, чун наздик бошанд, салом диҳед, агар дур бошанд, фақат нимтаъзим бикунед. Дар хотир нигаҳ доред: дар театр шикаста хӯрдани донаи офтобпараст, пойи худро болои курсии ҳамсоя бардошта гузоштан ва ғайра беназокатии маҳз мебошад.

Дар вақти намоиш доду фарёд кардан мамнӯъ аст. Аммо дар театри опера баъди сурудхониҳои муваффақона кафзаниҳои пурғулғула маъмул шудаанд.

Агар намоиш мавриди писанд қарор нагирад, бояд ҳангоми танаффус театрро тарк кард. Чун тасмим гирифтед, ки дар ҳар сурат то охир намоишро тамошо кунед, бо луқмапартоиҳои беҷо ва рафтори худ ба дигарон халал нарасонед. Аз толор фақат замоне рафтан мумкин аст, ки ҳунармандон аз саҳна рафта бошанд.

Дар консертҳо ҳам ҳамон қоидаҳои маъмулпарида дар театр амал мекунанд, фақат дар ин ҷо пеш аз оғоз бо барнома шинос шудан ва ё эълонҳои барандаи консертро бодиққат шунидан лозим меояд.

Ба тамошои синамо дар кинотеатр бошад, метавон бидуни омодагии пешакӣ тамоми рӯз машғул шуд, бинобар ин дар ин тадбир озодии бештари амал фароҳам аст. Дар тамошои синамо ҳамон қоидаҳое маъмуланд, ки дар театр қабул шудаанд (мағал накардан, пеш аз оғози тамошо омадан, фақат дар ҷойи худ нишастан, рӯ ба одамон аз пеши онҳо гузаштан, ғизо нахӯрдан, ифлос накардани толор, то охири намоиш нишастан ва ғайра). Агар синамо сазовори тамошо набошад, дар кинотетр толорро фақат дар ҳолате метавон

тарк кард, ки иҷрои ин кор бо камоли эҳтиёт ва оромӣ, бидуни нороҳаткунии атрофиён муяссар бошад.

## Маводди иловагӣ

### Одоби рафтор дар мағоза

1. Пеш аз ворид шудан ба мағоза нахуст имкон диҳед, ки шахсони хориҷшаванда берун раванд. Агар аз пушти шумо шахсе бошад, барои ворид шудани ӯ дарро нигоҳ доред.

2. Сагҳоро бо худ ба мағозаи хӯрокворӣ овардан қатъиян мамнӯъ мебошад. Ҳамчунин, бо даст ламс кардани маҳсулоти хурокворӣ мамнӯъ мебошад.

3. Ҳар як муштарӣ, сарфи назар аз ҷинс, синну сол ва мақоми иҷтимоӣ бояд навбатро риоя кунад. Муштариёне, ки бо кӯдакони хурдсол ба мағоза омадаанд, агар бидуни навбат харид кунанд, мувофиқи мақсад мебошад. Одамони дар навбатистодаро тела дода, аз сари китфу бозуи онҳо кӯшиши дидани молҳоро накунед.

4. Ба фурӯшандае, ки бо муштарии дигар дар ҳоли суҳбат аст ва ё ба ҳисобу китоб машғул аст, савол надиҳед. Кадом мол ба чӣ миқдор харидорӣ мешавад, бояд пешакӣ муайян шуда бошад. Агар шахсе ба хотирфаромӯшӣ мубтало бошад, метавонад пешакӣ рӯйхати маводди харидорӣ мекардаашро тартиб диҳад.

5. Бо молҳои дар мағоза мавҷудбуда бояд бо эҳтиёт муносибат карда, аз ғиҷим кардан, бо дастони тар, чиркин, равғанин ё бо маводди дигар олудашуда, гирифтани онҳо худдорӣ кунед.

6. Хонумҳо ҳангоми барои санҷиш пӯшидани либос бояд эҳтиёт кунанд, ки бо ранги лабҳо ва крем онро олуда накунанд.

## Савол ва супориш

1. Китобхона ва осорхонаҳои ҷумҳуриро номбар кунед.

2.Мақсади асосии ба китобхона рафтан аз чӣ иборат аст?

3. Қоидаҳои асосии одобу муносибатро дар китобхона ва қироатхона номбар кунед.

4. Ба театр, осорхона рафтан чӣ гуна манфиат дорад?

5. Меъёру қоидаҳои умумии рафтору тартиботро ҳангоми тамошо дар намоишгоҳ ва осорхона номбар кунед.

6. Одоби муошират ва рафтор дар театр аз кадом қоидаҳо иборат аст?

7. Одоби муошират ва рафтору муносибатро дар консертҳо ва ҳангоми тамошои синамо дар кинотеатр номбар кунед.

8. Меъёрҳо ва одоби рафторро дар мағоза мутолиа карда, аз бар кунед.



## § 12 ОДОБИ ИСТИФОДАИ ТАҶҲИЗОТИ ТЕХНИКӢ

Истифодаи таҷҳизоти гуногуни техникӣ дар ҷаҳони муосир яке аз воситаҳои асосӣ дар муошират ҳаррӯзаи одамон шудааст. Бешубҳа, техника ва технология имрӯз дар тамоми соҳаҳои зиндагӣ ёвари беназири инсонанд ва истифода аз онҳо омили асосии рушди ҷомеа ва тамаддуни башарӣ аст. Аммо таҷҳизоти техникӣ дар баробари манфиат баъзе ҷиҳатҳои манфӣ низ доранд, ки дар ҷараёни истифода ва муошират тавассути онҳо ҳатман бояд ба назар гирифта шаванд.

Ба таҷҳизоти техникии муошират, пеш аз ҳама, телефон, оинаи нилгун (телевизор), таҷҳизоти гӯшкунӣ ё тамошои маводди аудио ва видео (радио, магнитофон, видеомагнитофон, плейери аудио, видео, ДВД, айфон, айпод, айпед ва амсоли онҳо), компютер ва ғайра дохил мешаванд. Инсони муосир тавассути



таҷҳизоти мазкур бо дигарон дар робитаю муошират мешавад ё бо ин таҷҳизот як навъе муошират мекунад. Бо ҳамин сабаб риояи одоб дар истифодаи техника ҳам имрӯз яке аз рукнҳои асосии ахлоқи ҳамидаи инсон ҳисоб мешавад.

**Телефони мобилӣ** аз ҷумлаи таҷҳизоти техникии муосир дар раванди муошират серистифодатарин аст. Ҳар шахс бо истифода аз телефони хонагӣ (собит) ё ҳамроҳ (сайёр ё мобилӣ, ҳамчунин, айфон – телефон бо плейер, камераи суратгирӣ, интернет, ки ба он барномаҳои мухталифро пайваст кардан имкон дорад) бо падару модар, хешу табор, дӯстону наздикон, одамони шиносу ношинос ва ғайра дар робита мешавад ё тавассути шабакаи интернетӣ ба манбаъҳои мухталифи иттилоот дастрасӣ пайдо мекунад. Ба ҳамин сабаб муҳим аст, ки дар қатори донистани қоидаҳои бехатарии истифодаи телефон, ҳар як шахс бо одоби истифодаи ин таҷҳизот низ шиносоӣ дошта бошад.

Қабл аз ҳама донистан зарур аст, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагон бо худ доштани телефони мобилӣ манъ карда шудааст ва ин талабот бояд аз ҷониби онҳо ҳатман риоя карда шавад. Падару модар низ уҳдадоранд, ки ба фарзанди то синни мактабӣ ва фарзанде, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, нововбаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, таҳсил мекунанд, бо худ овардан ва истифода бурдани телефонҳои мобилиро манъ кунанд. Аз ин рӯ, ҳар хонанда бояд бикӯшад, ки бо худ телефони мобилӣ надошта бошад ва истифода аз телефони дигаронро ҳаддалимкон маҳдуд кунад. Аз телефони хонагӣ низ бояд хонанда танҳо дар вақти зарурат истифода барад. Ҳамчунин, дар хотир бояд дошт, ки аз ҷониби хонандагон ҷойгир ва паҳн кардани ахбори ғайриахлоқӣ тавассути телефонҳои мобилӣ ва воситаҳои электронӣ сабаби ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани падару модар ва худи онҳо мешавад.

Ҳамзамон, донистан зарур аст, ки истифодаи телефони мобилӣ аз сабаби кор кардан бо мавҷҳои электромагнитӣ

барои саломатии инсон хеле зараровар аст ва қоидаҳои санитарии истифодаи он бояд ҳатман риоя карда шаванд. Аз тарафи дигар, ҳам телефони хонагӣ ва ҳам мобилӣ хароҷоти пулии зиёде доранд, ки дар навбати худ зарурати сарфакориро дар истифодаи онҳо аз ҳар як шахс тақозо доранд.

Муошират бо телефон имрӯз яке аз шаклҳои хеле интишорёфтаи робитаи инсонҳост. Вале боодобона, пурсамар ва оқилона суҳбат карданро тавассути телефон на ҳама медонанд. Ба ҳамин сабаб бояд ҳангоми гуфтугӯ бо телефон қоидаҳои ахлоқӣ ва одоби муошират қатъиян риоя карда шаванд.

Қоидаҳои муошират бо телефон хеле зиёданд, вале танҳо донистани муҳимтарини онҳо ҳам метавонад, сатҳи маданият ва одобу ахлоқи ҳамидаи ҳар як шахсро боз ҳам баландтар созад. Дар поён чанд намунае аз одоби муошират, ки аз таҷрибаи истифодаи телефон дар байни табақаҳои мухталифи аҳолӣ гирифта шудаанд, оварда мешавад:

- Риоя кардани одоби суҳбати муқаррарӣ ҳангоми истифодаи телефон (риояи лаҳни эҳтиром, боодобӣ, бо оҳанги ором ва мувофиқ ва ғайра);
- Худдорӣ аз истифодаи телефон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, бо овози баланд суҳбат кардан, гӯш кардани мусиқӣ ё садоҳои нофорам.
- Роҳ надодан ба сухандарозӣ ҳангоми муколама ва ҳатман ба назар гирифтани сарфаи вақти ҳамсуҳбат.
- Истифода накардан аз телефон дар ҳузури калонсолон ё дар зарурат иҷозат хостан аз онҳо барои занг задан ва ё ҷавоб додан бо телефон.
- Ҳарчи зудтар бардоштани гӯшак баъди садо додани занги телефон.
- Занг назадан ба дигарон рӯзона – то оғози рӯзи корӣ ва шабона – баъди соати 21.00.
- Дағалона ҷавоб надодан ба шахсе, ки иштибоҳан занг задааст ё узр хостан ҳангоми иштибоҳан занг задани худ;
- Салом додан ва мухтасаран муаррифӣ кардани худ пеш аз оғози муколамаи телефонӣ.

• Сухан нагуфтан бо даҳони пур, бо даст пӯшидани гӯшаки телефон ҳангоми суҳбат бо дигарон, сулфа ё атсаи ногаҳонӣ ва узр хостан дар ин ҳолатҳо.

• Истифодаи телефони дигарон танҳо баъд аз иҷозат хостан, ба дигарон беиҷозат надодани рақами телефони ҳамсоя ё ошноҳо.

• Ҳатман хайрбодӣ кардан дар анҷоми суҳбати телефонӣ ва ғайра.

Дар қатори телефон истифодаи **оинаи нилгун (телевизор), тамошо ва гӯш кардани маводди аудио ва видео** низ имрӯз дар байни мардум хеле роиҷ аст ва он ҳам қоидаҳои бехатарӣ, санитарӣ ва ахлоқии худро дошта, риояи одоби муайянро ҳангоми истифода талаб мекунад. Пеш аз ҳама, хонандагон бояд танҳо он барномаҳои телевизионӣ ва маводди аудио ва видеоро тамошо кунанд, ки барои онҳо муайян шудаанд ё ба синну солашон мутобиқат доранд. Дар назар бояд дошт, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон падару модар бояд ба фарзанди ноболиғ тамошои филмҳо ва бозиҳои компютерии ғайриахлоқӣ, фаҳш ва хусусияти зӯроварӣ, экстремистӣ, террористӣ дошта ва паҳн кардани онҳоро қатъиян манъ кунанд. Аз ин рӯ, ин талабот аз тарафи хонандагон бояд ба таври ҳатмӣ риоя карда шаванд.

Дар интихоби канал ва барномахои телевизионӣ, хусусан, тавассути моҳвора, ҳамчунин, харидорӣ ва иҷораи маводди аудио ва видео (диск, кассета ва ғайра.) хонандагон бояд аз падару модар ва калонсолон маслиҳат бипурсанд ва интихоби бачаҳои аз худ хурдсолро назорат кунанд.

Ҳамчунин, баъзе қоидаҳои дар поин зикршударо оид ба истифодаи оинаи нилгун ба мақсади ҳифзи саломатии худ, ки дар аксарияти кишварҳои олам қабул шудаанд, бояд ҳар шахс бидонад:

• Ҳангоми тамошои барномаҳо риоя кардани масофа то экрани оинаи нилгун (тибқи талабот ин масофа аз 2 то 4 метрро вобаста аз қувваи биноии шахс ташкил медиҳад) ва

сатҳи баландии экран (он бояд дар баробари чашмон ё каме поинтар аз онҳо қарор дошта бошад).

- Манъ будани тамошои оинаи нилгун дар торикӣ ё равшании баланд (дар ин ҳолат бояд бино бо роҳи даргирондани фурӯзонаки қувваи паст ё овехтани парда дар тирезаҳо нимравшан ё нимторик карда шавад).
- Манъ будани тамошои барномаҳои оинаи нилгун ҳангоми хӯрокхӯрӣ, ки метавонад сабаби сар задании касалиҳои меъдаю рӯда шавад.
- Риоя кардани тарзи нишаст ҳангоми тамошо – хобида дар кат ё нимхобида дар курсии мулоим тамошо кардани оинаи нилгун барои сутунмуҳра зараровар аст, ҳатман дар курсӣ сутунмуҳраро рост нигоҳ дошта ҷойгир шудан зарур аст.
- Зарурати якчанд маротиба тағйир додани тарзи нишаст, рост шуда хестан ё танаффус кардан ҳангоми тамошои тӯлонии барномаҳои телевизионӣ.
- Риоя кардани муддати тавсиявии тамошои барномаҳо (барои кӯдакони то 7-сола – то 40 дақиқа, аз 8 то 12-сола – то 1 соат, аз 12 то 14-сола – то 1,5 соат, аз 14 то 17-сола – то ду соат ва болотар аз он – 3-4 соат дар як шабонарӯз иҷозат дода шудааст) ва ғайра.

Дар хотир бояд дошт, ки бо садои баланд тамошо кардани оинаи нилгун ва ё гӯш кардани мусиқӣ, хусусан, шабона ва дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, аз доираи одоб берун аст ва ҳатто метавонад тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ боиси андешидани ҷазоҳои маъмурӣ нисбат ба вайронкунандагони ин тартибот аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ гардад. Ин корро бо роҳи истифода аз гӯшак пешгирӣ кардан мумкин аст, вале истифодаи аз меъёр зиёди гӯшак низ ба шунавоӣ зарар дорад. Дар баробари ин, кори таҷҳизоти техникӣ бо истифода аз қувваи барқ сурат мегирад, ки хароҷоти пулиро талаб мекунад. Бинобар ин сари вақт хомӯш кардани таҷҳизот дар ҳолати истифода набурдани онҳо ҳам ҷузъи муҳимми одоб ва сарфаю сариштакории инсони хушахлоқ аст.

Дар истифодаи **компютер** (аз ҷумла, ноутбук, планшет)

ва тавассути он ба шабакаи **интернет** ворид шудан низ бояд хонандагон қоидаҳои бехатарӣ, санитарию гигиенӣ ва одобу ахлоқи муайянро риоя кунанд. Маводди аудио ва видео, ки дар компютер шунида ва тамошо карда мешавад ё тавассути интернет дастрас мешавад, бояд барои хонандагон муайян шуда, ба синну соли онҳо мутобиқ бошад. Беҳуда нест, ки дар қонунгузории ҷумҳурӣ, чунон ки қайд шуд, падару модар бояд ба фарзанди ноболиғ истифодаи бозиҳои компютерии ғайриахлоқӣ, фаҳш ва хусусияти зӯроварӣ, экстремистӣ, террористидоштаро дар хона, марказҳои компютерӣ, интернет-кафэҳо, чойхои ҷамъиятӣ, ҳамчунин паҳн кардани онҳоро қатъиян манъ кунанд. Аз ин рӯ, дар истифодаи маводди аудио, видео ва сомонаҳои шабакаи интернет тавассути компютер хонанда бояд аз падару модар ва калонсолон машварат гирифта, дар навбати худ кори хурдсолонро дар ин самт назорат кунад.

Бешубҳа, компютер имрӯз қариб дар хама хонадон мавҷуд буда, кори одамонро сабук мегардонад; аз шабакаи интернет низ одамони зиёде истифода мекунанд, ки боиси дастрасии фаврии онҳо ба ҳар гуна иттилооти муфид ва муошират бо наздикону дӯстони онҳо мешавад. Дар баробари ин, компютер ва интернет низ аз таъсироти манфӣ холӣ нестанд. Аз ин рӯ, бояд ҳар шахс бо ин ҷиҳатҳои манфии технологияи муосир низ ошноӣ дошта бошад.

Истифодаи компютер, пеш аз ҳама, ба саломатӣ зараровар аст. Тибқи талаботи санитарию гигиенӣ барои пешгирии ин зарарҳои технология ҳатман бояд омилҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

- зарари дисплейи (экрани) компютер ба биноии чашмон;
- зарари тарзи нодурусти нишаст дар пушти компютер ба сутунмуҳра ва қомати инсон;
- таъсири радиатсияи компютер ба саломатӣ;
- таъсири бозиҳои компютерии номувофиқ ба рӯҳи бачагон ва ба вуҷуд омадани вобастагии онҳо аз компютер.

Барои бартарафсозии зарари компютер ба биноӣ бояд

чунин корҳо иҷро карда шаванд: муддати истифодаи компютер танзим карда шавад (тибқи талаботи мавҷуда барои кӯдакони то 5-6-сола – то 15 дақиқа, 7-12-сола – то 20 дақиқа ва калонсолтар аз онҳо – на зиёдтар аз ним соат дар як шабонарӯз иҷозат дода шудааст); компютер дар бино бояд тавре ҷойгир карда шавад, ки равшанӣ ба дисплейи он аз тарафи рост зада, худи бино ба таври зарурӣ равшан бошад; масофа аз чашм то экрани компютер аз 50 см кам набошад, чашмон аз маркази дисплей 15-20 см болотар бошанд ва барои риояи ин талабот дар як компютер бояд дар як вақт танҳо як хонанда кор кунад.

Бо мақсади таъмини тарзи дурусти нишаст дар пушти компютер бояд мизу курсии ба қаду қомати хонанда мувофиқ интихоб шуда, онҳо ростии сутунмуҳра ва майлони онро бо устухонхои кос ба миқдори навад дараҷа нигоҳ доранд. Варзиши мунтазами бадан ва чашмон низ зарарҳои таҷҳизоти техникиро ба саломатӣ кам мекунад.

Бинои ҷойгиршавии компютер бояд мунтазам бо латтаи намнок тозаю озода карда шуда, микроиқлими муайян дар он нигоҳ дошта шавад. Ин амал на танҳо зарари компютерро ба инсон кам мекунад, балки худи таҷҳизотро низ аз вайроншавӣ эмин нигоҳ медорад.

Ҳифзи рӯҳи бачаҳо аз таъсири манфии бозиҳои компютерӣ ва роҳ надодан ба вобастагии онҳо аз компютер тавассути риояи реҷаи истифодаи таҷҳизоти техникӣ тибқи талаботи мавҷуда, назорати муҳтавои чунин бозиҳо аз ҷониби падару модарон ва худназораткунии доимии хонадагон ба даст меояд.

Ба ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки истифодаи таҷҳизоти техникии муосир ба инсон сабукиҳои зиёде меорад. Аммо дар баробари ин техника ва технология аз чиҳатҳои манфӣ ҳам холӣ набуда, донистани онҳо ба шахс имконият медиҳад, ки зарарҳои онро ба саломатии худ пешгирӣ кунад. Истифодаи босамар ва оқилонаи таҷҳизоти техникӣ, риояи одоби муошират, боиси рушди беҳтарин хислатҳои

ахлоқии инсони муосир шуда, бо чунин ахлоқи ҳамида дар назди мардум соҳибэҳтиром шудани ҳар як шахсро таъмин месозад.

## Маводди иловагӣ

### Намунаи гуфтугӯ бо телефон

– Алло?

– Лаббай!

– Ассалому алайкум!

– Ва алайкум ассалом!

– Бубахшед, ман Фаррух ҳастам – ҳамсинфи Мақсуд. Мехостам бо Мақсуд дар бораи фардо пас аз дарс ба маҳфили варзишӣ рафтан суҳбат кунам. Агар иҷозат бошад, ӯро ба телефон даъват мекардед.

– Бале, Фаррухҷон, ман шуморо шинохтам. Ман падари Мақсудам. Шумо хуб ҳастед, саломатиатон чӣ тавр?

– Ташаккур, ҳама хуб аст. Шумо чӣ тавр?

– Ташаккур! Аҳли хонадонатон хубанд? Таҳсилатон чӣ тавр?

– Худоро шукр, ҳама хубанд. Дар мактаб ҳам кӯшиш дорем.

– Фаррухҷон, Мақсуд ҳоло дар хона нест, ба бозор рафтааст. Агар биёяд, ҳатман ба ӯ мерасонам.

– Ташаккур, ман баъдтар занг мезанам. Ё худ, агар Мақсуд биёянд, имконият дошта бошанд, ба ман занг зананд.

– Ман инро ҳатман ба Мақсуд мерасонам.

– Ташаккур, ба ҳама дар хона салом расонед.

– Ҳатман мерасонам, шумо ҳам ба аҳли хонадонатон аз мо салом гӯед.

– Албатта! Хайр, то боздид!

– Саломат бошед, то боздид!

## Савол ва супориш

1. Талаботи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодаи телефони мобилӣ аз ҷониби хонандагон чӣ гуна аст?

2. Кадом зарарҳои истифодаи телефони хонагӣ ва мобилиро барои саломатӣ ва буҷети оилавӣ медонед?

3. Қоидаҳои муҳимтарини муошират бо телефон кадомҳоянд?

4. Истифодаи кадом барномаҳои телевизионӣ ва маводди аудио ва видео тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагон манъ карда шудааст?

5. Баъзе қоидаҳоро оид ба истифодаи оинаи нилгун бо мақсади нигоҳдории саломатӣ ва риояи одоб номбар кунед.

6. Истифодаи компютер ба саломатӣ чӣ гуна зарар дорад?

7. Муддати истифодаи оинаи нилгун ва компютерро барои бачаҳои синну солашон гуногун, ки дар як шабонарӯз иҷозат дода шудааст, номбар кунед.

8. Бо ёрӣ ва машварати падару модар ва калонсолони оила ҷойгиршавии оинаи нилгун ва компютерро дар хона бо меъёрҳои мавҷуда мутобиқ гардонед.

9. Намунаи гуфтугӯ бо телефонро ба нақшҳо тақсим карда, дунафарӣ бо овози баланд бихонед.

## § 13 ОДОБИ МУТОЛИАИ КИТОБ, РӮЗНОМАВУ МАҶАЛЛА ВА МУНОСИБАТ БА ОНҲО

Шумо аз дарсҳои гузашта суханони мутафаккири бузурги фаронсавӣ М. Монтенро дар бораи он, ки танҳо муошират бо китоб қаноатмандии комили инсонро таъмин месозад, дар ёд доред. Ба ҳамин маънӣ Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) хело пештар гуфта буд:

**Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,**
**Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.**

Дарвоқеъ барои инсон китоб дӯсти наздиктарине мебошад, ки барои расидан ба маърифат ба ӯ ҳамчун чароғи маърифат хидмат мекунад. Китоб чароғу манбаи дониш ва як маъхази асосии иттилоот аст. Имрӯз агарчи тавассути оинаи нилгун, шабакаҳои интернетӣ, маводди аудио, видео ва технологияҳои дигари компютерию иттилоотӣ низ инсон ахбор, дониш ва ҳаловати эстетикию ахлоқӣ мегирад,



вале китоб аз қадим воситаи асосии дастрасӣ ба ҳамаи ин иттилоот буд, ҳаст ва боқӣ мемонад. Ба ҳамин сабаб муҳаббат ба китоб, дӯстдории мутолиа бояд яке аз сифатҳои волотарини инсони хушодобу хушахлоқ бошад.

Инсон китоб ва маводди гуногунро мутолиа мекунад, ки мувофиқи мазмуну мундариҷаашон ба гурӯҳҳо тақсим мешаванд: 1) китобҳои дарсӣ ва маводди таълимӣ; 2) китобҳои бадеӣ; 3) китобҳои илмӣ; 4) китобҳои маълумотдиҳанда; 5) матбуоти даврӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ва ғайра. Ин мавод метавонад дар шакли анъанавӣ (дар коғаз) ва электронӣ (дар диск, компютер, айфон, айпод, айпед, интернет ва ғайра) бошад. Ҳамчунин, ҳар яке аз маводди номбаршуда тарзи хоси кор бо худро дорад, вале қоидаҳои умумии мутолиа низ вуҷуд доранд, ки дар поён шумо мухтасаран бо онҳо ошноӣ пайдо мекунед.

Қабл аз ҳама, дар хотир доштан зарур аст, ки ҳар як инсоне, ки худро эҳтиром мекунад, бояд мутолиа кунад. Аз ин рӯ, кӯшиш кунед, ки ҳар рӯз дар қатори омодагӣ ба дарс ҳатман на камтар аз 20-30 дақиқаи вақти худро барои мутолиаи маводди ғайритаълимӣ сарф кунед. Маводди қироатшаванда бояд аз соҳаҳо (санъат, техника ва ғайра), шакл ва жанрҳои мухталиф (наср, назм, роман, қисса ва ғайра) бошад. Хуб мешуд, агар рӯйхати китобҳоеро, ки бояд мутолиа кунед, тартиб медодед ё аз омӯзгорон чунин рӯйхатро, ки ҳатман барои ҳар як синф вуҷуд дорад, мегирифтед). Мутолиа бояд бошуурона бошад, на сарсарӣ ва ё барои худситоӣ дар нисбати миқдори китобҳои хондашуда. Агар китобе, ки мутолиаи онро оғоз кардаед, маъқул наафтад, хондани онро ба вақти дигар мавқуф гузошта, китоби дигареро мутолиа кунед.

Дувум, мутолиаи китоб бояд ҳатман ҳадаф дошта бошад. Қироати китоб барои вақтгузаронии беҳуда ва ё ба-

рои тезтар хоб рафтан ҳадафи воло нест. Аз ҳадафҳои асосӣ инҳоро зикр кардан мумкин аст: хондан барои иттилоъ гирифтан оид ба ягон чиз ё ҳодисаи мушаххас; зиёд кардани захираи луғавӣ; мутолиа барои гирифтани ҳаловати эстетикӣ, ахлоқӣ, рӯҳбаланд кардани худ ва ғайра; мутолиа барои васеъ кардани ҷаҳонбинии умумии худ ё худтакмилдиҳӣ ва амсоли он.



Аксарият китоб мехонанд, вале номи муаллиф, қаҳрамонон, персонажҳо, макони баргузории воқеаҳо ва амсоли онро ба назар намегиранд ё аз худ намекунанд. Ин бошад, як шарти муҳимми китобхонист, ки бояд ҳатман риоя шавад. Шеърро бошад, аввалан, якчанд маротиба бояд қироат кард ва аз ёд карда, ба мазмуни он сарфаҳм бояд рафт.

Тарзҳои мутолиа низ гуногунанд. Аввалан: мутолиа барои шиносоӣ бо китоб (сафҳагардонӣ, қироати интихобии баъзе сафҳаҳои китоб ва ғайра.). Дар ин ҳолат хонанда танҳо бо сохтор, шаклу мазмуни асосии китоб шинос мешавад ё ҷойҳои даркории онро интихобан варақ мезанад, то мухтасаран дар бораи китоб маълумот бигирад. Баъди чунин тарзи мутолиа китоб дар мавриди дигаре ба пуррагӣ қироат карда мешавад. Дувум: мутолиаи амиқу пурраи китоб. Дар ин маврид қироати китоб комилан, бо баҳогузорӣ ба мазмун, мундариҷа ва шакли он, ворид шудан ба воқеаю ҳодисаҳои матн, эҳсоси ҳамдардию ҳамраъйӣ бо қаҳрамонони асар ва ғайра сурат мегирад. Севум: мутолиа ба мақсади омӯзиши китоб. Чунин тарзи қироат асосан дар мавриди хондани китоби дарсӣ, маводди таълимӣ, илмӣ ва китобҳои маълумотдиҳанда ба кор бурда мешавад.

Бо китоб, ҳамчунин, бо тарзи мутолиаи васеъ кор кардан мумкин аст. Дар ин сурат хонанда китобу мақолаҳои

дигарро дар бораи китоби мутолиашуда, муаллифи он ва ахбори дигари зарурриро пайдо карда, маводди қироаткардаашро мукаммал месозад.

Чунин навъи мутолиа низ вуҷуд дорад, ки метавонад зараровар бошад. Дар ин маврид хондани чунин китобҳо дар назар дошта шудааст, ки аз ҷиҳати мундариҷаю мазмун паст, ба синну соли хонанда номувофиқ, дар мавзӯъҳои фаҳш, зӯроварӣ ва амсоли он буда, ҷаҳони ботинии инсон ва рӯҳи ӯро олуда месозанд. Қироати чунин китобҳо на танҳо ба хурдсолон, балки ба калонсолон ҳам маслиҳат дода намешавад.

Ба ҳамин тариқ, агар шумо ба мутолиаи ягон китобе оғоз кардед, пеш аз ҳама ҳадаф бигузоред. Ба шумо зарур аст, ки аз китоби мутолиашуда тамоми арзишҳои мусбати онро бигиред. Аз ин рӯ, бояд тарзи мутолиаи шумо ба ҳадафи гузоштаатон мувофиқат дошта бошад.

Ҷараёни мутолиаи китобро одатан ба чор марҳала ҷудо мекунанд:

1. Гирифтани маълумоти умумӣ дар бораи китоб ва таҳлили сохтори он.

2. Мутолиаи бошууронаи китоб барои фаҳмиши мазмуни он.

3. Ташаккули фикру андешаи худ оид ба мазмуну мундариҷа, шакл, забон, услуб, ҷиҳатҳои дигари арзишманди китоб ва муаллифи он.

4. Аз ёд кардан ё дар дафтар барои истифодаи минбаъда сабт кардани порчаҳо ё суханоне, ки аз китоб маъқул афтода бошанд.

Барои самаранок истифода кардан аз ин чор марҳалаи мутолиа хонанда бояд пайваста дар худ қобилияти ҷамъ кардани фикр ва диққатро дар атрофи маводди қироатшаванда инкишоф дода, қувваи ҳофизаю хотираашро машқ диҳад. Китобро бояд банд ба банд, фасл ба фасл бихонад. Дар зарурат таваққуф карда, дар бораи масъалаҳои мутолиашуда фикру андеша ронад. Ҷойҳои мураккабу душворфаҳмро такроран хондан барои фаҳмиши бошууронаи китоб

мусоидат мекунад. Ҳангоми мутолиаи китоб аз харитаҳо, луғатномаҳо ва маводди дигари ёрирасон истифода барад. Калимаҳои нав, душворфаҳм ва истилоҳотро аз луғатнома пайдо карда, дар дафтари худ сабт кунад ва ҳифз кунад.

Барои кор бо китоби дарсӣ ва маводди таълимӣ бошад, аз тарзи мутолиаи омӯзишӣ истифода карда мешавад. Бо ҳамин сабаб дар қатори тартибҳои умумии қироат, ки дар боло зикр шуданд, ҳангоми мутолиаи маводди таълимӣ ҳамчунин, қоидаҳои зерин бояд риоя карда шаванд:

– таҳлили сохтори умумии китоби дарсӣ (маводди таълимӣ) ё мавзӯи алоҳидаи он;

– кор бо матни мавзӯъ ё дарси алоҳида бо роҳи ба пораҳо тақсим карда мутолиа кардани он;

– кор бо харита, ороиш, ҷадвал, диаграммаҳои дарс ва ғайра.;

– кор бо истилоҳот ва мафҳумҳои асосии мавзӯъ;

– аз ёд кардани таърифҳо;

– дар дафтари корӣ сабт кардани маводди муҳимтарини дарс;

– кор бо савол ва супоришҳои дарс ва ғайра.

Дар хотир бояд дошт, ки китоби дарсӣ китоби бадеӣ набуда, омӯзиши амиқро талаб мекунад. Аз ин рӯ, ҳатман ҳангоми хондани он бо худ қаламу дафтар дошта бошед ва ҷойҳои асосии мавзӯъро дар дафтар қайд кунед. Ҳангоми мутолиа саросема нашавед, мазмуни ҳар як калима, ибора, ҷумла ва пораи матнро ба хубӣ дарк кунед. Мафҳум ё калимаҳоеро, ки намефаҳмед, аз луғатҳои тафсирӣ пайдо карда, ба маънии онҳо сарфаҳм равед ва ба ин мақсад ҳамеша бо худ дафтари луғат дошта бошед. Ягон employees пораеро аз матн напартоед, зеро фаҳмидани мазмуни асосӣ бе фаҳмиши чунин пораҳо душвор мешавад. Ба таърифҳо, қоида ва қонунҳо аҳамияти махсус дода, онҳоро бапуррагӣ аз худ кунед. Агар дар охир ё вараќи китоб ҷавоб ба савол ё мисолу масъалаҳо бошад, саросема нашуда, аввалан, худ ҷавоб ҷӯед, ҳал кунед ва баъдан бо ҷавобҳои китоб муқоиса кунед.

Матбуоти даврӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо бо риояи қоидаҳои умумии қироат мутолиа карда мешаванд. Дар баробари ин чунин мавод, аз ҷумла, рӯзнома (ҳафтанома) чунин тартиби хоси зерини мутолиа низ доранд:

– аввалан сарлавҳаи тамоми мақолаҳоро бихонед;

– баъдан рӯзномаро бапуррагӣ саҳифагардон карда, бо он ба таври умумӣ шинос шавед;

– сармақолаи рӯзномаро аз назар гузаронед;

– мақолаеро, ки шавқи шуморо бештар бедор карда бошад, дар охир мутолиа кунед.

Матбуоти давриро ҳар рӯз мутолиа кардан зарур аст. Ҳангоми мутолиа номи муаллифони хабару мақолаҳоро дар ёд бигиред. Ахбори наверо, ки аз рӯзномаҳо пайдо кардаед, дар оила, синф, байни дӯстон муҳокима кунед. Маҷаллаю рӯзномаҳоро даста баста, барои истифодаи тӯлонӣ ҳифз кунед. Дониши аз матбуоти даврӣ гирифтаатонро ҳатман дар дарс, дар ҳолатҳои ҳаётӣ истифода баред.

Китоб, маводди таълимӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ва маводди дигари қироат, чунон ки дар боло қайд шуд, метавонанд дар шакли анъанавӣ (дар коғаз) ва электронӣ (дар диск, компютер, интернет ва ғайра.) бошанд. Бо маводди электронӣ низ бо риояи қоидаҳои умумии қироат кор кардан зарур аст. Вале дар ин маврид одоби истифодаи маводди аудио, видео ва компютерро низ, ки шумо бо онҳо ошноӣ пайдо кардаед, риоя бояд кард. Ҳамчунин, дар хотир бояд дошт, ки ахбор аз коғаз нисбат ба ахбор дар шакли электронӣ дар хотира хубтар нигоҳ дошта мешавад. Аз ин рӯ, аз рӯйи имконият китобҳои электрониро дар принтер чоп карда мутолиа кунед (ё ҳадди ақал ҷойҳои зарурии ин маводро ҷудо карда, чоп кунед).

Барои мутолиаи дуруст бояд ҷойи мутолиа, вақти мутолиа ва шакли мутолиа низ интихоб карда шаванд. Китобро ҳатман дар утоқи ором ва бофароғат, тибқи талаботи гигиенӣ дар курсӣ нишаста мутолиа кунед. Дар вақти барои мутолиа ҷудошуда иҷрои корҳои дигарро ба нақша нагиред.

Ҳангоми мутолиа диққатро ба корҳои дигар равона насозед. Барои қайд кардан ҳатман дафтару қалам дошта бошед ва ҷойи мувофиқ барои китобат дар дастрасии шумо бошад.

Китобҳо ва маводди таълимиро на танҳо мутолиа кардан, балки барои истифодаи минбаъда, барои ояндагон ҳифз кардан зарур аст. Аз ин рӯ, хонандаи боодоб ва хушахлоқ бояд чунин қоидаҳои истифодаи китоб, маводди таълимӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ва одоби муносибат бо онҳоро низ ҳатман риоя кунад:

– ҳеҷ гоҳ дар китоб нанависед ё расм накашед;

– ҳеҷ гоҳ варақҳои китоб ё расму суратҳои онро надарронед;

– ҳеҷ гоҳ китобро қат накунед;

– ҳеҷ гоҳ дар вақти хӯрокхӯрӣ ба мақсади ҳифзи саломатӣ ва риояи одоби тозагӣ китоб мутолиа накунед;

– ҳеҷ гоҳ дар байни китоб қалам ё чизҳои дигарро нагузоред;

– ҳеҷ гоҳ барои ишора кардани саҳифаҳо варақҳои китобро қат накунед, ба ин мақсад аз гузоштани коғази буридa дар саҳифаи даркорӣ истифода кунед;

– ҳеҷ гоҳ китобро чун поя ва ё барои такя задан истифода накунед;

– ҳеҷ гоҳ китобро дар ҷойҳои нам ё зери офтоби сӯзон нагузоред;

– варақҳои тасодуфан даридаи китобро ҳатман тармим кунед;

– китобро иловатан муқова карда, дар зарурат онро иваз кунед;

– изи дастон ё навиштаҷотро аз саҳифаҳои китоб бо хаттозакунак боэҳтиёт тоза кунед;

– китобро на бапуррагӣ, балки то дараҷаи муайян (асосан то 120 дараҷа) кушоед;

– ҳангоми варақ задани китоб қоидаҳои гигиениро ба мақсади ҳифзи саломатӣ риоя кунед ва ғайра.

Китоб, маводди таълимӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ва маводди дигари қироат метавонанд аз они худи шумо бошанд, ё онҳоро

шумо аз шахсони дигар, мактаб ва китобхонаҳо ба иҷора гирифта бошед. Аз ин рӯ, ба шумо зарур аст, ки бо моли дигарон эҳтиёткорона муносибат кунед ва қоидаҳои рафтор дар китобхона ва истифодаи захираи китобҳои онро ҳатман бапурррагӣ риоя кунед.

Ба ҳамин тарик, китоб ҳамчун рафиқи вактҳои танҳоӣ, ғамхори инсон ва манбаи дониш барои ҳар як одам хеле пураҳамият аст. Аз ин рӯ, пайваста ба мутолиа машғул бошед ва барои рушди ахлоқи ҳамидаи худ аз тарзи дурусти қироат истифода бурда, ба китоб, маводди таълимӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳо бо одобу тартиби қабулшуда муносибат кунед.

## Маводди иловагӣ

### Бузургон дар васфи китоб ва мутолиа

Хонае, ки дар он китоб нест, чун танест, ки дар он ҷон нест.

**Ситсерон**

Китобҳо олами махсус, озода ва накӯе мебошанд, ки дар он имкони хушбахтона зистани мо вуҷуд дорад.

**Волтер**

Тамоми зиндагии инсоният дар китобҳо дарҷ шудааст: қабилаҳо, халқҳо, кишварҳо нест шуданд, вале китоб боқӣ монд.

**А.И. Гертсен**

Китобро дӯст доред, китоб ҳаёти шуморо сабук мегардонад, барои пайдо кардани сари фикру андеша ва ҳодисаҳои сарбаста дӯстона кӯмак мекунад, ба шумо эҳтиром кардани инсон ва худи шуморо меомӯзонад, ақлу дили шуморо бо ҳисси муҳаббат ба олам ва инсоният пару бол мебахшад.

**М. Горкий**

Илму фан набвад, агар набвад китоб,
Ҷаҳл бигрезад, чу пайдо шуд китоб.

**Маҳмуди Тарзӣ**

Китоб аст оинаи рӯзгор,
Ки бинӣ дар он розҳо ошкор.
Чунин ҳамнишин гар ба даст оварӣ,
Нашояд, ки бигзорию бигзарӣ.

**Бадеъуззамон Фурӯзонфар**

Мутолиа инсонро доно, сухбатёбанда ва одати қайд карда навиштани ҳодисаҳо дақиқкор мекунад.

**Ф. Бэкон**

Дӯст доштани мутолиа лаҳзаҳои ғамгиниро, ки дар ҳаёт ногузиранд, ба лаҳзаҳои лаззати бузург иваз мекунад.

**Монтеске**

Одамон аз фикр кардан мемонанд, чун мутолиа накунанд.

**Д. Дидро**

Нафаҳмида мутолиа кардан, баробар бо мутолиа накардан аст.

**Я. Каминский**

Мутолиа барои фикрронӣ, ҳамчунонест, ки тарбияи ҷисмонӣ барои бадан.

**Д. Эдисон**

## Савол ва супориш

1. Мавод барои мутолиаро ба кадом навъҳо гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст?
2. Ҳар рӯз дар қатори омодагӣ ба дарс чӣ қадар вақт барои мутолиаи маводди ғайритаълимӣ сарф кардан зарур аст?
3. Ҳадафҳои мутолиаро зикр кунед.
4. Се навъи асосии мутолиаро шарҳ диҳед.
5. Марҳалаҳои асосии мутолиаи китобро номбар кунед.
6. Қоидаҳои хоси мутолиаи маводди таълимӣ кадомҳоанд?
7. Тартиби мутолиаи рӯзнома (ҳафтанома) бояд чӣ гуна бошад?
8. Қоидаҳои истифодаи китоб, маводди таълимӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ва одоби муносибат ба онҳоро шарҳ диҳед.
9. Суханони бузургонро дар васфи китоб ва мутолиа аз ёд кунед.



## § 14 ОДОБИ ЛИБОСПӮШӢ ВА ТАВАҶҶУҲ БА ЗЕБОИИ БОТИНИЮ ЗОҲИРӢ

Сирату сурати инсон бояд якдигарро мукаммал кунанд ва шахс бояд ҳам ботинан ва ҳам зоҳиран зебо бошад. Либос як нишонаи зоҳири инсон аст, ки дар сурати зебо дӯхта шудан ва ба тани шахс, вақт, мавзеъ ва синну сол мувофиқ будан ҳусну ҷамоли ҳар як фардро зоҳирану ботинан афзун карда, ба ӯ рӯҳу илҳоми тоза мебахшад. Аммо либоси ба синну сол, ба мавзею вақт номувофиқ ҳам ба фаъолияти кас зарар мерасонад ва ҳам хусни зоҳиру ботини ӯро қабеҳ менамояд. Аз ин рӯ, талаботи либоспӯшӣ, ки дар тӯли таърих дар байни халқҳои гуногуни ҷаҳон ба вуҷуд омадаанд, бояд аз ҷониби ҳама риоя карда шаванд.

Арбобони илму маърифат, тиббу ҳикмат аз замонҳои қадим, пеш аз ҳама, ба тозагии либос диққат дода, онро чун гарави саломатӣ ва хуштабиатии инсон шумурдаанд. Ба ҳамин сабаб барои шахс ҳар рӯз либоси наву қиматбаҳо пӯшидан шарт набуда, балки риоя кардани тозагии либоси ҳаррӯза шарти аввалини эстетикаи либоспӯшӣ аст. Дар баробари тоза будан либос бояд дарзмолшуда бошад. Дарзмол кардан на фақат либосро зебову шинам менамояд, балки аз ҷиҳати гигиенӣ низ онро тозаю озода мекунад.



Дар табиат ҳамеша мутобиқати рангҳо зебоиро афзуну дилчасп менамояд. Мутобиқат кардани ли-

бос ба сурат ҳам инсонро зеботар мегардонад ва аз шартҳои муҳимми эстетикаи либоспӯшӣ ҳисобида мешавад. Аз ин ҷост, ки бояд ҳар як фард ранги ба худаш муносибу дилкашро донад. Ранги либос, ҳамчунин, ба синну сол, ба талаботи фаъолияти меҳнатӣ ва ҷамъиятии шахс бояд мувофиқ бошад. Либос ва рангу ороиши он ҳеҷ гоҳ набояд василаи фахру мағрурӣ ва намоиши сарватмандию мансаб гардад.

Дар баробари риоя кардани ҷиҳатҳои эстетикию гигиении либос ба масъалаҳои ҷузъии либоспӯшӣ низ аҳамият додан зарур аст. Масалан, баъзан ҳангоми саросемавор аз хона баромадан набудани тугмаҳои шим, курта ё пиҷак сабабгори ба хиҷолат овардани писарон шуданаш мумкин аст. Духтаронро бошад, дарозии доман, ҷӯроб, тартиби мӯю рӯй метавонад ба ҳолати хиҷолатовар расонад. Аз ин рӯ, бояд то аз хона баромадан шахс дар назди оина бодиққат худро аз назар гузаронида, ба тартиб дарорад. Дар хонадон аҳли оила, берун аз он рафиқон бояд оинаи якдигар бошанд ва камбудиҳои ҳамдигарро оид ба либосу шакли зоҳирӣ бо маслиҳати дӯстона, бе таънаву маломат ислоҳ кунанд.

Дар хотир бояд дошт, ки дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо либоси дарида, чиркин, бадбӯй, ранголуд ҳозир шудан мумкин нест, зеро бо ин кор табъи дигаронро хира ва либосашонро ифлос кардан мумкин аст.

Бо одоби либоспӯшии шахс ороиш додани рӯю мӯй, овезон кардани гӯшвор ва истифодаи ороишоти дигар робитаи ҷудонашаванда доранд. Аз ин рӯ, талабот оид ба ороиши бадан низ, ки ҷузъи муҳимми эстетика ва этикаи инсон аст, бояд ҳатман аз ҷониби ҳама риоя карда шавад. Масалан, истифодаи зару зевари зиёд ё расмкашию холкубӣ дар бадан ҳусни инсонро мекоҳонад.

Ҳар як шахс ҳар рӯз чандин нақша дорад. Масалан, ба таҳсил ё кор меравад ва баъди он ба тӯй, маҳфил, машқ ё сайругашт раҳсипор мешавад. Ё худ, шахс вақти холии худро дар хона мегузаронад. Дар хотир бояд дошт, ки шароиту талаботи таҳсилу кор дигар аст ва шароиту талаботи тӯй,

хона ё машқҳои варзишӣ дигар. Бо ҳамин сабаб дар баробари донистани рангу мӯди мувофиқ ва андозаи либоси ба худ зебанда, донистан ва риоя кардани либоспӯшӣ дар ҷойҳои гуногун ва аз кадом навъи матоъ будани либос ҳам ба ҳар як шахс зарур аст. Дар асоси ҳамаи ин омилҳо либосҳоро аз ҷиҳати мавқеи истифодаашон ба либосҳои хонагӣ, хобу тахпӯш, рӯзмарра, корӣ, мактабӣ, маросимӣ, сафарӣ, варзишӣ ва ғайра тақсим кардан мумкин аст. Либос нишонаҳои миллӣ ҳам дорад. Ҳар яке аз ин навъи либосҳои зикршуда мувофиқи талаботу шароити зарурӣ интихоб ва ба бар карда мешаванд.

Либоси миллӣ – либосҳои занонаю мардонаеро, ки бо тарзи дӯхт, таносуби рангҳои худ фарқ карда, чун ҷузъи маданияту фарҳанг ба ин ё он халқ тааллуқ доранд, либоси миллӣ мегӯянд. Либоси миллии ҳар як халқ дар тӯли асрҳо мутобиқи шароити ҷуғрофӣ, тарзи истеҳсолот, дараҷаи рушди фарҳангии ин халқ ба вуҷуд омада, тибқи талаботи замон инкишоф ёфтааст.

Либоси миллии ҳар халқ ганҷинаи гаронбаҳои фарҳанги умумибашарист. Маҳз бо таъсири ҷиҳатҳои пешқадами либосҳои миллӣ шакли имрӯзаи либосҳо пайдо шуд ва хусусиятҳои байналмилалиро гирифт. Аз ин рӯ, сазовори таъкид аст, ки эҳтироми миллати худ дар кӯҳнапарастона ҳимоя кардани урфу одатҳои ба талаботи вақту шароити замона номувофиқ, аз ҷумла дар риояи анъанаҳои либоспӯшӣ набуда, балки мутобиқ ба талаботи рушди илму техника, иқтисодиёту фарҳанг такмилу инкишоф додани тамоми анъанаҳои миллӣ, муносибатҳо ва одобу ахлоқ аст. Бо ҳамин сабабҳо интихоб кардани пӯшидани либоси миллӣ ё аврупоии занона ва мардона имрӯз бояд танҳо ба завқи эстетикию фарҳангии ҳар як шахси ба камол расида вогузор карда шавад. Барои хонандагон бошад, то ба камол расидан дар интихоби шакли либос ҳатман падару модар, аҳли хонадон мутобиқ ба завқи онҳо бояд роҳнамо гарданд.

Либоси миллӣ одатан ба намояндаи ҳамин миллат зе-

банда аст. Аз ин рӯ, пӯшидани либосҳои миллии халқҳои дигар (ба истиснои чорабинихои фархангию маҳфилҳо) ба хотири зебо будани он ва ё ба талаботи динию мазҳабӣ мувофиқат кардани он, дар ҷомеаи дигар ва аз тарафи намояндагони миллати дигар дар ягон кишвари олам қобили қабул нест. Аз ҷумла, либоси миллии тоҷикӣ ҷавобгӯйи тамоми талаботи ҷуғрофӣ, фарҳангӣ ва динии миллати мо буда, барои пӯшидани либосҳои миллии халқҳои дигар ягон ҳоҷате вуҷуд надорад.

**Либоси хонагӣ** – курта, шим, поҷома, ҷома, тоқӣ ва либосҳои дигаре аст, ки фақат дар хона ва саҳни ҳавлии шахсӣ пӯшида мешаванд. Одатан шахс пас аз таҳсилу кор либосҳояшро ба ин навъ иваз мекунад. Аз рӯйи одоб ва гигиена пас аз шустушӯ либоси хонагиро мепӯшанд. Бо ин либос шахс дар сари мизи хӯрок ва кор менишинад, дар назди аҳли оила мешавад. Либоси хонагӣ бояд аз матои муносиб, тоза, шинам, ба синну сол ва мавсим мувофиқ бошад.

**Либоси хоб ва таҳпӯш** – курта, поҷома, майка ва навъҳои дигари либос, ки барои хоб рафтан ё пӯшидан аз таги либосҳои дигар истифода мешаванд. Агарчи либосҳои мазкур хусусияти фардӣ доранд, вале ҳамеша онҳоро тоза нигоҳ доштан лозим аст. Бо чунин либосҳо дар айвон (балкон) ё кӯча гаштугузор кардан нишонаи беодобист.

**Либоси рӯзмарра ва кӯча** – пироҳан, костюм, шим, тоқӣ, боронӣ, палто ва либосҳои дигар, ки ҳангоми ба кӯча, сайругашт, меҳмонӣ, ба тамошои кино, театр, осорхона ва ҷойҳои дигари ҷамъиятӣ рафтан пӯшида мешаванд (ба истиснои ҷойи таҳсил ё кор). Либосҳои мазкур бояд мувофиқи фасли солу вазъи обу ҳаво бошанд ва ҳатман ба талаботи замона ва ҷое, ки меравед, ҷавобгӯ бошанд.

**Либосҳои маросимӣ** – чунин либосҳо дар тӯй, рӯзҳои иду хурсандӣ ва ё баръакс, дар лаҳзаҳои нохушӣ ба бар карда мешаванд. Барои тӯю ид ҳар кас мувофиқи завқи худ либос интихоб мекунад. Ба хонандагон дар ин кор падару модар ва аҳли хонадон бояд кӯмак кунанд. Дар лаҳзаҳои нохушӣ

бошад, мувофиқи расму оини аҷдодони худ тоҷикон одатан либосҳои кабуд, сабз ва ё сиёҳ мепӯшанд. Риоя кардан ва ё риоя накардани пӯшидани либосҳои маросимӣ ба ихтиёри худи шахс ва оила аст.

**Либоси корӣ** – либосҳое, ки дар вақти кор дар муассисаю ташкилоти давлатию ғайридавлатӣ пӯшида мешаванд. Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки самаранокӣ ва сифати меҳнат ба навъи либоси корӣ низ вобаста аст. Аз ин рӯ, барои озодона меҳнат кардан либоси кории ҳар як шахс бояд ба шароити кори ӯ мувофиқ бошад. Агар дар корхона ё ташкилот навъи ягонаи либос ва ранги муайяни он таъйин шуда бошад, риояи он барои ҳама ҳатмист. Дар навбати худ тозагӣ, назорати либоси корӣ на фақат гарави устувории саломатист, балки дараҷаи интизому одоби кормандро нишон медиҳад. Бо либоси махсуси корӣ ба ҷойҳои ҷамъиятӣ намераванд.

**Либоси мактабӣ** – ин либоси кории мактаббачаҳост. Талаб кардани риояи либоси ягонаи мактабӣ, тозаю озода пӯшидани он бояд аз тарафи роҳбарияти мактаб, омӯзгорон, падару модарон ва худи хонандагон ба таври ҷиддӣ назорат карда шавад. Дар асоси муносибат ба ин либос дараҷаи ахлоқ, меҳнатдӯстӣ ва гигиенаи хонанда баҳогузорӣ карда мешавад.

Талабот оид ба либоси ягона, муносибат ба он барои тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ ва интизомнокии мактаббачаҳо ахамияти бениҳоят бузург дорад. Либоси ягона аз ҷиҳати психологӣ – ҳасад бурдан ба либоси якдигар, фахр кардан бо либоси қиматбаҳои худ ва ҷиҳатҳои дигари манфиро дар рафтори хонандагон аз байн мебарад.

Дар кишвари мо либоси ягонаи мактабӣ тибқи «Дастуруламали либосҳои тавсиявии хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ» амалӣ карда мешавад. Тибқи ин санад либосҳои мактабӣ аз матои пахтагину пашмӣ ва абрешим омода карда мешаванд. Ба духтарон мувофиқи хоҳишашон бо рӯймоли миллӣ ва ба писарон бо тоқӣ ба дарс нишастан

иҷозат дода шудааст. Ҳамаи хонандагон ҳангоми ба дарс омадан бо худ сумка, портфел ё худ ҷузвдон мегиранд. Ҳангоми сард будани синфхонаҳо дар дарс ба хонандагон бо либоси гарми зимистона нишастан иҷозат дода мешавад.

Либосҳои мактабӣ барои хонандагон тибқи мавсими сол дар алоҳидагӣ барои писарон ва духтарон муайян карда шудаанд: либосҳои тирамоҳӣ (дар нимаи аввали тирамоҳ ва дар нимаи дувуми тирамоҳ), зимистона ва баҳорӣ (дар нимаи аввали баҳор ва дар нимаи дувуми баҳор).

Ҳамчунин, тибқи талаботи дастурамали мазкур ба духтарон ҳангоми ба дарс омадан пӯшидани либосҳои зерин манъ карда шудааст: либосҳои варзишӣ (ба истиснои дарси тарбияи ҷисмонӣ ва рӯзҳои ҳашар); либосҳои нимбараҳна; либосҳое, ки таблиғоти ғайр дошта, дорои ҳар гуна навиштаҷот мебошанд ва байрақу рамзҳои давлатҳои дигар дар онҳо тасвир ёфтаанд; ду-се гӯшвор овезон кардан дар гӯш; пӯшидани либосҳои синтетикии қиматбаҳо; аз ҳад зиёд рангу бор кардан ва ғайра.

Ба писарон бошад, ҳангоми ба дарс омадан манъ аст: бо либосҳои варзишӣ (ба истиснои дарси тарбияи ҷисмонӣ ва рӯзҳои ҳашар); бо муйҳои дароз; бо риши нотарошида ва риш мондан; бо либосҳое, ки таблиғоти ғайр дошта, дорои ҳар гуна навиштаҷот мебошанд ва байрақу рамзҳои давлатҳои дигар дар онҳо тасвир ёфтаанд; бо ангуштарӣ ва занҷири гардан; гӯшвор овехтан; бо шими ҷинс, махмал (вилвет) ва дигар либосҳои синтетикӣ (ба истиснои фасли зимистон).

Дар «Дастуруламали либосҳои тавсиявии хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ», чунин талаботи ҳатмӣ пешбинӣ шудааст: рӯзҳои ҷашнҳои давлатӣ, ҷумҳуриявӣ, ҷашнҳои муассисаи таълимӣ, конфронсу симпозиумҳо пӯшидани либоси протоколӣ ҳам барои духтарон ва ҳам писарон ҳатмӣ мебошад; дар арафаи рӯзҳои идҳои миллӣ (бахусус, Наврӯз, Сада ва ғайра) духтарон метавонанд куртаи атлас ё адрас бе пойҷома ва ё бо пойҷома бо рӯймоли миллӣ ва ё бе рӯймол

тибқи хоҳишашон ба дарс ҳозир шаванд; бо нишони созмони талабагӣ омадани хонандагон ҳатмӣ мебошад; дар дарсҳои таълими меҳнат истифодаи пешдоман, хилъат, дастпӯш, айнаки ҳифзкунанда тавсия мешавад; дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ истифодаи либосҳои варзишӣ, футболка, шортик ва кроссовкаву кедӣ ҳам ба духтарон ва ҳам ба писарон тавсия мешавад; дар дарсҳои лабораторӣ, машғулиятҳои амалӣ истифодаи хилъати сафед ё кабуд тавсия мешавад.

Умуман, ба ҳар шахс зарур аст, ки чӣ тавр либоси тозаву озода пӯшидан, мутобиқ ба либос оро додани мӯю рӯй, гӯш ва зоҳири худро дар маҷмӯъ ба хубӣ бидонад, мутобиқ ба муҳити иҷтимоию ҷуғрофӣ сару либос ба бар кунад ва дар сурати мавҷуд будани талаботи ҳатмӣ дар ҷои таҳсилу кор онҳоро риоя кунад. Риояи одоби либоспӯшӣ шахсро ҳам зоҳиран ва ҳам ботинан зебо карда, дар назди ҳамнишинон ва ҳамсуҳбатон эътибори ӯро даҳчанд меафзояд.

## Маводди иловагӣ

**Бузургон ва ихтисосмандон дар бораи сурату сират ва либос**

Сурати зебои зоҳир ҳеҷ нест,
Эй бародар, сирати зебо биёр…
Одамиро ақл бояд дар бадан,
В-арна ҷон дар колбуд дорад ҳимор[1] .

**Саъдии Шерозӣ**

Ҳар кӣ дар ӯ сирати неку бувад,
Одамӣ аз одамиён ӯ бувад.

**«Ахлоқи Муҳсинӣ»**

Либос на танҳо тарҳи бадан, балки хулқро низ дигар мекунад.

**Волтер**

Ҳама чизи инсон бояд зебо бошад: ҳам чеҳра, ҳам либос, ҳам рӯҳ ва ҳам андешаҳо.

**А. П. Чехов**

Бенизомӣ дар либос инъикоскунандаи бетартибӣ дар

[1] Ҳимор – хар.

рӯҳи инсон аст.

**А. Апшерони**

Муҳимтар аз ҳама дар либоси зан худи зан аст.

**Ив Сен-Лоран**

Либос дар бораи шумо чизҳои зиёде мегӯяд. Он, ки шумо чӣ гуна сарулибосро интихоб мекунед, шуморо на камтар аз нутқатон тавсиф мекунад. Ҳама чиз дар сарулибоси шахс рамз аст.

**Дезире Мейер**

Ман чунин меҳисобам, ки одамон ба тарзи либоспӯшии дигарон таваҷҷуҳи беҳад зиёд мекунанд. Эҳсоси мусобиқаи доимӣ бо дигарон касро хаста мекунад. Шумо бояд дар бораи либоси ба худ зебанда андеша кунед, на дар бораи либоси дигарон.

**Диана Риленд**

## Савол ва супориш

1. Ду шарти муҳимми эстетикаи либоспӯширо шарҳ диҳед.

2. Ба кадом масъалаҳои ҷузъии либоспӯшӣ таваҷҷуҳи бештар додан зарур аст?

3. Таносуби одоби либоспӯшии шахс ва истифодаи ороишотро тафсир кунед.

4. Баъзе навъҳои либосҳоро аз ҷиҳати мавқеи истифодаашон номбар кунед.

5. Либоси миллӣ чӣ хусусиятҳо дорад?

6. Интихоби пӯшидани либоси миллӣ ё аврупоӣ барои шахс чӣ гуна бояд бошад?

7. Одоби пӯшидани либоси хонагӣ, хоб ва таҳпӯш, рӯзмарра ва кӯчаро бифаҳмонед.

8. Пӯшидани либосҳои маросимӣ ва корӣ чӣ гуна қоидаҳо дорад?

9. Одоби пӯшидани либоси мактабиро барои синну соли худ дар мавсимҳои гуногун шарҳ диҳед.

10. Суханони бузургонро дар васфи одоби либос аз ёд кунед.





## § 19 ҶАНБАҲОИ АХЛОҚИЮ ҲУҚУҚИИ ОДОБ ВА РАФТОРИ ШАХС

Дар фанҳои омӯхташуда шумо бо таносуби ҳуқуқ ва ахлоқ шиносоӣ пайдо кардаед. Ба хотир биёред, ки иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ҳама ҳатмӣ буда, барои риоя накардани онҳо мақомоти давлатӣ одамонро ҷазо медиҳанд. Иҷрои меъёрҳои ахлоқиро бошад, афкори аҳли ҷомеа ва худи шахс таъмин карда, давлат барои риояи онҳо одамонро маҷбур намекунад. Ҳамчунин, шумо медонед, ки ахлоқ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Гуфтаҳои боло нишон медиҳанд, ки аксаран одобу рафтори шахс ҳам аз ҷиҳати ахлоқӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баҳо дода мешавад. Вале рафторе низ ҳаст, ки танҳо аз мавқеи ахлоқӣ баҳогузорӣ шуда, танзими ҳуқуқӣ намешавад (масалан, муносибатҳои дӯстӣ, муҳаббат байни одамон ва ғайра). Ба ибораи дигар, агар мавриди танзими ҳуқуқӣ на ҳама рафтор бошад, мавриди танзими ахлоқӣ ҳама гуна рафтори одамон қарор мегирад. Ин рафтор ба манфиатҳои шахси дигар ё ҷомеа дахл мекунад. Аз ин рӯ, меъёрҳои ахлоқӣ риояи чунин одобу рафтореро талаб мекунанд, ки барои аҳли ҷомеа манфиатовар бошанд ва чунин одобу рафтореро манъ мекунанд, ки бар зарари ҷомеа бошад. Дар таърихи фарҳанги ҳама халқҳо бо ҳамин сабабҳо меъёрҳои ахлоқии манъкунанда (масалан: дуздӣ макун!) ва меъёрҳои ахлоқии роҳбарикунанда (масалан: накӯкор бош!) вуҷуд доранд.

Чунонки мебинем, хусусияти муҳимтарини одобу рафтори шахс аз талаботи ахлоқ сарчашма гирифта, бо меъёрҳои ахлоқӣ баҳо дода мешавад. Дар маҷмӯъ ҳамаи навъҳои рафтор, ки шумо аз одоби муошират омӯхтед (одоби сухан, салом, муошират дар оила ва ҷойҳои ҷамъиятӣ, шиштухез, истифодаи телефон, муносибат ба ашёи мактаб, олами атроф ва табиат, мутолиа, либоспӯшӣ ва ғайра) мавриди танзими ахлоқӣ қарор мегиранд. Баҳогузории риояи чунин рафтор аз ҷиҳати ахлоқӣ чунин аст: шахс барои рафтори шоистааш сазовори таҳсину офарин ва соҳиби эҳтиром мешавад ва ё барои рафтори ношоиста аз тарафи атрофиён мавриди сарзанишу бадбинӣ қарор мегирад.

Бинобар ин ба ҳар як хонанда зарур аст, тавре рафтор кунад ва чунин одобе аз худ зоҳир намояд, ки писанди аъзои оила, наздикон, дӯстон, ҳаммактабон, омӯзгорон ва умуман аҳли ҷомеа бошад. Қадамҳои нахустин барои расидан ба мақоми инсони комил, ки ниёгони мо онро шахсияти ормонӣ (идеалӣ), дар муошират намунаи дигарон, ҳамаҷониба рушдкарда, ҷисман солим, ахлоқан пок ва рӯҳан ғанӣ шумурдаанд, аз ҳамин шурӯъ мешавад.

Дар айни замон, таъкид бояд кард, ки аз тарафи одамон чунин навъи рафтор ва одобе содир карда мешавад, ки аз тарафи ахлоқ ҷиддан баҳогузорӣ карда шавад ҳам, оқибатҳои ҳуқуқии он ҷиддитар аст. Ин, махсусан, дар ҳолати содир кардани рафтори ношоиста равшан аст. Аз ҷумлаи онҳо чунин рафтори ғайриахлоқии баъзе шахсон аст, ки ҳамчун ҷинояти вазнин баҳогузорӣ карда мешавад (куштор, ғоратгарӣ ва ғайра). Ҳамчунин, рафторе ҳаст, ки назарногир бошад ҳам, дар асл ҷиноят аст (масалан, аз боғи ҳамсоя мева дуздидан ва ғайра). Бо ҳамин сабаб дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чунин рафторҳо ҷазоҳои маъмурӣ пешбинӣ шудаанд. Ин ҷазоҳо нисбат ба кӯдакон ё падару модари онҳо амалӣ карда мешаванд.

Қонунгузории кишвари мо дар иртибот бо рафтору одоби шахс аз се санади муҳим иборат аст: 1) Кодекси маъмурии

Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва ғайра.

Кодекси маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқвайронкуниҳои маъмуриро танзим мекунад. Аз ҷумлаи чунин ҳуқуқвайронкуниҳо инҳоянд:

1. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ;

– майдаавбошӣ (дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дашном додан, ба таври таҳқиромез дарафтодан ба одамон, ҳамчунин, содир кардани дигар кирдорҳои ба ин монанд);

– вандализм (ё ваҳшигарӣ, зишту вайрон кардани бино ва дигар иншоот, расонидани зиён ба молу мулк, нақлиёт ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ);

– халалдор кардани оромӣ (дар кӯчаҳо, майдонҳо, боғу соҳилҳои фароғатӣ, нақлиёт ва дар дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, инчунин, шабона дар хобгоҳҳои умумӣ ва манзили зист доду фарёд кардан, ҳуштак кашидан, бо овози баланд суруд хондан, навохтани асбобҳои мусиқӣ, ба кор андохтан ё истифодаи дастгоҳҳои садотақвиятдиҳанда);

– дар ҷойҳои ҷамъиятӣ нӯшидани машруботи спиртӣ ё кашидани сигору нос;

– ҷалб кардани ноболиғон ба рафторҳои зиддиҷамъиятӣ (ба гадоӣ, фоҳишагарӣ, истеъмоли модда ё воситаҳои нашъадор, ба ҳолати мастӣ расонидани ноболиғон ё ба онҳо фурӯхтани машруботи спиртӣ ва сигор);

– қиморбозӣ ба ивази пул ва дигар чизҳои қиматнок (картабозӣ, рулетка, бозиҳои автоматӣ, казино ва ғайра);

– бардурӯғ даъват кардани мақомоти зидди сӯхтор, милитсия, ёрии таъҷилӣ ва ғайра;

– харидан, нигоҳ доштан, фурӯхтан ва истифода бурдани маводди тарфгарӣ (мӯшакпарронӣ ё пиротехникӣ);

2. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, ки ҷавобгариро барои зишту хароб кардани мероси таърихию фарҳангӣ

пешбинӣ мекунад.

3. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар бобати таъмини нигоҳдорӣ ва истифодаи молу мулк, ки барои майдадуздӣ (тасаррufi молу мулки давлатӣ, ҷамъиятӣ) ҷазо муайян кардааст.

4. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи ҳарбӣ, ки аз ҷумла дар ҳолати даъват бе сабабҳои узрнок ба комиссариати ҳарбӣ ҳозир нашудани даъватшаванда ҷавобгариро пешбинӣ мекунад.

Барои вайрон кардани ҳамаи рафторе, ки дар боло зикр шуд, дар Кодекси маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба кӯдакон ё падару модари онҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ муқаррар шудааст.

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот оид ба рафтор ва муносибатхоро дар оила муайян мекунад. Аз ҷумлаи чунин талабот инҳоянд:

– розигии ҳамдигарии издивоҷкунандагон ва барои ақди никоҳ ба синни никоҳӣ – на камтар аз ҳаждаҳсола расидани онҳо;

– риояи ҳуқуқи кӯдакони ноболиғ (ҳуқуқи кӯдак барои зиндагӣ ва тарбия дар оила, барои муошират бо падару модар ва дигар хешу ақрабо, барои озодона изҳор кардани фикри худ ва ғайра);

– риояи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар (ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар тарбия ва таълими фарзандон, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, ҳуқуқи бобо, модаркалон, бародарону хоҳарон ва дигар хешовандон барои муошират бо кӯдак ва ғайра).

– иҷрои уҳдадории фарзандони болиғ барои нигоҳубини падару модар.

Табиист, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои вайрон кардани ҳамаи талаботе, ки дар он омадааст, нисбат ба кӯдакон ё падару модари онҳо ҷазои маъмурӣ андешида мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, ки баъди

қонун дар бораи танзими расму оинҳо дувумин қонуни сирф миллии тоҷикӣ мебошад, мафҳумҳои зерин шарҳ ёфтаанд:

1) Фарзанди ноболиғ шахсе ба ҳисоб меравад, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст.

2) Таълим раванди фаъолияти муштараки падару модар, омӯзгор ва муассисаи таълимӣ баҳри инкишофи шахсият, истеъдод, малака ва қобиляти фикрию ҷисмонии кӯдак мебошад.

3) Тарбия раванди мақсадноки ба воя расонидани фарзанд аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода кардани ӯст.

4) Вақти шабона – аз 1– уми апрел то 30 – юми сентябр – аз соати 22:00 то соати 06:00 ва аз 1 – уми октябр то 31– умимарт – аз соати 20:00 то соати 06:00 буда, фарзандон бояд дар ин вақт ҳатман дар хона бошанд.

Ҳамчунин, тибқи қонуни мазкур вазифаи падару модар (ё шахсони онҳоро ивазкунанда), давлат ва ҷомеа дар таълим ва тарбияи фарзанд, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар ин самт, уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи фарзандро танзим мекунанд, таъсиси комиссияҳои ҷамъиятӣ барои пешгирии иҷро накардани уҳдадориҳои падарию модарӣ дар таълиму тарбияи фарзанд, чораҳои пешгирӣ ва ҷавобгарӣ барои иҷро накардани ин уҳдадориҳо ва ғайра муайян шудаанд.

Барои ҳар як падару модар ва хонанда зарур аст, ки бо талаботи қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" бапуррагӣ шинос бошад ва онҳоро риоя кунад. Риояи ин талабот на танҳо одоби муошират, балки ахлоқи хонандагонро дар маҷмӯъ ва эътибору нуфузи онҳоро дар назди оила, мактаб ва ҷомеа баланд бардошта, падару модари онҳоро барои тарбияи самараноки фарзандон роҳнамоӣ мекунад.

Умуман, таъкид кардан зарур аст, ки одобу рафтори шахс, аз ҷумла одоби муошырати ӯ ҳам аз ҷиҳати ахлоқӣ ва

ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳамеша мавриди назорати ҷомеа қарор дорад. Аз ин рӯ, ба ҳар як шахс зарур аст, ки ҳамчун узви ҷомеа одобу рафторашро бо худназораткунӣ низ танзим кунад. Маҳз ҳамин ду шакли назорат, яъне назорат аз ҷониби ҷомеа (оила, мактаб, мақомоти давлатӣ) ва худназораткунӣ аз тарафи ҳар як шахс имкон медиҳанд, ки дар ҷомеа ахлоқи ҳамида, пиндор, гуфтор ва кирдори нек барқарор ва ҳукмфармо бошанд. Ҳамаи ин дар навбати худ сабабгори рушди ҷомеа ва ташаккули шахсияти фарҳангии замони муосир мешавад.

## Маводди иловагӣ

Иқтибосҳо аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"

**Моддаи 8. Уҳдадориҳои падару модар дар тарбияи фарзанд**

Падару модар дар тарбияи фарзанд уҳдадориҳои зерин доранд:

- ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд;
- барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё кунанд;
- фарзандро ба зиндагии мустақилона омода кунанд;
- фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия кунанд;
- дар вақти шабона ба марказҳои дилхушӣ рафтани фарзанди то бистсолаашонро манъ кунанд;
- кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор кардани оромӣ, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, муассисаҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳҳо, манзили зист, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати тахрибкоронаи фарзандро ба муҳити зист пешгирӣ кунанд;
- ба фарзанди то синни мактабӣ ва фарзанде, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ миёнаи касбӣ,

новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо таҳсил мекунанд, бо худ овардан ва истифодаи телефонҳои мобилиро манъ кунанд;

- ба фарзанд тамошои филмҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ кунанд;
- ба фарзанд мутолиа ва паҳн кардани сабтҳои электронӣ (аз ҷумла тариқи телефонҳои мобилӣ), китобҳо, варақаҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводди чопии дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ кунанд;
- иштироки фарзандро дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба истиснои фарзандоне, ки ба таври расмӣ дар муассисаҳои динӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд, иҷозат надиҳанд;
- барои фарзанди то бистсола истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла пиво), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводди сахттаъсирро манъ кунанд;
- иштироки фарзандро дар чорабиниҳои барои ӯ тавсиянашуда иҷозат надиҳанд;
- гирифтани шаҳодатномаи ҳуқуқи ронандагӣ ва рондани автомобилро барои фарзанд иҷозат надиҳанд;
- ба оворагардӣ ва дигар рафторҳои зиддиахлоқӣ машғул шудани фарзанд роҳ надиҳанд;
- ба ҷалб кардани фарзанд ба корҳои хавфнок ва вазнини ба саломатии ӯ зараровар ва ҳамчунин, дигар корҳое, ки ба инкишофи муътадили ҷисмонӣ ва равонии фарзанд халал мерасонанд, иҷозат надиҳанд;
- фарзандро ба фаъолияти соҳибкорӣ ва хариду фурӯш, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат додааст, ҷалб насозанд;
- бе ҳамроҳии шахси болиғ гаштугузор кардани фарзанди то шонздаҳсоларо дар ҳудуди биною иншооти техникӣ, таххонаҳо ва болохонаҳои биноҳои истиқоматӣ, кор-

хонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо, ҳудуди нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, саристгоҳҳои роҳи оҳан, фурудгоҳҳо ва саристгоҳҳои нақлиёти мусофирбар манъ кунанд;

- дар ҷойҳои ҷамъиятӣ навиштан, ифлос кардан ва расонидани зарарро аз ҷониби фарзанд манъ кунанд;
- дастрасии фарзандро ба маводди сӯзандаю тарканда пешгирӣ кунанд;
- истифодаи чавоҳирот, зару зевар, дигар ашёҳои қиматбаҳо (ба истиснои як ҷуфт гӯшвора барои духтарон)-ро аз тарафи фарзанд дар муассисаҳои таълимӣ ва холкӯбиро барои фарзанд манъ кунанд;
- ба шикастани панҷараҳо, санги болои қабрҳо, ҳайкалҳо, нимпайкараҳо ва дигар ороишоте, ки дар оромгоҳҳо ва ҷойҳои таърихию фарҳангӣ мавҷуданд ва хароб кардани онҳо аз тарафи фарзанд роҳ надиҳанд.

## Савол ва супориш

1. Кадом навъҳои рафтори одамон мавриди танзими ахлоқӣ қарор мегиранд?
2. Баҳогузории риояи рафтор аз ҷиҳати ахлоқӣ чӣ тавр сурат мегирад?
3. Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмуриро вобаста ба тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ номбар кунед.
4. Барои содир кардани рафторҳои ғайриахлоқӣ дар Кодекси маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна ҷазоҳо муқаррар шудаанд?
5. Кадом талаботи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба рафтор медонед?
6. Талаботеро, ки дар иқтибосҳо аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” омадааст, аз худ кунед.

# ФАСЛИ ДУВУМ

# ОДОБИ РӮЗГОРДОРӢ

## § 16 ОДОБИ РӮЗГОРДОРӢ Ё ТАДБИРИ МАНЗИЛ ҶУЗЪИ МУҲИММИ МАДАНИЯТИ ШАХС ВА ОИЛА





Омӯзиши асосҳои рӯзгордорӣ ё тадбири манзил насли наврасро бо масъалаҳои оиладорӣ, сарфаю сариштакорӣ ва хислатҳои дигари шоиста дар соҳаи иқтисоду танзими рӯзгор ошно менамояд. Бо ин роҳ ҷавонон ҳамчун шахсияте ташаккул меёбанд, ки барои оиладорию ташкили рӯзгори худ омодагӣ мебинанд ва соҳиби фарҳангу маданияти баланди рӯзгордорӣ мешаванд.

Барои дастёбӣ ба ҳадафҳои мазкур зимни омӯзиши фанни «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ», қабл аз ҳама, дар хонандагон тасаввурот дар бораи масъалаҳои асосии одоби рӯзгордорӣ ташаккул ёфта, моҳияти мафҳумҳои муҳимтарине, ки барои фаҳмиши қоидаҳои танзими рӯзгор мусоидат мекунанд, равшан мегардад. Ҳамчунин, бо таълими ин фан роҳҳои амалисозии арзишҳои фарҳангӣ дар раванди рӯзгордорӣ, қабули қарорҳои бошуурона ва асоснок ҳангоми ҳалли масъалаҳои вобаста ба ташкили рӯзгор нишон дода мешаванд.

Дар қисми дувуми фанни мазкур қоидаҳое омӯзонида мешаванд, ки бояд дар ташкилу танзими ҳаёти хоҷагию

иқтисодӣ ва фарҳангии оила ва рӯзгори шахс риоя карда шаванд. Дар ин қисмати фан шумо бо масъалаҳои назариявии одоби рӯзгордорӣ ва амалияи он, чун роҳҳои ободонии хона, ороиши дастархон, оини меҳмоннавозӣ, одоби ташкили чорабиниҳои оилавӣ, оини даху харҷ, аҳамияти сарфа ва эҳтиёткорӣ дар рӯзгор, риояи реҷа ва амсоли он шинос мешавед.

**Рӯзгор** дар луғатномаҳо ба маънии дунё, замон, ҳаёт омадааст. Дар забони муосири адабӣ ва шифоҳии тоҷик бошад, ин калима маънии ҳаёт дар оила, хонадон ва сатҳи ташкили зиндагӣ дар онро дошта, аз тарафи мардум асосан ба ҳамин маънӣ ба кор меравад. Тарзи ташкили зиндагиро дар оила ва хонадон **рӯзгордорӣ** мегӯянд. Аз ин ҷост, ки одоби рӯзгордорӣ маҳз он тартибу қоидаҳоеро меомӯзонад, ки бояд дар ташкилу танзими ҳаёти хоҷагию иқтисодӣ ва фарҳангии оила ва рӯзгори шахс риоя карда шаванд.

Одоби рӯзгордориро дар таърихи фарҳанги тоҷикон **тадбири манзил** ном мебурданд. **Тадбир** аслан калимаи арабӣ буда, дар луғатномаҳо ба маънои «назар кардан дар оқибат ва анҷоми умур ё корҳо», «хонадорӣ» тавсиф шудааст ва дар умум маънии танзиму идора ва роҳбариро дорад. Тадбири манзил бошад, танзиму идора ва роҳбариро дар оила, хонадон ва муайянсозии нақшу вазифаҳои марду зан, фарзандон ва аъзои дигари оиларо дар корҳои хонаводагию манзил мефаҳмонад.

Оиларо асосан падар ё модар, ё ҳар ду баробар роҳбарӣ мекунанд. Агар сардори оила ва умуман ягон нафаре дар корҳои оилаю хонадорӣ муваффақ бошад ва танзиму идора ва роҳбариро дар оила ба хубӣ ба роҳ монда тавонад, чунин шахсро **инсони рӯзгордор** (хоҷагидор) ё мудаббир (ботадбир) мегӯянд.

Ҳар як шахси ботадбир ва соҳиби маданияти баланди оиладорӣ мекӯшад, ки хонадони ӯ обод, тозаю озода, муназзам ва таъмин бошад. Чунин амалҳои одамонро ободонӣ мегӯянд, ки аз калимаи «обод» гирифта шуда, маънии хуш,

хуррам, бегазанду солим кардан, маъмур сохтан, батартибу сомон овардан, оростан ва таҷҳизонидани хона, манзил ё макони дигареро дорад.

Ободон кардани хона маънии ороиш додан, оростани онро низ ифода мекунад. **Ороиш** – зебу зинат додан, рангубор кардан, ба тартибу низоми махсус овардан ҳам дар нисбати хона дар маҷмӯъ, ҳам барои қисматҳои он истифода мешавад. Аз ҷумла, ороиш додани (ё оростани) меҳмонхона, ороиш додани (ё оростани) дастархон ва ғайра.

Дар ҳар як хонадони ободу бофарҳанг **расму оини** маҳалле, халқе ё миллате риоя ва амалӣ карда мешавад ва тибқи он чорабиниҳои гуногуни оилавӣ баргузор мегарданд. Расму оин (ё расму одат), урф, анъана, маросим ва ҷашнҳо чунин тарзҳои рафторанд, ки ба тариқи ирсӣ аз як насл ба насли дигар гузашта, дар байни аъзои ҷамъият ё гурӯҳи муайяни ҷамъиятӣ дар ҳолатҳои мушаххас одат шудаанд. Чунин одатҳо дар соҳаҳои гуногун мушоҳида карда мешаванд. Масалан, расму оини қабули меҳмонон, гузаронидани тӯйи арӯсию суннатӣ, дафн ва ғайра.

Ҳар оилае, ки расму оини муайянро ба ҷо меорад ва умуман, ҳаёту рӯзгори худро танзим месозад, кӯшиш мекунад, ки даромади молию пулӣ ва моддии худро оқилона, тибқи талаботи волои фарҳангу маданияти рӯзгордорӣ харҷ кунад. Маҷмӯи қоидаҳоро оид ба ин самти рӯзгордорӣ оини **дахлу харҷ** мегӯянд. **Дахл** аз забони арабӣ чун даромад, воридот, ҳосил тарҷума мешавад. **Харҷ** низ калимаи арабӣ буда, маънии он баромад, сарф, яъне акси дахл аст. Шахси бофарҳангу бомаданият, оилаи маданӣ он аст, ки дахлу харҷи худро назорату танзим мекунад, яъне мекӯшад, ки дахлу харҷаш баробар ё харҷаш аз дахлаш камтар бошад.

Риояи одоби **захираи** молу пул ва ашёи дигари рӯзгор низ хислату сифатҳои шоистаи оила ва шахси бофарҳанг, ҳамчунин маҳсуб мешавад. Захира кардан ғун кардани мол ё хӯрокворӣ ва барои эҳтиёт нигоҳ доштани он аст. Масалан, пасандоз кардани пул барои харҷи таҳсили фарзандон, тӯйи

суннатию арӯсии онҳо, ҷамъ кардани хӯроку ғизо барои зимистонгузаронӣ, нигаҳдории ғизои вайроннашаванда (барои инсон ё ҳайвонот) барои ду сол ва зиёда аз он ва ғайра.

**Сарфа ва эҳтиёткорӣ** низ ҷузъи ҷудонашавандаи ахлоқи ҳамидаи инсонист. Сарфа кардан худдорӣ дар харҷ, пасандоз кардани молу пул, эҳтиёткорӣ дар хароҷот аст. Инсони сарфакор, эҳтиёткунанда, вале на хасису бахил, дар байни дигарон ҳамчун шахси бофарҳангу бо маданият шинохта мешавад. Сарфа ва эҳтиёткорӣ барои оила низ ҷузъи муҳимми фарҳангу маданияти он аст. Чунин ашхос ва чунин оилаҳо даромади худро танзим карда, дар харҷи молу пул, ғизо, барқу об, маводди сӯхт ва ашёи дигари рӯзгор оқилона рафтор мекунанд.

Барои шахс ва оила, ҳамчунин, дар рӯзгор риояи реҷа (режим) хеле муҳим аст. Реҷа маънии тартиб, тарзи ҳаёт, қоида ва усулро дорад. Тибқи он кору истироҳати шахс барои соат, рӯз ва фосилаҳои дигари муайяни вақт тақсим карда мешавад. Реҷаи оқилона талаботи табиии инсон ва вазифаҳои иҷтимоии онро бапуррагӣ ба назар мегирад.

Умуман, мафҳуму истилоҳоти рӯзгордорӣ хеле зиёданд ва бо аксарияти онҳо шумо дар дарсҳои минбаъда шиносоӣ пайдо хоҳед кард. Вале ин ҷо бори дигар таъкид бояд кард, ки одоби рӯзгордорӣ ё тадбири манзил ҳамчун ҷузъи маданият дар рушди шахсият, оила, гурӯҳҳои муайяни ҷамъиятӣ ва умуман, ҷомеа нақши муҳимме бозида, барои таҳкими асосҳои иқтисодии оила ва давлат кумаки беандоза бузурге мекунад.

### Маводди иловагӣ

**Порча аз «Тадбири манзил»-и Ибни Сино**

**Во доштани фарзанд ба таъмини зиндагии худ**

Замоне ки фарзанд бо андозае усулу қавоиди саноатро[1] фаро гирифт, муқтазои[2] тадбир ин аст, ки аз ҳамон вақт ӯро водоранд, ки аз ҳамон миқдор иттилои худ барои касбу таъ-

[1] Қавоиди саноат – қоидаҳои касбу ҳунар, санъат.

[2] Муқтазо – талабот

мини маоши худ истифода кунад. Ва ин кор ду фоида дар бар дорад: якум, вақте лаззати истифода аз саноати худро дар таъмини маош чашида, ба суду манфиати кораш алоқаманд ва муҳаббаташ ба санъаташ бештар шуд, дар такмили он мекӯшад. Дувум, пеш аз он, ки таъмини маишаташ комилан ба уҳдаи худаш қарор гирад, ба талаби маош одат мекунад.

Мо камтар дидем аз писарони арбоби мукнат[1] аз эътимод ба дороии падар кард, ин эътимод ӯро намегузорад, ки пайи саноат рафта, то бад-ин васила талаби маишат бикунад ва монеъ мешавад аз ин ки адаб таҳсил карда, ба зевари он худро биорояд.

Ва низ муқтазои тадбир ин аст, писар вақте ки ба касби маош ва саноати худ муваффақ шуд, барои ӯ зан гирифта, хонаашро ҷудо бикунанд, то бозичаи шаҳавот[2] нашавад.

## Савол ва супориш

1. Одоби рӯзгордорӣ кадом тартибу қоидаҳоро меомӯзонад?

2. Баъзе мафҳумҳо ва истилоҳоти асосии одоби рӯзгордориро номбар кунед.

3. Рӯзгор ва рӯзгордорӣ чӣ маъно доранд?

4. Истилоҳоти тадбир ва тадбири манзилро шарҳ диҳед.

5. Инсони рӯзгордор чиро мефаҳмонад?

6. Оид ба мафҳумҳои ободонӣ ва ороиш чӣ медонед?

7. Моҳияти расму оинро фаҳмонед.

8. Дахлу харҷ ба кадом маъно истифода мешаванд?

9. Мафҳумҳои захира ва сарфакориро тафсир кунед.

10 Реҷа чӣ маъно дорад?

11. Порча аз «Тадбири манзил»-и Ибни Синоро хонда, шарҳ диҳед.

---

[1] Арбоби мукнат – шахсони давлатманд.

[2] Шаҳавот – ҷамъи шаҳват.

# § 17 ОДОБИ РӮЗГОРДОРӢ ДАР ТАЪРИХИ ИЛМУ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ВА ҶАҲОНӢ



Одоби рӯзгордорӣ ё тадбири манзил ҳамчун илм дар бораи тартибу қоидаҳо оид ба ташкилу танзими ҳаёти хоҷагию иқтисодӣ ва фарҳангии оила ва рӯзгори шахс таърихи хеле қадима дорад. Ҳанӯз дар Юнони Қадим илме бо номи «Сиёсати манзил» арзи вуҷуд карда буд, ки «уйкунумия» (аз калимаҳои «уйкуз» – «хона» ва «нумуз» – қонун) номида мешуд. Минбаъд ин калима дар илми ҷаҳонӣ чун «экономия» (иқтисодиёт) роиҷ шуд. Ба ақидае ин истилоҳро бори аввал донишманди юнонӣ Ксенофонт (солҳои 430-354 – уми то милод) – муаллифи рисолаи «Бунёди хонавода» истифода кардааст.




Дар Юнони Қадим ҳикмати амалӣ (илме, ки дар амал бояд татбиқ шавад) аз се қисм иборат буд: таҳзиби ахлоқ (роҳҳои тарбияи хулқу атвори нек), сиёсати мудун (тарзи идоракунии шаҳру давлат) ва тадбири манзил (тарзи идоракунии оила, хонадон). Аз донишмандони ин минтақа Арасту ба илми тадбири манзил таваҷҷуҳи хосса дошта, масъалаи оила ва оиладориро бо сиёсат ва ахлоқ пайванд кардааст ва дар китоби худ «Сиёсат» дар бораи муносибати байни зану шавҳар, хоҷа ва ғулом, падару фарзанд ва роҳҳои ба даст овардани мол ақидаҳо баён кардааст. Дар асари ӯ «Ахлоқи Никомах» низ оид ба тадбири манзил чун қисмати муҳимми ҳикмати амалӣ масъалагузорӣ шудааст.

Асари назаррас оид ба танзими рӯзгор дар Юнони Қадим «Тадбири манзил»-и Брусен (Абрусан ё Барсис) буд. Дар ин рисола дар бораи заруриёти зиндагии ҷомеаи инсонӣ, роҳҳои ба даст овардан ва ҳифзу истифодаи молу чиз,

вазифаҳои зан, фазилатҳое, ки боиси саодати зан ва дигар афроди хона мегарданд, таълиму тарбияи фарзандон, одоби сухангӯйӣ, хӯроκхӯрӣ, либоспӯшӣ ва ғайра сухан рафтааст. Бо сабаби машҳурӣ дар боби ҳалли масъалаҳои ахлоқу рӯзгор рисолаи Брусен минбаъд ба забонҳои гуногун, аз ҷумла, ба забони арабӣ тарҷума шуда, аз он мутафаккирони асримиёнагии тоҷик низ дар китобати рисолаҳои худ зиёд истифода кардаанд.

Дар таърихи фарҳанги тоҷикон ҳам таҳти таъсири асарҳои донишмандони юнонӣ ва маъхазҳои дигар асарҳои зиёде оид ба рӯзгордорӣ таълиф шудаанд. Дар байни онҳо рисолаҳои Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Насируддини Тӯсӣ, Ҷалолиддини Давонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон мавқеи махсус доранд.

Файласуфи бузург Абӯнасри Форобӣ дар асараш «Фусул-ул-маданӣ» бо таъсири Арасту оид ба муносибатҳои марду зан, падару фарзанд, хоҷа ва ғулом, соҳиби молу мулк ишораҳо кардааст. Форобӣ масъалаҳои тадбири манзилро ҳамчун муқаддима ба сиёсат медонистааст.

Ҳамчун дастури муҳим доир ба масъалаҳои рӯзгордорӣ дар таърихи фарҳанги тоҷик рисолаи «Тадбири манзил»-и Ибни Сино хидмат мекард. Ин асар ақидаҳои мутафаккирро оид ба ҳусни тадбир (накӯӣ дар идоракунии хонавода), пайдоиш ва нақши хонаводаи инсонӣ, роҳҳои ислоҳи нафс, тадбири даҳлу харҷ, сифатҳои занон, сиёсати мард нисбат ба фарзандону хидматгорон ва ғайра дар бар мегирад, ки аксарияти онҳо то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд.

Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» ба чунин маҷмӯи масъалаҳо таваҷҷуҳ кардааст: оиладорӣ (ҳаққи падару модар, парвариши фарзандон, хостгории зан, харидории хона), ҳунаромӯзӣ (фоидаи афзунии ҳунарҳо ва омӯзиши чавгонбозӣ, фақеҳӣ, нуҷум, тиб ҳандаса, шоирӣ, деҳқонӣ ва ғайра), танзими рӯзгор (оини меҳмоннавозӣ ва истеъмоли хӯрок), масъалаҳои иқтисодӣ (оини ҷамъ кардани мол,

нигоҳдории амонат, тиҷорат кардан), оини гармоба рафтан, истироҳат кардан ва амсоли он.

Дар рисолаи «Ахлоқи Носирӣ»-и Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Ҷалолиддини Давонӣ бошад, масъалаҳои занон ва одоби онҳо, оини сухангӯйӣ, хӯрокхӯрӣ ва амсоли он баррасӣ шудаанд. Мутафаккирон дар риояти ҳуқуқи падару модар низ ақидаҳои ҷолиб баён кардаанд.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Футувватномаи султонӣ»-и худ дар қатори масъалаҳои одоби муошират, дар бораи одоби зиёфат, ҳуқуқи мусулмонон ба якдигар, одоби касб ва хариду фурӯш, муносибат бо хизматгорон, баъзе қоидаҳои риояи реҷаи рӯз (авқоти макрӯҳ – вақте ки иҷрои ин ё он амал носавоб аст) ва ғайра бо истифода аз ашъор ва ҳикоёт ақидаҳои муҳимме баён кардааст.

Дар таърихи фарҳанги кишварҳои аврупоӣ дар асрҳои миёна ва нав дар таҳти таъсири фалсафаи Юнони Қадим масъалаҳои рӯзгордорӣ асосан дар доираи масъалаҳои иқтисодӣ, илми назарияи иқтисод ва амалияи он баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, дар доираи одоби муошират низ масъалаҳои зиёди рӯзгордорӣ, аз қабили оини меҳмоннавозӣ, гузаронидани тӯйи арӯсию ҷашнҳо ва амсоли он ҳалли худро ёфтаанд.

Бо такя ба беҳтарин анъанаҳои рӯзгордории Шарқу Ғарб дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ як илме бо номи «Хонадорӣ» («Домоводство») рушду нумӯ кард. Олимони ихисосманди педагогика, равоншиносӣ, кишоварзӣ, иқтисодиёт ва соҳаҳои дигар дар солҳои шастуми асри XX барои занҳои хонашини шӯравӣ ва завқмандони дигар китобе бо номи «Хонадорӣ» таҳия карда буданд, ки дар байни мардум хеле паҳн шуда буд. Дар он масъалаҳои зерин барои рӯзгордории оила баррасӣ ёфта буданд: гигиенаи манзил, тарзи нигоҳубини кӯдакон ва тарбияи фарзандон дар оила ва мактаб, ҳифзи саломатии аҳли хонадон, оини ороиши мизу дастархон, тарзи захира кардани мева ва сабзавот, асосҳои дӯзандагӣ, бофандагӣ, гулдӯзӣ, парвариши рустаниҳои хонагию полезӣ, нигоҳубини моли хонагӣ ва ғайра.

Дар даврони нав ҳам дар баъзе муассисаҳои таълимии кишварҳои собиқ Итттиҳоди Шӯравӣ фанни «Хонадорӣ» омӯзонида мешавад. Аз ҷумла, дар мактабҳои Федератсияи Русия барномаи таълимии ин фан барои синфҳои 4 -8 – ум аксарияти мавзӯъҳои дар боло зикршуда, ҳамчунин масъалаҳоро дар бораи тартиби ҷойгир кардани асбобу анҷоми хона ва мебел, усули ороиши тухфаҳо, ҷашнгирии идҳо ва ғайра фаро мегирад.

Дар умум метавон таъкид кард, ки илми рӯзгордорӣ ё тадбири манзил байни ҳама халқу миллатҳо дар ҳама давру замон ҷойгоҳи махсус доштааст. Аз ин рӯ, бо мақсади соҳиб шудан ба малакаву маҳорати рӯзгордорӣ ҳар як фардро зарур аст, ки анъанаҳои миллии худ ва беҳтарин дастовардҳои тамаддуни башариро дар бораи танзими ҳаёти оила ва рӯзгор бидонад ва дар амалияи зиндагии худ онҳоро татбиқ кунад. Ин амр барои рушди фарҳанги шахс, оила ва ҷомеа мусоидат мекунад.

## Маводди иловагӣ

### Порча аз «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ

Агар пурсанд, ки одоби маҷмӯи касбҳо алал иҷмол[1] чанд аст? Бигӯй: Ҳашт. Аввал, он ки касби худро аз моли ҳаром ва шубҳат пок дорад. Дувум, он ки касбро барои зарурат маош кунад, на барои ҷамъи мол. Севум, касбро сабаби рӯзӣ шиносад ва рӯзӣ аз Худои таоло донад, ки мусаббибуласбоб[2] аст. Чаҳорум, бо касе, ки моли ӯ ҳаром бошад, муомила накунад. Панҷум, дар ҳирфати[3] худ кори маъюб ва рӯйи кашида накунад ва аз ғилу ғаш дур дорад. Шашум, инсоф нигоҳ дорад ва касе, ки баҳои матоъ нашиносад, бар вай надавонад. Ҳафтум, агар аҳли тарозу бошад, кам надиҳад ва зиёда наситонад. Ҳаштум, агар аҳли зироъ[4] бошад, зиёда бар худ напаймояд ва кам бар дигарон, то баракат ва ҷамъият дошта бошад.

[1] Алал иҷмол – маҷмӯан, ҳамагӣ.

[2] Мусаббибуласбоб – сабабгори ҳамаи сабабҳои дигар.

[3] Ҳирфат - касб, ҳунар.

[4] Зироъ – зироаткорӣ.

## Савол ва супориш

1. Илми «Сиёсати манзил» дар Юнони Қадим минбаъд дар илми ҷаҳонӣ ба кадом таълимот табдил ёфт?

2. Дар Юнони Қадим ҳикмати амалӣ аз кадом қисматҳо иборат буд?

3. Арасту ба кадом масъалаҳои оила ва оиладорӣ аҳамияти бештар додааст?

4. Рисолаи «Тадбири манзил»-и Брусен кадом масъалаҳоро фаро мегирад?

5. Абӯнасри Форобӣ дар асараш «Фусул-ул-маданӣ» кадом масъалаҳои рӯзгордориро баррасӣ кардааст?

6. «Тадбири манзил»-и Ибни Сино кадом ақидаҳои мутафаккирро дар бар мегирад?

7. Баъзе ақидаҳои Унсурулмаолии Кайковусро дар «Қобуснома» оид ба рӯзгордорӣ номбар кунед.

8. Рисолаҳои Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва Ҷалолиддини Давонӣ ба кадом масъалаҳо бахшида шудаанд?

9. Дар китоби «Хонадорӣ» дар солҳои шастуми асри XX барои занҳои хонашин кадом масъалаҳои рӯзгор шарҳ ёфтаанд?

10. Порча аз «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифиро хонда, шарҳ диҳед.

## § 18 МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ВА ОМӮЗГОРОН ДАР ТАШАККУЛ ВА ТАРБИЯИ МАЛАКАИ РӮЗГОРДОРИИ ФАРЗАНДОН ВА ШОГИРДОН

Тарбияи ахлоқию маънавӣ ва рӯҳию равонии кӯдакон асосан ба оила, алалхусус, ба волидайн сахт марбут аст. Кӯдакону наврасонро бояд аз синну соли хурдӣ дар рӯҳияи ахлоқу одоби писандида, муносибату муошират, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллию умумибашарӣ тарбия намоем, то ин ки тавонем бунёди ахлоқиамонро тоҷикона парвариш дода, онҳоро дар ҳифзу беолоиш нигоҳдории кохи бегазанди фарҳанги ниёгонамон ҳидоят намоем.

**Эмомалӣ Раҳмон**



Илми оиладорӣ дар ибтидои ташаккули худ иқтисоди оила ном дошта, бештар масъалаҳои ҳаёти хоҷагии хонаводаро фаро мегирифт. Вале ин илм бо гузашти замон таҳаввулу такомул ёфта, тадриҷан баробари мавзӯъҳои моддиву иқтисодӣ паҳлуҳои дигари муҳимми оила, масъалаҳои маънавию ахлоқиро ба доираи таҳқиқи худ ворид кардааст. Раванди рушди тамадуни инсонӣ чунин аст, ки баробари масъалаҳои моддӣ, омилҳои маънавӣ бештар вусъат меёбанд, аз ҷумла омилҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ғайра. Сохтори оила низ инкишоф ёфта, мураккаб мешавад.

Оила низоми мураккабест, ки тамоми унсуру рукнҳои он бо ҳам мувофиқу созгорона бояд фаъолият кунанд. Чунин фаъолияти созу мақсаднокро маҳз сарвари оила, ки дорои қобилияту санъати идоракунист, таъмин карда метавонад. Роҳбарӣ, идоракунӣ, хусусан, сарварии оила, кори чандон саҳл нест. Идоракунии оила аз шахс сифату фазилатҳои махсус ва масъулияти баландро тақозо дорад. Сарварон дар оила вазифаҳои хеле муҳимро ба ҷо меоранд. Волидон оиларо аз ҷиҳати моддӣ таъмин месозанд, молу сарвати онро ҳифз ва афзун мекунанд, фарзандон ва аҳли хонаводаро таълим медиҳанд, тарбия мекунанд, аз риояи ҳаққу ҳуқуқи аҳли хонадон, аз вазъи рӯҳиву равонӣ, сиҳатии онҳо, аз кору болои бор, ниёзмандиҳои гуногунашон назорат мебаранд, каму кости рӯзгорро рафъ мекунанд, ба нафъи оила заҳмат мекашанд.

Тибқи таълимоти Ибни Сино доштани қобилияти идоракунӣ, ҳусни раёсату сиёсат барои ҳама, хосса, барои сар-

варони оила зарур аст. Бинобар ин онҳо бояд хирадманд, аз санъату илмҳои идоракунӣ, тарбия, рӯзгордорӣ, иқтисоду муҳосибот огоҳ бошанд. Волидон бояд инсонҳои оқилу комил буда, пайваста дар тарбия ва такмили сурату сирати худ шуғл варзанд.



Онҳо бояд аввалан худро шиносанд, аз қувваҳои ботинӣ огоҳ бошанд, нафси ғазабониву шаҳвониро ба қувваи ақлонӣ тобеъ созанд. Инсон агар худшинос ва худсоз бошад, худашро ислоҳ ва идора карда тавонад, пас вай қобил аст, ки аз уҳдаи идораи оила ҳам барояд ва ҳатто метавонад корхона, муассиса ва ё ташкилотеро роҳбарӣ кунад.

Кори тарбия хеле нозук ва мураккаб аст ва дар ин ҷабҳа намунаи ибрат будан аз омил ва шартҳои асосӣ ва муҳимтарини он ҳисоб мешавад. Бинобар ин сарвари оила на танҳо бояд оини рӯзгордорӣ ва илми тарбияро хуб донад, балки худаш аз ҳама ҷиҳат намунаи ибрат бошад. Пайваста маънавиёту ахлоқи худро такмил диҳад, дорои фазилатҳои хирадмандиву покӣ, далерӣ ва адлу инсоф, раҳму шафқат, одамгарӣ ва дигар сифатҳои воло бошад. Зеро аҳли оила, фарзандон аз хурдӣ ба падару модар дар ҳама кор, чӣ дар корбарӣ, чӣ дар одобу рафтор тақлид ва пайравӣ мекунанд. Аз ин рӯ, сирату сурат, маънавиёти сардори оила бояд зебо, гуфтору рафтораш, сарулибос, нишасту хез, муомилаву муошират, рӯзгордорӣ, салоҳияти касбӣ ва сифатҳои дигари он барои аҳли хонадон намунаи ибрат бошанд. Сарварони оила нақши мураббиро мебозанд. Чунонки муаллимон бо шогирдон тибқи талаботи илми педагогика кор мебаранд, волидон бо фарзандон на танҳо чун падару модар, балки ҳамчун устод низ бояд муносибат дошта бошанд.

Таҷрибаи ҳаёти иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки ба идоракунии хубу уҳдабароёна сатҳу сифати зиндагии аҳли хонадон, буҷети оила, таълиму тарбия ва рушди ҳамаҷонибаи хонадон вобаста аст. Сарвари оиларо зарур аст, ки аз рафти хонишу таълими фарзандон дар мактабу ҳунаристон, донишкадаву донишгоҳҳо, вазъи моддиву иқтисодӣ, муҳити ахлоқиву равонии онҳо, рӯҳия ва рафтори ҳар як узви он огоҳу бохабар бошад, набзи оиларо хуб эҳсос кунад. Сарвари оила бояд ба он мусоидат кунад, ки тамоми рукну унсурҳои хонадон бо ҳам мувофиқ ва созгорона фаъолият кунанд.

Сарвари оила бояд ба он эътибор диҳад, ки муомилаву муошарати аҳли байт солим бошад. Чун носозие дар байнашон рух диҳад, онҳоро ба муросо андозад, ё норасоие сар занад, ҳамоно ислоҳ кунад ва ғайра. Сарвари хонадон бояд роҳбари донову уҳдабаро бошад, аз ҳама ҷиҳат аҳли оиларо худсозӣ, худшиносию худогоҳӣ омӯзонад. Дар ҳама ҳолату вазъият одамгариро аз даст надиҳад, эътидоли рӯҳиву равониро нигоҳ дошта тавонад. Агар аз ҷониби ягон нафари аҳли оила хато, гуноҳе содир гардад, ба асабоният ё ғазаб роҳ надиҳад, ӯро таҳқиру таҳдид накарда, оромона бо далелу бурҳон хатоҳояшро фаҳмонад, насиҳат кунад, ба роҳи дуруст ҳидоят кунад. Бо аҳли хонадон бо назардошти синну солашон муносибат кунад. Фарзандон вақте ки ба камол мерасанд, бо онҳо на танҳо ҳамчун бо фарзанд, инчунин, ҳамчун бо хоҳару додар, рафиқу дӯст мебояд муносибат кард.

Дар оила муҳити рӯҳиву равонӣ ва маънавӣ бояд солим бошад. Ин вазъият бештар аз муошират, муомилаи байни волидон вобаста аст. Муошарати байни падару модар, бобову модаркалон, калонсолон дар оила бояд тибқи ахлоқи ҳамида ва услубу одоби писандида бошад. Ибни Сино дар рисолаи «Тадбири манзил» оид ба мақоми сарварони оила, зану шавҳар ақидаҳои пурқимат баён кардааст. Ӯ роҷеъ ба мақоми баланди зан дар оила менависад: «Зани шоиста ва некӯ шарики мард аст дар мулкаш ва қайими ӯст дар молаш ва ҷонишини вай аст дар хонааш ва амини вай аст дар пар-

варишу тарбияи фарзандаш». Ибни Сино ҳабдаҳ фазилати беҳтарини занҳо, аз ҷумла, хирадмандӣ, покдилӣ, тамкин, хоксориву фурӯтанӣ, виқор, итоаткорӣ, сарфаҷӯӣ, ботадбирӣ, хушзабонӣ ва ғайраро зикр кардааст.

Шайхурраис оид ба симои маънавии сарвари оила – мард таваққуф карда, дар назди ӯ якчанд вазифа ва шарту усулҳои муҳимми маънавиро гузоштааст. Шарти аввал ин аст, ки сардор – мард дар оила бояд сиёсат, обрӯю эътибор дошта бошад. Барои ин вай ҳамеша ҳурмату эҳтироми худро нигоҳ дорад. Дувум, ин аст, ки он чӣ мегӯяд, онро ба ҷо орад, рафтораш ба гуфтораш мувофиқ бошад, ҳаргиз ба ваъдахилофӣ роҳ надиҳад ва ғайра. Мард вазифадор аст, ки бо ҳамсараш бо шоистагӣ муомила кунад, ҳурмату эҳтиром кунад, барои ӯ шароиту вазъияти хубро дар хона муҳайё созад. Зан дар навбати худ инро дидаву эҳсос карда, барои аз даст надодани ин муомилаи хуб ба ҳамон андоза ва аз он бештар нисбат ба шавҳар эҳтиром варзад, барои беҳбудии рӯзгор ҳамеша сидқан кӯшишу меҳнат кунад.

Волидон оиларо бояд якҷоя, бо маслиҳату машварат идора кунанд. Фарзандонро дар рӯҳияи одамияту инсондӯстӣ, эҳтироми калонсолон тарбия кунанд. Дар тарбия якдилу якҷиҳату яксон бошанд.

Муносибати байни зану шавҳар барои аҳли хонадон бояд ибратомӯз бошад. Онҳо ҳамеша ба якдигар таваҷҷуҳ дошта бошанд, аз дарду ғами якдигар огоҳ ва бо ҳам самимӣ муносибат кунанд. Волидон ҳар қадар ба ҳам ғамхорию меҳрубонӣ кунанд, ҳамон андоза файзу нусрати оила ва баракати умр афзун мешавад.

Сарварон баробари ҳифзи муносибату муоширати солим дар байни аҳли хонадон ба рафтуомад бо хешу ақрабо, таваҷҷуҳ ва дастгирии онҳо низ бояд эътибор диҳанд.

Волидонро зарур аст, ки бо мактабу таълимгоҳҳо робитаи доимӣ дошта, аз раванди хонишу тарбия ва услубу одоби фарзандон огоҳ бошанд.

Ҳамин тавр, таҷрибаи ҳаёти иҷтимоӣ, зиндагии якҷо-

яи одамон дар оила бо гузашти замон таҳаввулу такомул меёбад. Баробари афзун шудани эҳтиёҷҳои гуногун ниёзмандии оила ба роҳбарии оқилонаву моҳирона бештар мешавад. Роҳбари оила дар баробари он, ки касбу кори хуб дорад, оиларо аз ҷиҳати моддӣ мувофиқи талабот таъмин месозад, ҳамчунин, бояд хонаводаро ба таври шоиста идора карда тавонад. Ин вазифаи ниҳоят масъул, барои волидон воҷибу зарур аст. Ҳар як фард, ки қобилияти идоракунӣ, мудаббирӣ дорад, онро бояд такмил диҳад, аз илм ва санъати идоракунӣ огоҳ бошад, аз оилаҳои намунавӣ ибрат гирад.

Таҷрибаи рӯзгор нишон медиҳад, ки сарвари оила ҳамон вақт дар фаъолияти худ ба пирӯзӣ муваффақ мешавад ва ба саодати оилавӣ барояш муяссар мешавад, ки агар баробари мудаббирӣ, доноиву тавоноӣ, ахлоқи ҳамида дошта бошад. Доштани фазилатҳои волои маънавӣ, ба монанди хирадмандиву ҳикмат, ҳалолкориву иффат, далериву шуҷоат, инсофу адолат ба ӯ зарур аст. Сардори оила маҳз бо симои маънавии зебои худ ба оила намунаи ибрат шуда метавонад, ки ин дар навбати худ, дар таълиму тарбияи фарзандон ва аҳли хонадон нақши ҳалкунанда дорад.

Сарварони хонадон, ҳамчунин, бояд ҷидду ҷаҳд кунанд, ки фарзандон баробари омӯхтани илм ва касбу корҳои замонавӣ соҳиби сифатҳои неки инсонӣ – раҳму шафқат, меҳанпарварӣ, инсондӯстиву одамгарӣ, меҳнатқаринӣ, одоби муоширати ва рӯзгордории писандида бошанд. Ва ниҳоят, мисли падару модарон, бобову модаркалони худ фарзандон бояд донандаи хуби одоби рӯзгордорӣ бошанд ва зиндагии шоиставу фаровон ва оилаи намунавиро ташкил карда тавонанд.

Дар баробари тарбияи малакаи рӯзгордории фарзандон дар оила ин амал дар муассисаҳои томактабӣ, мактаб ва муассисаҳои таълимии дигар низ бояд сурат гирад. Омӯзгорон ҳам бояд барои шогирдон дар рӯзгордорӣ намунаи ибрат ва дар тарбияи онҳо масъул бошанд. Хусусан, мураббиён, омӯзгорони таълими меҳнат, технология, роҳбарони синфҳо ва

сарпарастони гурӯҳҳо, роҳбарони муассисаҳои таълимию тарбиявӣ бояд қоидаҳои танзими рӯзгор ва масъалаҳои оиладориро ба шогирдон пайваста омӯзонанд. Фаъолияти якҷояи оила ва мактаб дар кори тарбияи рӯзгордории фарзандону шогирдон ҳамеша самараи бештар ба бор меоварад.

## Маводди иловагӣ

**1) Иқтибос аз рисолаи «Тадбири манзил»-и Ибни Сино**

Арбоби манозил[1] ва сарони хонаводаҳо, ки калону фарзандони онон дар таҳти назару тадбирашон идора мешаванд, бояд дар умури худ дорои ҳусни тадбир бошанд.

Ҳусни тадбир дар умур барои ҳама лозиму зарур … Иллат ин, ки ин вазифа ба ҳама кас мутаваҷҷеҳ аст, ин аст, ҳама кас нисбат ба касоне, ки дар таҳти назару тадбири ӯ зиндагонӣ мекунанд, ҳукумату сиёсате дорад. Ҳақиртарин ва кӯчактарин мардум ба сиёсати хуб ва тадбири некӯ ва тафаккури зиёд ва таъдибу таъдил[2] ва ба роҳи рост даровардану аз роҳи нодуруст боздоштан ва билҷумла, ба ҳамаи он чӣ ки шаҳриёр эҳтиёҷ дорад, муҳтоҷу ниёзманд аст.

**2) Иқтибос аз «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ**

Мудаббири манзил, ки ба манзалати табиб бувад аз ваҷҳе ва ба манзалати як узв, ки шарифтар бувад аз аъзо ба эътиборе, бояд ки бар табиату хосияту феъли ҳар шахсе аз ашхоси аҳли манзил воқиф бувад ва бар эътидоле, ки аз таълифи он афъол ҳосил ояд, воқиф, то эшонро ба камоле, ки муқтазии низоми манзил бувад, бирасонад ва агар маразе[3] ҳодис шавад, онро зоил кунад.

## Савол ва супориш

1.Чаро оила ниёзманди идоракунӣ аст?

2.Сарварони оила кадом вазифаҳоро иҷро мекунанд?

---

[1] Арбоби манозил – соҳибони хонаҳо.

[2] Таъдибу таъдил – адаб омӯхтан ва ба эътидол овардан.

[3] Мараз – беморӣ.

3.Ибни Сино дар бораи мақоми зан дар оила чӣ гуфтааст?

4.Мард чӣ гуна фазилатҳоро бояд дар идоракунии хонадон доро бошад?

5.Намунаи ибрат будан дар кори идоракунӣ ва тарбияи аҳли оила чӣ аҳамият дорад?

6.Муносибату муоширати байни сарварону калонсолони оила чӣ гуна бояд бошад?

7. Иқтибосҳо аз рисолаҳои Ибни Сино ва Насируддини Тӯсиро хонда, шарҳ диҳед.

## § 19 ОДОБИ РӮЗГОРДОРИИ ДУХТАРОН

Дар ҳаёти иҷтимоӣ қонуни тақсимоти меҳнат амал мекунад, ки тибқи он ҳар як фарди ҷомеа вазифаҳои ба худ хосро анҷом медиҳад. Дар оила ҳар яке аз аҳли он хусусиятҳои инфиродӣ, фарқиятҳои ҷинсӣ, мақому вазифаҳои гуногун дошта, яке модару дигаре падар, яке писару дигаре духтар, яке пир, дигаре барно мебошанд. Онҳо табъу сиришт, майлу рағбат ва қобилияту хислатҳои гуногун доранд. Табиат барои марду зан, духтару писар сиришту қобилиятҳои нотакрори фитриро ато кардааст, ки ҳар яке мувофиқи он нақшу вазифаҳои махсуси иҷтимоиро иҷро мекунанд. Онҳо яке ҷойи дигареро ишғол карда, ё кору борашонро пурра бар дӯш гирифта наметавонанд. Чунончи, меҳру муҳаббати бузурги модарро нисбат ба фарзандон касе иваз карда, ё рӯзгордории модарро шахси дигар ба андозаи вай анҷом дода наметавонад. Ё худ, он кору хидмати духтаронро,





ки дар паҳлуи волидон истода, дар нигоҳубини хонавода, оростану пиростани он содир мекунанд, писарон дар иҷрои он оҷизанд.

Рӯзгордорӣ на танҳо илм, инчунин, санъат низ мебошад. Ҳар кас аз уҳдаи рӯзгордории шоиста баромада наметавонад. Барои ин ҳам илми оиладорӣ, ҳам таҷрибаи рӯзгордориро бояд донист. Илова бар ин, ҳанӯз аз хурдӣ ва давраи мактабхонӣ аз волидон сабақи амалии кадхудоиро омӯхта, таҷриба ва малакаҳои рӯзгордориро касб бояд кард. Бинобар ин волидон тибқи қонунҳои иҷтимоӣ ва суннатҳои миллӣ фарзандонро аз хурдсолӣ бо назардошти ҷинсу табиаташон тарбия мекунанд. Одатан падарон бештар ба писарон, модарон бошанд, бештар ба духтарон баробари касбу ҳунарҳои гуногун, рафтору муошírати писандида, одоби оиладориву рӯзгордориро меомӯзонанд.

Тибқи суннатҳои миллиамон дар оила муносибату таваҷҷуҳ нисбат ба духтарон махсус аст. Духтаронро аз беҳтарин фарзандон медонанд, зеро ки онҳо афроди латиф, унспазир, мубораку раҳматбахшанд. Духтаронро таҷассуми меҳру шафқат, ҳусну малоҳат ва писаронро кафолати неъмату сарват шуморидаанд. Волидон нисбат ба духтарон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, ба таълиму тарбия ва парвариши онҳо пайваста эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Ба онҳо бештар меҳру муҳаббат варзида, эҳтиёту гиромӣ медоранд. Чунин муносибати хирадмандона ҳикмати бузурги ҳаётӣ дорад. Зеро онҳо ғайр аз он ки дорои маълумот, касбу кор, муаллима, олим, ходими давлатӣ ва ҷамъиятӣ, соҳибкор, сарвари муассисаву ташкилот мегарданд, дар оянда модар, соҳиби хонаву дар, шавҳару фарзанд хоҳанд шуд. Бори гарони оила, рӯзгордорӣ бар дӯши онҳо меафтад. Бинобар ин, ҷисму ҷон ва рӯҳу равони духтарон бояд солим ва рафтору ахлоқашон ҳамида бошад, одоби муошírати писандида ва донишу малакаҳои хуби рӯзгордорӣ дошта бошанд.

Волидон, хосса, модарон, аз давраи хурдсолии духтарон бо онҳо тибқи табиату сириштaшон муносибат меку-

нанд. Дар онҳо сифатҳои шарму ҳаё, лутфу марҳамат, меҳру шафқат, озодагӣ, покдоманиву вафодорӣ, хоксориву хирадмандӣ, сабру таҳаммул, зебоиписандӣ ва дигар фазилатҳои волои маънавиро мепарваранд. Қоидаҳои одоби муоширатро дар манзил, дар ҳар як макону замон, қоидаҳои қабулу гусели меҳмон, муомиларо бо наздикону бегонагон таълим медиҳанд. Баробари ин, духтарон аз модарон ҳикмати манзил, услубу одоби рӯзгордорӣ, сарфаву сариштакорӣ, хӯрокпазӣ, тарзи консервкунӣ, дӯхтан, кешбофӣ, истифодаи мошини дарздӯзӣ, рӯфтан, обзанӣ, шустушӯйи либос ва косаву табақ, ҷо ба ҷо мондани асбоби рӯзгор, оростани дастурхон, ороиши манзилу макон, парваришу нигоҳубини кӯдак ва ғайраро меомӯзанд.

Духтар ҳангоми хӯрокпазии модар дар паҳлуяш истода, тарзи пухтани хӯрокҳоро аз худ мекунад. Баробари хӯрокҳои миллӣ – оши палав, шӯрбо, мастоба, ширбиринҷ, ширшавла, шавламошак, мошубиринҷ, угро, тушбера, манту, дамлама, қурутоб пухтани хӯрокҳои халқу миллатҳои дигарро ба монанди гуляш, бифстроган, бифштекс, котлет ва монанди инҳо ва тайёр кардани салату хӯришҳои гуногун, мураббо ва ғайраро ёд мегирад.

Духтар дар пухтупази модар ширкат варзида, тадриҷан ин санъатро аз худ мекунад ва минбаъд худаш мустақилона онро мепазад. Ҳангоми хӯрокпазӣ тибқи суннатҳои миллӣ аз назди дег дур намеравад. Хӯрокро дар оташ, ҳарорати муътадил, на пасту на баланд, мепазад. Дар ин ҳолат хӯрок лазиз мегардад ва унсурҳои муфиди маҳсулоти он вайрон намешаванд.

Духтари хона одатан нисбат ба падару модар ва аҳли манзил меҳрубону ғамхор аст. Чун волидон ё бобову модаркалон аз кор ба хона меоянд, ба онҳо таваҷҷуҳ карда, бо чеҳраи кушоду шукуфон истиқбол мегирад. Аз дасти онҳо борхалтаро гирифта, барои кашидани либос ёрӣ медиҳад, ба наздашон чой меорад, барои истироҳату фароғаташон хидмат мекунад.

Духтар одоби ҷомашӯиро риоя мекунад. Аввал чизҳои сафед, сипас либосҳои сиёҳтобро мешӯяд. Либосҳои боло, поён ва дастархону дастпоккунҳои равғанинро алоҳида мешӯяд. Ҷомашӯиро чанд маротиба бо собун ва чанд маротиба бо оби тоза анҷом медиҳад. Баъди хушк кардан онҳоро дарзмол мекунад. Тугма ё чоки либос канда шуда бошад, дӯхта мемонад.

Духтар якҷоя бо аҳли байт дар муддатҳои муайян хонаро ҳамаҷониба тоза мекунад. Одоби ҷорӯбзаниро медонад. Ҳангоми рӯфтан ҷорӯбро ба ҷониби касе ҳаракат намедиҳад, чангу ғуборро баланд намебардорад. Ҷорӯбро рост намегузорад, балки хобонда мемонад. Қоидаҳои истифодаи чангкашакро хуб медонад, онро дар тоза кардани даруни хона истифода мебарад. Дар фаслу ҳавои мусоид кӯрпаву болиштҳоро офтоб медиҳад. Ҳавои хонаро ҳар рӯз, саҳаргоҳон, пешин ва бегоҳ тоза мекунад.

Духтари хонадон баъд аз хӯроки пешину шом чойнику пиёла, косаву қошуқ ва дегу табақро бо оби гарму моеъҳои махсус шуста ва хушк карда, саранҷом мекунад. Ҳамчунин, аз рӯйи одат баъди истифодаи ҳар як асбобу анҷоми рӯзгор онҳоро тозаву покиза карда, ба ҷояш мегузорад. Дар ҳавливу хона ба бесариву бенизомӣ роҳ намедиҳад. Чун бенизомӣ ё ифлосиро бинад, ҳамоно онҳоро бартараф месозад, зеро тозагӣ гарави саломатӣ ва тартибу низом, шарту омили зебоӣ аст.

Духтар аз рӯйи реҷа саҳар барвақт хеста, дасту рӯяшро мешӯяд. Дару тирезаҳоро кушода, ҳавои хонаро тоза мекунад. Аввал дари кӯчаро кушода монда, назди ҳавлиро аз ҷониби кӯча об зада, мерӯбад.

Пеш аз рӯфтани рӯйи ҳавлӣ дару тирезаҳои хонаро мебандад, зеро дар ин муддат ҳавои хона тоза мешавад. Сипас ба даруни хона даромада, ҷойгаҳ ва хонаро ғундошта ба тартиб медарорад. Барои тайёр кардани дастархони наҳорӣ хӯрданиҳоро омода мекунад. Баъди наҳорӣ волидайн ба кор ва худаш ба мактаб меравад. Пеш аз он ки аз хона бароянд,

ба сарулибоси падару модар ё наздикон назар андохта, агар камбуде ба назар расад, баислоҳаш ёрӣ медиҳад. Чизҳои заруриро, ки онҳо бояд ҳамроҳашон гиранд, хотиррасон мекунад, ба онҳо барори кор мехоҳад.

Баъд аз мактаб ба хона омада, хӯрок хӯрда, каме истироҳат мекунад. Сипас, дарсу вазифаҳои хонагиро иҷро мекунад. То аз кор омадани модараш маводду маҳсулоти лозимаро барои пухтани хӯроки бегоҳӣ омода месозад. Ҳамроҳи модараш хӯроки бегоҳиро мепазад. Баъд аз хӯрдани хӯрок ва пеш аз ғундоштани дастархон масъала ва мавзӯъҳоеро, ки ба оила ва ҳар як аъзои он вобаста аст, якҷоя муҳокима мекунад. Сипас дегу табақҳоро шуста, ошхонаро ба тартиб меорад. Вазифаҳо ва баъзе масъалаҳоро, ки худ мустақил иҷро карда натавонад, ҳамроҳи волидон ҳал мекунад.

Духтари хона бо аҳли оила баъзе намоишҳои писандидаро аз тариқи оинаи нилгун тамошо мекунад. Бегоҳ, пеш аз хоб рафтан, ҳавои хонаро тоза мекунад ва худ бо аҳли хонадон дар ҷойҳои муқарраршуда сайру гашт мекунад. Бори дигар лавозимот ва сарулибоси мактабиашро аз назар гузаронида, ба рӯзи дигар омодагӣ  мебинад, то ки чизеро аз хотир набарорад ва саросема шуда ба мактаб дер намонад.

Духтарон дар баробари ин ҳама вазифаву корҳои рӯзгордорӣ бояд пайваста ба варзиш, тарбияи ҷисмонӣ шуғл варзанд, аз ҷумла, аз санъати ҳарбу зарб огоҳ бошанд, то ки худрову наздиконашонро дар ҳолатҳои зарурӣ ҳимоя карда тавонанд.

Дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, ки «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад». Сиёсати давлати Тоҷикистон барои воқеан амалӣ гардонидани ин муқаррарот, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва хусусан, занон равона карда шудааст. Амру фармонҳои Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба баланд бардоштани мавқеи занҳо дар низоми иҷтимоиву сиёсии ҷомеа яке аз ифодагари баръалои ин сиёсат мебошад.

Имрӯз дар ҷумҳурии мо мавқеи занҳо дар низоми иҷтимоиву сиёсии ҷомеа тадриҷан боло меравад. Нишондиҳандаҳои оморӣ ва тадқиқоти мушаххаси иҷтимоӣ собит мекунанд, ки аксарияти занон аъзои фаъоли низоми иҷтимоиву сиёсӣ буда, дар ҳалли масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа ширкати фаъол доранд.

Таҷрибаи тамаддуни инсонӣ собит мекунад, ки мақоми зан дар ҷомеа ва оила ниҳоят баланду бузург аст. Зан, аввалан, модар, офарандаву бахшандаи ҳаёт, нигаҳдорандаи нуру сафо, гармиву оташи хонадон аст. Бинобар ин дар тамаддуни тоҷикон ба тарбияи духтарон аҳамияти зарурӣ медиҳанд.

Ҳар як ҷавондухтар аз хурдӣ ва давраи мактабӣ аз масъулияту вазифаҳое, ки ба дӯши вай аст ва нақши иҷтимоие, ки дар оилаву ҷомеа мебозад, бояд хуб огоҳ бошад. Дар мактаб илми рӯзгордорӣ, тадбири манзилро аз муаллим, дар хона бошад, амалияву таҷрибаи рӯзгордориро бояд аз падару модар омӯзад.

## Маводди иловагӣ

**1) Иқтибос аз «Футувватнома»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ**

Аввал он ки даст бишӯяд пеш аз ҳама кор. Дувум, номи Худо барад дар ибтидои амал. Севум, ҳар чӣ даст бад-он мекунад, аз адоти (асбоби) табх ҳамаро бишӯяд.

Аввал, матбахро (ошхонаро) аз хоку хошок пок дорад. Дувум, аз сари дегу коса ҷойи дигар наравад. Севум, дар вақте ки хамир мегирад ё сар назди дег мебарад, чизе бар бинӣ бандад. Чаҳорум, оби даҳон дар матбах наандозад. Панҷум, дегро кушода нагзорад.

Агар пурсанд, ки одоби шустани ҷома чанд аст, бигӯй, ҳафт: Аввал, ҷомаро пок бишӯяд. Дувум, бар сари даст шӯяд, то халал бад-он нарасад. Севум, ҷомаи ғолибон (бузургон)-ро муқаддам донад. Чаҳорум, дар ҷойи пок андозад, то хушк гардад, таҳ карда, бо адот пеши соҳибаш расонад.

Шашум, дар молидани собун ифрот[1] накунад, ки бефоида бошад. Ҳафтум, агар ҷомаи фақире дарида бошад, баъди шустан бидӯзад.

**2) Иқтибос аз «Одоби муошират»-и О.К. Кременсова**

Хонаи мо – симои мо, олами мо, завқи мост. Барои оро-иши хона дар Тоҷикистон истифодаи васеи санъати амалии халқӣ хос аст: рӯйҷойҳои деворӣ – сӯзанӣ ва зардевор, пардаҳои рӯйдӯзӣ дар тирезаҳо, асбобҳои чинӣ ва гилӣ, коса, хум, пиёла, офтоба, кӯза, дастшӯяк. Онҳо бо оростагӣ, рангорангӣ фарқ мекунанд, ки дар худ сабзию хуррамии кӯҳу сабзазорҳо, сурхии хашхошу[2] лолаҳо, сафедии қуллаҳои барфпӯш ва пахтазорҳо, кабудию нилгунии осмонро таҷассум мекунанд. Онҳо ҷузъи зинати хонаанд, бинобар ин ба ранг, ҳамоҳангию мутобиқат бо ранги девор, фарш, ҷиҳоз, ороишҳои дигар бояд эътибор дод.

Хона барои зиндагӣ бояд васеъ ва озода бошад, аз ин рӯ, бо чизҳои бекора пур кардан ва ба тамошохонаи ашё - қолин, булӯр ва ороишоти нодаркор табдил додани он нашояд.

## Савол ва супориш

1.Духтарон дар хона аз пагоҳ то шом кадом корҳоро анҷом медиҳанд?

2.Ба одоби рӯзгордории духтарон чиҳо дохил мешаванд?

3.Кадом қоидаҳои хӯрокпазӣ ва ҷомашӯиро медонед?

4.Духтарон волидонро ба кор чӣ гуна гусел мекунанд?

5.Кадом духтар метавонад аз уҳдаи рӯзгордории шоиста барояд?

6. Иқтибосҳо аз «Футувватнома»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва «Одоби муошират»-и О.К. Кременсоваро хонда, мухтасаран шарҳ диҳед.

[1] Ифрот- аз ҳад гузарондан

[2] Хашхош-кӯкнор

## § 20 ОДОБИ РӮЗГОРДОРИИ ПИСАРОН



Фарҳанги рӯзгордории тоҷикон анъанаҳои хеле бой дорад. Аз қадимулайём дар оила ба тарбияву ташаккули одоби рӯзгордории фарзандон, аз ҷумла, писарон диққати хосса дода мешуд. Ҳанӯз дар китоби «Авасто» хусусиятҳои махсуси одоби зист ва рӯзгордории ҷавонписарон акс ёфтааст. Ҳангоме, ки ҷавонон ба камол мерасиданд, ба ин муносибат маросими махсус баргузор мешуд. Дар он пирони кор ва мардони хирад ширкат меварзиданд ва ба ҷавонписарон пироҳани муқаддас пӯшонида, камарбанд мебастанд. Баъд аз ин ҷавонон ҳуқуқҳои муайяни иҷтимоӣ, аз ҷумла, ташкили оиларо пайдо мекарданд, ба дӯши онҳо дигар вазифа ва масъулиятҳои ҷамъиятӣ гузошта мешуданд. Ин тадбирҳои ҳаётӣ ва ҳакимона бо тақозои таҷрибаи иҷтимоӣ андешида ва истифода мешуданд. Зеро ҷавонписар дар оянда бояд ҳимоятгари Ватан, марди хирадманд, сарвару сарпаноҳи оила шавад.



Таҷрибаи тамаддуни инсонӣ нишон медиҳад, ки мақоми ҳам зан ва ҳам мард дар оила бағоят бузург аст. Онҳо шоҳсутунҳои оила мебошанд. Муҳаммад Иқбол фармудааст:

**Марду зан вобастаи якдигаранд,**
**Коиноти шавқро суратгаранд.**

Модар, агар бахшандаи ҳаёт, нигаҳбони оташи хонадон бошад, падар раззоқ, раҳнамову ҳимоятгари оила аст. Падар ҳамеша барои бақову пойдорӣ, равнақу ривоҷ,

беҳбудиву ободӣ, таъмину баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, сиҳатмандиву саодатмандии ҳар як аъзои хонадон ҷаҳду ҷадал ва ҷонфидоӣ мекунад.Тибқи суннатҳои миллӣ ва ҳамчунин Конститутсияи Тоҷикистон ҳифзи манфиату шарафи кишвар, оила ва хидмат ба онҳо барои ҳар як мард, ҷавонписар қарзи фарзандӣ, вазифаи муқаддаму муқаддас маҳсуб меёбад.

Ватан-модар мафҳуми аз ҳама азизу муътабар аст. Кишвар, Ватан на танҳо макону замин, табиати зебо, кӯҳу дарёву чашмасорон, фарҳангу забон, таърихи гузаштаву имрӯза, ҳаммиллатон ва кулли халқиятҳои маскун, балки волидон, аҳли хонадон, наздикон ва хешу ақрабо мебошанд, ки ҳар як шаҳрванд, хосса мард, ҷавонписар, пеш аз ҳама, дар ғами ҳифзу хидмати онҳо бояд қарор дошта бошад.

Ҳар як ҷавонписар бояд аз падарон, мардони шуҷоатманд, қаҳрамонҳои миллат дарси ҷавонмардӣ, хидмат ба Ватан ва оиларо омӯзад. Ин сабақомӯзӣ маҳз аз овони хурдӣ дар оила оғоз шуда, минбаъд ривоҷ меёбад.

Муаллифи «Қобуснома» Унсурулмаолии Кайковус дар ин асар роҷеъ ба он, ки падараш ӯро чӣ гуна тарбия карда, ҳунарҳои гуногунро таълим додааст, маълумоти хеле ибратомӯз меоварад. Муаллиф нақл мекунад, ки падараш ба ӯ аз хурдсолӣ хату савод, ҳунарҳои гуногун, аз ҷумла, аспсаворӣ, санъати ҳарбу зарб, найзазанӣ ва шиновариро меомӯзад. Бо гузашти айём, ҳангоме ки вай ба ҳаҷ бо роҳи баҳр меравад, киштиашон ба гирдоб дучор меояд. Аз бисту панҷ нафар киштинишастагон танҳо се нафар, яъне Кайковусу ғуломаш ва як мӯйсафед ба шарофати донистани санъати шиноварӣ аз марг наҷот меёбанд. Аз ин рӯ, Кайковус дар насиҳатномаи худ навиштааст, ки аз фазлу ҳунар фарзандро биёмӯзӣ, зеро ҳар ҳунареву фазле рӯзе ба кор ояд.

Писарон баробари аз падарашон омӯхтани ахлоқи ҳамида, адлу инсоф, далериву шуҷоат ва касбу ҳунарҳои гуногун, қоидаву таомули рӯзгордориро низ аз бар мекунанд. Одатан, ҷавонписар дар хона бештар корҳои ҷисмониро

ичро мекунад. Корҳои таъмиру сохтмони ҳавлӣ, боғдорӣ, нигоҳубини чорвои хона, овардани сӯзишворӣ, кашонидани об, бардоштани борҳои гуногун , берун кардани партов ва ғайраро писарон бар уҳда доранд.

Ҷавонписар ба андозае аз уҳдаи таъмири дучарха (велосипед), асбобҳои одии барқӣ, васлак, розетка, вилка, баъзе таҷҳизоти техникии хона, телевизор ва ғайра бояд барояд. Ҳамчунин, бояд истифодаи компютер ва дигар таҷҳизоти нави техникиро донад. Ҳар як ҷавонписар вазифадор аст, ки бо асбобҳои гуногун, аз ҷумла, белу каланд, арраву теша, анбӯру мурваттоб (отвёртка), васоити оташнишонӣ кор карда тавонад. Ғайр аз ин, вай бояд асбобу анҷомҳои мавсуфро эҳтиёт карда, онҳоро дар як ҷойи муайян нигоҳ дорад, то ки дар вақти зарурӣ онҳоро ба тезӣ ёфта, истифода барад.

Писар саҳар аз хоб хеста, ҳавои хонаро тоза мекунад. Гимнастика, варзиши сабук мекунад. Агар дар ҳавлӣ чорво, парандагон ва ҳайвоноти хонагӣ бошанд, нигоҳубин мекунад. Сабзаву дарахтонро вобаста ба мавсими сол мепарварад. Замини назди ҳавлиро шудгор мекунад. Баҳорон, хусусан дар тобистон, ки замини обчакорӣ, ниҳоли гулҳо, дарахтонро, ки обталаб мешаванд, саҳар ё бегоҳ обёрӣ мекунад.

Ба модар, агар нон пухтанӣ бошад, барои кашонидани ҳезум ва алав мондан дар танӯр кумак мекунад. Писар дар рӯбучини хонаву ҳавлӣ ва омода кардани наҳорӣ ба духтарони хона мадад мерасонад. Баъди бозгашт аз мактаб дар хона барои пухтани хӯроки пешин ёрӣ медиҳад. Сипас, фурсате истироҳат карда, ба хондани китоб, иҷрои вазифаҳои хонагӣ шуғл меварзад. Ҳатман, агар ягон асбоби барқӣ ё техникӣ вайрон шуда бошад, онро таъмир месозад ё дар мавсими кишти ин ё он тухмӣ иштирок мекунад. Азбаски вақт бисёр қимат аст, пайваста амал карда, фурсатро ҳаргиз беҳуда намегузаронад. Рӯз ва соатҳои муайян дар маҳфилҳои ин ё он намуди варзиш ва ҳунаромӯзӣ ширкат меварзад.

Писари хона бегоҳ ба чорво, парандагон, ҳайвоноти

хонагӣ ғизо медиҳад. Барои омода кардани хӯроки шом ба волидон мадад мерасонад. Баъди хӯрок дар шустани косаву табақ ёрӣ медиҳад. Дар гирди дастархон баъди тановул натиҷаи рӯз, кору хонишро якҷоя муҳокима карда, супоришу вазифаҳои рӯзи ояндаашро муайян мекунад. Сарулибосро дарзмол, пойафзорро тоза карда, китобу дафтар, қалам ва кулли лавозимоти мактабро барои пагоҳ омода карда мемонад. Баъди сайругашти, пеш аз хоб гирду атрофи хонаро аз назар мегузаронад, дари кӯчаро қулф мекунад. Оинаи нилгун, гармкунаки барқӣ, компютер ва дигар таҷҳизоти техникиро аз манбаи барқ ҷудо менамояд.

Ҳар як ҷавонписар ғайр аз он вазифаҳое, ки бевосита бар уҳдаи вай ҳастанд, корҳои дигари хоҷагидориро дар хона бояд иҷро карда тавонад. Ҳамроҳи волидон ё худаш аз бозору мағоза маводди рӯзгорро харида оварад. Тибқи суннатҳои миллиамон ҷавонписар, ки барояш донистани чил ҳунар кам аст, одоби ҷомашӯйӣ, хӯрокпазӣ, хонарӯбӣ, обпошӣ, дарбеҳкунӣ, шартҳои хариду фурӯшро низ бояд донад. Зеро ҳаёт мушкилӣ ва пастиву баландиҳо дорад. Ҳангоме ки падар дар сафари хидматӣ ё модар бемор ё дигар аъзои оила дар хона ҳузур надоранд ё ки ба тақозои зиндагӣ ба ягон шаҳру кишвари дигар сафар кардаанд, ғайр аз касбу пешаи асосиаш ҳунарҳои хӯрокпазӣ, ҷомашӯйӣ, дарзмолу дарбеҳкунӣ барои писар ба кор меоянд.

Ҳар як ҷавонписар баробари боадабу боақл, нотарсу далер, донандаи қоидаҳои рӯзгордорӣ будан, бояд пайваста ба варзиш шуғл варзида, танашро обутоб диҳад, санъати гӯштингирӣ, ҳарбу зарб ва навъҳои дигари варзишро донад, то ки ҳангоми зарурат худ, волидон, хоҳарону наздикон ва хурдсолонро ҳимоя карда тавонад.

Бояд донист, ки вазифа ва тақсимоти меҳнат дар оила хусусияти шартӣ дорад. Писарон ғайр аз риояи одоби рӯзгордорие, ки бар уҳдаи онҳост, дар иҷрои вазифаҳое, ки духтарон анҷом медиҳанд, бояд ширкат варзанд. Дар Конститусияи Тоҷикистон зикр шудааст: «Мардон ва занон баробарҳуқуқанд». Бинобар ин, чӣ писарон ва чӣ духтарон

набояд танҳо бо шарту вазифаҳои рӯзгордории писарона ё духтарона маҳдуд шуда, ба таассуб роҳ диҳанд. Онҳо вобаста ба шароит ва зарурати пешомада амал карда, бояд хидмати волидон ва аҳли хонадонро башоистагӣ ба ҷо оранд ва таҷрибаи хуби рӯзгордориро аз худ кунанд.

Дар ҳаёти оилавӣ фарзандон ба волидон дастёру мададгор, дар рӯзгордорӣ ёрирасон буда, баробари ин чашми кору таомули кадхудоиву зиндагиро аз худ мекунанд. Онҳо барои дар оянда ташкил кардани манзил ва оиладорӣ, барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ, бурдани ҳаёти мустақилона тайёр мешаванд. Ҳар қадар маърифатнокӣ баланд, хусусан, дониши илми рӯзгордорию тадбири манзил мукаммал ва таҷрибаи рӯзгордорӣ нағз аз худ шуда бошад, ҳамон андоза ҳар як писару духтар дар ташкилу идораи шоиставу намунавии оила ва саодати оилавӣ метавонад муваффақ гардад.

## Маводди иловагӣ

**1) Иқтибос аз «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров**

Дар овони қадим «Ҷавонон ҳангоми ба камол расидан (овони 15 – солагӣ) маросими иртиқаро ба дин ва ҷамоа мегузаштанд. Дар маҷлиси гурӯҳи бизоатмандон ба онҳо камарбанд ва пироҳани муқаддас бахшида мешуд. Ба ин амал ҳамчун «таваллуди дувуми» инсон назар мекарданд. Танҳо пас аз ин ҷавон узви комилҳуқуқи ҷамоа мешуд, … уҳдадориҳо гирифта ва ақди никоҳ баста метавонист».

**2) Аз «Девон»-и Лоиқ Шералӣ**

**Қарзи фарзандӣ**

Мард он, ки ба корзори ҳастӣ,
Беханҷару бесипар барояд.
Беханҷару бесипар, валекин,
Бо ҷавҳари сад ҳунар барояд.
Баҳри каму беши миллати худ,
Бо бешу ками ҷаҳон ситезад.
Он ҷо, ки бирехт хуни нофаш,
Бояст, ки хуни дил бирезад…

### Савол ва супориш

1. Мақому масъулияти падар дар оила дар тарбияи писар чӣ гуна аст?

2. Писар кадом фазилату сифатҳои ҷавонмардиро бояд доро бошад?

3. Фарқи одоби рӯзгордории писар аз духтар дар чист?

4. Кадом вазифа ва корҳоро дар рӯзгор писар бояд бар ухда дошта бошад?

5. Ба реҷаи рӯзгордории писар дар як шабонарӯз чиҳо дохил мешаванд?

6. Иқтибос аз «Тоҷикон»-и Б. Ғафуровро хонда, шарҳ диҳед.

7. Шеъри Лоиқ Шералиро аз ёд кунед.

## § 21 ОБОДОНӢ, КАБУДИЗОРКУНӢ, ОРОИШ ВА ТОЗА НИГОҲ ДОШТАНИ ХОНА, ҲАВЛӢ ВА АТРОФИ ОН



Муҳити зист барои солим нигоҳ доштани одам ва фаъолиятнокии ӯ аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки хона, ҳавлӣ ва атрофи он ба талаботи муайяни санитарию гигиенӣ ҷавобгӯй бошанд. Дохили хона бояд равшан, хушк, гарм ва бороҳат бошад. Ҳангоми сохтмони хона ин меъёрҳо ҳатман бояд дар мадди назар бошанд, зеро шарти асосии нигоҳ доштани ҳолати дурусти санитарию гигиении хонаю ҳавлӣ, аз ибтидо шурӯъ мешавад. Қобили қайд аст, ки вақти таъмири хона, вобаста ба шароит, на



танҳо ҷойҳои вайронро таъмир кардан зарур меояд, балки камбудиҳоеро, ки пештар буданд, мутобиқи имкон бартараф кардан лозим аст. Дар ҳолате ки гирду атрофи хона тозаю мусаффо бошад, дохили хона ҳам тоза мемонад.

Дар назди хона ҳавлӣ ё чорбоғи хурд бошад, ҷойи зист аз чангу ғубор муҳофизат карда мешавад. Дарахтон дар фасли тобистон намегузоранд, ки девори хона тасфад. Дар назди хона дар боғча гул ва ниҳолакони хурд мешинонанд, дар ҷойҳои дуртар аз хона ва наздик ба кӯча дарахтони калони сербарг шинонидан лозим аст. Дарахтони калонро ба хона наздик намешинонанд, зеро решаҳои онҳо асосу зербинои хонаро вайрон мекунанд. Баргҳои чунин дарахтон бошад, ба расидани шуоъҳои офтоб ба хона халал мерасонанд. Дар ҷойҳои холию озоди ҳавлӣ дарахтони мевагӣ ва ороишӣ шинонидан мумкин аст. Инчунин, ҷойҳои холиро барои полезкорӣ истифода бурдан мумкин аст. Заминҳои полезӣ низ бояд тоза, ботартиб нигоҳ дошта шаванд, ки на фақат маҳсулот диҳанд, балки намуди ҳавлиро низ зебо гардонанд.

Кабудизоркунӣ шарти муҳимми ободу тоза нигоҳ доштани хонаю ҳавлӣ мебошад. Агар кабудизор тобистон аз гармою чанг муҳофизат кунад, тирамоҳу зимистон аз шамоли сахт ва барф ҳифз мекунад. Барои кабудизоркунии ҳавлӣ ва ё назди хонаҳо аз намудҳои гуногуни рустаниҳои яксола, дусола, бисёрсола, зимистона ва амсоли он истифода кардан мумкин аст.

Таъмини обёрии хонаю ҳавлӣ шарти асосии ҳолати санитарию гигиенӣ мебошад. Назди ҷумаки об бояд доимо тозаю мусаффо нигоҳ дошта шавад. Дар назди он бояд доимо собун ва сачоқи тозаю хушк гузошта шуда бошад. Собуну сачоқ дар ҷое гузошта мешавад, ки тар нашаванд.

Аз қадим барои занону духтарони тоҷик расм аст, ки субҳ барвақт назди хона ва ҳавлиро об пошида рӯбучин кунанд. Ривоят ҳаст, ки тоҷикон пеш аз хостгорӣ рафтан ба хонаи духтар ҳатман назди оташдону ҳавлиро назар мекарданд, ки тоза бошад. Танҳо дар сурате, ки ошхонаву ҳавлӣ

тоза бошад, духтар сазовори хостгорӣ мешуд.

Шароити хуби хона ба ошхона, ҳаммом ва ҳоҷатхона вобаста аст. Асоси ободӣ риоя ва нигоҳ доштани тозагӣ ва низом мебошад. Хонаро бо мебел беҳад пур кардан дуруст нест, зеро ҳам намуди хона безеб, ҳам тоза нигоҳ доштанаш душвортар мешавад. Барои нигоҳ доштани тозагӣ зарур аст, ки ҳар рӯз чангро тоза кунед, фаршро рӯфта бишӯед, қолину мебелро бо гардкашак тоза кунед. Зуд-зуд тиреза шустан хуб аст. Барои тоза нигоҳ доштани ҳавои хона рӯзе се маротиба, 30 дақиқа тирезачаро (форточкаро) кушода мондан лозим аст. Тобистон тирезаро кушода мондан зарур аст. Агар дар хона одами пир ё кӯдак бошад, вақти кушода мондани тиреза эҳтиёт шудан лозим аст, ки хона шамолгузар нашавад. Дар ошхона, ҳаммом ва ҳоҷатхонаи иморатҳои бисёрошёна панҷараҳои хурдакаки ҳаводароро мунтазам тоза кардан зарур аст.

Ҳавои хона бояд дар фасли гармо аз 22 то 25 дараҷа ва зимистон аз 20 то 22 дараҷа гарм бошад (на кам аз 18 дараҷа гарм). Нигоҳ доштани гармии хона дару тирезаро низ гарм мекунад. Дар вақти гарм кардани хона қоидаҳои бехатариро риоя кунед. Дар мавриди бо ангишт гарм кардани хона, бегоҳӣ танҳо то соати 20.00 ангиштро андозед. Тозагии даруни қубуракҳои оташдонро нигоҳ доред. Дар давраи гармӣ аз кондитсионеру вентиляторҳо истифода баред.

Дар мавриди истифода бурдани гармкунакҳо ва ё баръакс хунуккунакҳо ва вентиляторҳо ба ҷойгиркунии дурусти онҳо таваҷҷуҳ кунед. Яке аз сабабҳои дар хона пайдо шудани намӣ ва ё бӯйи ганда нодуруст ҷойгиркунии гармкунакҳо ва ё баръакс, хунуккунакҳо ва вентиляторҳо, дар хона хушк кардани чизҳои шусташуда аст.

Дар ҳуҷраҳои истиқоматӣ ба тозагии ошхона, ҳаммом ва ҳоҷатхона диққати махсус диҳед. Махсус, ошхонаро хеле тоза нигоҳ доштан лозим аст. Барои пешгирии пайдошавии паша, ҳашарот ва муш рӯйи хӯрокро кушода намонед, косаву табақро сари вақт бишӯед. Сатили партовро сари вақт

холӣ кунед, болояшро доим пӯшида ва дарунашро тоза нигоҳ доред.

Ваннаву унитазро ҳар рӯз бо шёткаҳои алоҳида ва хокаҳои махсус бишӯед. Фаромӯш накунед, ки тозагӣ гарави саломатист.

Барои дар хона пайдо нашудани ҳашарот ва дезинфекция кардан аз маводди махсуси шустушӯйӣ истифода бурдан лозим аст.

Новобаста ба он ки хона хурд ё калон аст, новобаста ба дороии соҳиби хона, соҳибхоназан бояд, пеш аз ҳама, дар бораи он фикр кунад, ки дар хона ҳама асбоби зарурӣ ва қулай мавҷуд бошад. Ороиши хона ва асбобҳои ороишии он бояд намуди хонаро вайрон накунанд.

Барои ободонӣ, кабудизоркунӣ, ороиш ва тоза нигоҳ доштани хона, ҳавлӣ ва атрофи он одатан тамоми аъзои оила сафарбар карда мешаванд.

Мардҳои хона дар як сол як маротиба бояд дар назди хона ва ё ҳавлӣ ягон ниҳол шинонанд, хуб мешавад падар ва ё бародари бузург барои писар ва додаракони хурди худ ибрат шаванд. Соле ду маротиба танаи дарахтонро аз баргу шохаҳои зиёдатӣ тоза карда, фасли баҳор танаи онро сафед кунанд. Аввали баҳор баъд аз об шудани барфҳо тамоми рӯйи ҳавлиро тоза кардан вазифаи падар ва писарон мебошад. Ҷойҳои шикастурехти ҳавлиро аз сари нав таъмир бояд кард, аз алафҳои зиёдатӣ ҳавлиро тоза кардан лозим. Ҳар ҳафта ҷӯйборҳои назди хона ва ҳавлиро тоза кардан лозим аст, то ин ки маҷрои об озод шуда, аз ҷиҳати санитарӣ ҷавобгӯи талабот бошад. Писарон баъд аз рӯбучин шудани рӯйи ҳавлӣ партовҳоро бояд гиранд ва ба ҷойҳои махсуси партовпартоӣ бурда партоянд. Дар он ҷо низ бояд ба тартибу тозагӣ риоя кунанд ва партовҳоро соати махсус дар ҷойҳои пешбинишуда партоянд.

Дар хона корҳои вазнинро одатан бояд писарон анҷом диҳанд, об пур кардан, дар зарурат кашонидани об аз ҷойҳои дигар, бардоштани ашёи вазнин, масалан, дар вақти

рӯбучини хона, бардоштани мебелҳо ва ҷобаҷогузории онҳо вазифаи писарон мебошад. Тоза кардани ваннаҳоро низ писарон ба уҳдаи худ гиранд. Соле як маротиба ҷойҳои сахт ифлосшударо писарон бояд рангубор кунанд. Ҳангоми шустани қолину палос дар бардоштани онҳо ба модару хоҳарони худ ҳатман кумак кунанд.

Модар дар хона вазифаи таълиму тарбия, омӯзонидани вазифаи кадбонугиро дорад. Аз хурдсолӣ модар духтарашро дар назди худ нигоҳ дошта, ба ӯ рӯбучини хона, шустушӯи либос, тоза нигоҳ доштани хона ва пухтупазро меомӯзонад. Модарон ва духтарон ҳар саҳар субҳона омода мекунанд. Духтарон субҳ бояд барвақт аз хоб хезанд, намуди зоҳирии худро ба тартиб оварда, хонаро ба тартиб биоранд, саҳни ҳавлӣ ва назди ҳавлиро (пеши даҳлези хона, зинаҳои подъезд, саҳнаи подъезд) об зада рӯбанд. Вақти об пошидан эҳтиёт кардан лозим аст, ки деворҳо ифлос нашаванд. Дар вақти шустушӯи коса, табақ ба ҷумаки чойник эътибор додан лозим аст. Рӯбучини хона, ҳавлӣ, шустани тиреза, ҷомашӯйӣ, одатан дар дӯши духтарон мебошад. Дар нигоҳубини гулҳои хонагӣ, тоза кардани ҳавлӣ, хишова кардани полиз духтарон ба писарон метавонанд кумак кунанд.

## Маводди иловагӣ

**Иқтибос аз «Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ»**

Асоси гигиенаи хона тозагӣ ва тартибот мебошад. Хонаро бо мебел пур кардан лозим нест, зеро рӯбучини онро мушкил мекунад ва боиси ҷамъ шудани чанг мешавад. Барои тоза нигоҳ доштани хона ҳар рӯз чанги онро тоза карда, фаршро бо чӯткаи намнок рӯфтан (ҳафтае як маротиба), тирезаҳоро зуд-зуд шустан лозим аст. Мебелҳои мулоим ва қолинҳоро бо чангкашак тоза кардан беҳтар аст. Барои он ки ҳавои хона доимо тоза бошад, дарачаи тирезаро кушода хонаро ҳар рӯз 3 маротиба: пагоҳӣ, вақти тарбияи бадан, ҳангоми хонаҳундорӣ ва шабона, пеш аз хоб 30 дақиқа, шамол медиҳанд. Тобистон тирезаҳоро кушода мемонанд. Агар

дар хона бачаҳо, мӯйсафедон ё шахсони бемор бошанд, хонаро бо эҳтиёт шамол медиҳанд.

Барои он ки дар хона магас, нонхӯрак ва мушҳо пайдо нашаванд, болои хӯрок ва зарфҳои ношустаро пӯшида, хӯрокҳои боқимондаро сари вақт партофтан лозим аст. Ваннаро баъди ҳар дафъа истифода бурдан шуста, сӯрохиҳои обравро тоза кардан мебояд.Унитазро ҳар рӯз бо чӯткаи махсус шустан шарт аст. Барои шустану дезинфексия карданӣ унитаз ва сатилҳои ахлот моддаҳои махсуси, «Утенок», «Кряк», «Рахша», «Барф», «Санита», «Сосенка», «Дезинон» ва ғайра истифода мешаванд.

### Савол ва супориш

1. Яке аз омилҳои солимии одам ба чӣ вобаста аст?
2. Гул, ниҳолҳои хурд ва дарахтонро дар кучо шинониданбеҳтар аст?
3. Қоидаҳои риояи тозагиро дар назди ҷумаки об шарҳ диҳед.
4. Сабабгори намии хона чӣ шуда метавонад ва оқибатҳои он чӣ гуна аст?
5. Барои тоза нигоҳ доштани ҳавои хона чӣ гуна амалҳоро анҷом додан зарур аст?
6. Вазифаҳои писарон ва духтаронро дар иҷрои корҳои ободонии хона дар алоҳидагӣ номбар кунед.
7. Иқтибос аз «Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ»-ро мутолиа карда, мухтасаран шарҳ диҳед.

## § 22 ОРОИШИ ДАСТАРХОНИ МИЛЛӢ ВА МИЗИ АВРУПОӢ

Ороиши дастархони миллӣ ду вазифаи асосиро иҷро мекунад. Вазифаи аввал – вазифаи этикӣ ва вазифаи дигар – вазифаи биологӣ аст.

**Вазифаи аввал.** Халқи тоҷик бо ороиши дастархони миллии худ шуҳрат дорад. Мардуми мо ба ороиши дастархон



диққати махсус медиҳад. Кушодани дастархон анъанаи қадим буда, вазифаи асосии он сафу ҷамъ кардани аҳли оила ва дӯстон мебошад. Дар гирди дастархони миллӣ на фақат барои сер кардани меъда, балки барои арҷгузории калонсолони оила, барои бо навигариҳо ошно кардани аҳли хонадон, барои ба ягон қарор омадан нисбат ба масъалаҳои рӯзмарра, барои ҳал кардани камбудиҳои рӯзгор ва ҳалли масъалаҳои дигари монанди онҳо ҷамъ меоянд. Яке аз анъанаҳои асосӣ дар ин мавридҳо гӯш кардани насиҳати калонсолон аз тарафи ҷавонон ва аз даҳон ба даҳон гузаштани таърихи авлод аст.

**Вазифаи дувум** ё худ вазифаи биологии кушодани дастархон: барои хуб ҳазм шудани хӯрок шароити хӯрокхӯрии одам аҳамияти калон дорад. Дастархони хуб орододашуда ва хӯроки бомаза иштиҳои одамро хуб мекунанд. Барои ҳамин бояд дастархон хуб оро дода шавад.

Одатан дастархони миллии мо дар рӯйи хонтахта ё фарш кушода мешавад. **Дастархон** суфраест, ки дар рӯйи он хӯрок мехӯранд. Нону кулчаю қанд, қатламаю фатир ва ғайра, ки занҳо бо худ ба тӯю меҳмонӣ мебаранд, дастархонро оро медиҳад. **Хонтахта** мизи росткунҷаи пойҳояш паст буда, онро дар маркази хона ҷойгир мекунанд. Дар болои он дастархони полиэтиленӣ, дар гирдаш кӯрпача мепартоянд. Ҳангоми хӯрок хӯрдан, онро мувофиқи завқи соҳибхоназан ва одати оила ороиш медиҳанд. Дигар вақт болояшро холӣ мегузоранд ва ё табақи меваи тар мемонанд.

Новобаста ба он ки дастархон ба рӯйи чӣ партофта мешавад, хоҳ рӯйи қолин бошад, хоҳ рӯйи хонтахта, он бояд доимо тоза бошад. Бояд аз овони кӯдакӣ фарзандон ба тоза нигоҳ доштани дастархон одат кунанд. Дар вақти кушодани дастархон бояд, пеш аз ҳама, ба тозагии дастархон, асбобҳои

хӯрокхӯрӣ ва ҳаҷму шакли хона диққати махсус дихем.



Ороиши дастархони миллӣ ва аврупоӣ ду намуд дорад: идона ва одӣ.

**Ороиши дастархони миллии муқаррарӣ.** Гирди дастархон бояд кӯрпачаҳои тоза партофта шуда бошад. Кӯрпачаҳо барои меҳмонон бояд алоҳида бошанд. Хуб мешуд, агар кӯрпачаҳо якранг ва болиштҳо бо ранги онҳо якхела бошанд. Кӯрпачаҳои идона метавонанд аз матоъҳои ғафс ва кӯрпачаҳои ҳаррӯза аз матоъҳои тунуки пахтагӣ дӯхта астарӣ шуда бошанд.

Рӯйи дастархон бояд сачоқчаҳои хурд омода бошанд. Барои тоҷикон дар рӯйи дастархон аз ҳама ғизои асосӣ нон мебошад. Нонро бояд сарфа кард. Рӯйи миз одатан ҷурғот, кабудӣ ва мева гузошта мешавад. Пеш аз овардани хӯрок доимо чой мегардонанд. Хуб мебуд, агар дар вақти хӯроки гарм овардан мувофиқи имкон хӯришҳо (салатҳо)-и гуногун омода бошанд. Масалан, хӯришҳо аз лаблабу, турб, карам барои хуб ҳазм шудани хӯрок ёрӣ мерасонанд. Ҳангоми мева овардан, ба болои дастархон ду табақча ва корд овар-да мондан лозим аст. Шириниро баъд аз хӯроки гарм бо чой пешниҳод кардан мумкин мешавад. Рӯйи дастархон ба ҳай-си ширинӣ мураббо ва ё кулчақанд гузоштан мумкин аст.

**Ороиши дастархони миллии идона.** Дастархон бояд тоза ва дарзмол шуда бошад. Вобаста ба шумораи меҳмонон, дар рӯйи дастархон пиёла ва қошуқ гузошта мешавад. Нон дар чаҳор кунҷи дастархон гузошта мешавад. Дар чаҳор тараф намак, мурч мегузоранд. Дар маркази дастархон қанд, меваи хушк чида мешавад. Дар ду тараф фишурдаҳо, оби ошомиданӣ гузошта мешавад. Миқдори табақчаҳои қанд, меваи хушк, меваи тар, самбӯса ба ҳаҷми дастархон ва шумораи меҳмонҳо вобаста мебошад. Самбӯса, хӯришҳои гуногун,

меваи тар дар канори дастархон, барои гирифтани меҳмон наздик гузошта мешаванд. Дар чаҳор тараф ва ё шаш ҷой дар табақҳои ош гӯшти яхнӣ, ҳасиб ва монанди онро бо кабудӣ оро дода мегузоранд. Бо ҳамин тарз помидору бодиринг пешниҳод мешавад. Помидору бодирингро баъзан пора накарда низ пешниҳод мекунанд. Чакка ва ё ҷурғот дар табақчаҳои хурд дар масофаи наздик гузошта мешавад.

Дар канори дастархон барои ҳар як одам алоҳида табақчаҳои холӣ ва қошуқ гузошта мешавад. Чой бо пиёла дар кунҷи дастархон бояд бошад. Баъд аз холӣ шудани табақчаҳои хӯришҳо ва самбӯса, ба ҷойи онҳо хӯроки гарм меоранд. Хӯроки дувум одатан барои ду, се ва ё чаҳор нафар пешниҳод мешавад. Вобаста ба намуд ва миқдори хӯроки гарм сари дастархон қошуқ, чангол гузошта мешавад. Соҳибхона бояд сари вақт косаву табақ ва пиёлаву қошуқро шуста хушк карда биёрад. Чой низ зуд-зуд иваз карда шавад. Одатан чойро гарм-гарм пешниҳод мекунанд. Пиёлаву чойник бояд тоза бошанд. Ҷумаки чойник ва ҷойи сарпӯшашро мунтазам тоза кардан зарур аст. Баъд аз хӯроки гарм барои пӯсти меваи тар ва меваи хушк табақчаҳои холӣ мегузоранд. Меваи тарро тоза ва пора карда мемонанд. Ҳангоми пешниҳод кардани мураббо ва ё асал, мураббогир ва ё пиёларо дар табақчаи хурд монда, ҳатман дар наздаш қошуқча мегузоранд. Барои ҳар як меҳмон алоҳида сачоқи хурд гузошта мешавад. Бояд ҳама чиз кам-кам ва зебо пешниҳод шуда бошад. Дар вақти кушодани дастархони миллӣ бештар анвои хӯроки миллӣ пешниҳод мешавад.

**Ороиши мизи аврупоӣ**. Ба рӯйи миз дастархони сафеди тоза ва хуб дарзмолшударо меандозанд. Маркази дарзмолшудаи дастархон бояд ба маркази миз рост ояд. Вобаста ба шумораи одамоне, ки хӯрок мехӯранд, ду-се табақча бо нони миллӣ ва ё нони аврупоии сиёҳ ва сафеди тунук порашуда гузошта мешавад. Онҳоро тавре бояд гузошт, ки нон ба олоти хӯрокхӯрии ҳар як одам мувофиқи имкон наздик ҷойгир шавад. Олоти хӯрок одатан аз воситаҳои хӯрдани

хӯрок, аз ҷумла қошуқ, чанголак (вилка), корд, табақҳо ва амсоли он иборат аст.

Барои ҳар як одам ду табақча – хурд ва каме калонтар мегузоранд. Дар тарафи чап, агар ҷой бошад, боз табақчаи хурд барои самбӯса ва нон гузоштан мумкин аст. Табақчаҳоро бояд чунин ҷойгир кунонд, ки одами дар паси миз нишаста, дастонашро бемалол расонда тавонад.

Дар тарафи рости ҳар як табақча корд, дар назди он қошуқ, дар тарфаи чап – вилка, дар тарафи болои табақча – корд ва қошуқчаи майда барои ширинӣ мегузоранд. Дар назди ҳар як маҷмӯи ҷиҳозу олатҳои хӯроккхӯрӣ бояд стакон барои об ва шарбат, бокал барои шароб гузошта шавад.

Дар маркази миз намакдону мурчдон мегузоранд. Сачоқчаҳои тозаву дарзмолшударо секунҷа ва ё ба тарзи дигар оро дода, дар рӯйи табақчаҳои газак мегузоранд. Дар рӯйи миз сачоқчаҳои коғазӣ гузоштан мумкин аст.

Дастархони идонаро метавон бо гул оро дод. Дар ин сурат гулдонҳои хурди гарданкӯтоҳро дар марказ дар як қатор ҷойгир кардан лозим аст.

Дар назди миз, наздики соҳибхоназан мизи хурдакак гузоштан мумкин аст, ки дар рӯйи он табақҳо барои хӯроки якум, косаи калон бо хӯрок ва амсоли он ҷойгир карда мешаванд.

Агар дар сари миз одами зиёд ҷамъ шуда бошад, хӯроки гармро алоҳида-алоҳида пешниҳод кунем, беҳтар аст. Агар хӯрок дар табақ бардошта шуда бошад, онро ба меҳмон аз тарафи рост пешниҳод кунед. Ва агар хӯрокро худи меҳмон аз табақи калоне, ки шумо пешниҳод мекунед, гирад, табақро шумо аз тарафи чап диҳед.

Дар вақти кушодани дастархони идона тартиби пешниҳоди хӯрок чунин аст: аввал газакро медиҳанд, онро дар ҷо-ҷойи рӯйи миз ҷойгир мекунанд, баъд шӯрбо, баъди он хӯроки моҳигӣ, гӯштбирён, паранда ва ғайра медиҳанд. Дар охир шириниро пешниҳод мекунанд. Дар вақти ба дастархон гузоштани ширинӣ ба ғайр аз бокалҳои шаробнӯшӣ ва

ё пиёлаҳои чой дигар ҳама чизро аз рӯйи миз мегундоранд.

Агар меҳмон бегоҳӣ барои як пиёла чой даъват шуда бошад, ороиши дастархон каме дигар мешавад. Беҳтар аст, ки ба рӯйи миз дастархони гулдор партофта шавад. Чойники чой ва ё оби ҷӯшондагиро дар мизи хурд назди соҳиби хона гузоштан лозим аст. Пиёлаву стаканҳоро низ назди соҳиби хона мегузоранд. Дар назди ҳар як узви хона ва ё меҳмон табақча ва қошуқчаи хурди ширинихурӣ, дар болои ин табақча сачоқча, дар тарафи чап қошуқчаи ширинихурӣ ва дар тарафи рост корди ширинихӯриро мегузоранд. Дар маркази миз табақҳои қанд, косачаҳои мураббо, табақчаҳои кулчақанд, лимӯи тунук резашуда, шакар гузошта мешавад. Агар дар рӯйи табақчаҳое, ки кулчақандро мемонем, сачоқча андозем ва баъд кулчақандро монем, ҳам зебо мешавад ва ҳам резаҳои он ба рӯйи дастархон намерезад.

Бояд фаромӯш накунем, ки дастархон на танҳо барои ғизо хӯрдан, балки барои суҳбату истироҳат кушода мешавад. Бинобар ин, сарфакорӣ ва маданияти хӯрокхӯрӣ ҳамеша бояд дар мадди аввал бошад.

## Маводди иловагӣ

### Асбобу олоти хӯрокхӯрӣ

Асбобҳои хӯрокхуриро дуруст истифода бурдан лозим аст. Бо корд хӯрок хӯрдан манъ аст, зеро лаб ва ё забонро буридан мумкин. Котлет, қима, моҳӣ, сабзавоти пухташуда ва монанди инро бо корд намебуранд, зеро эҳтиёҷ нест, онҳоро бо чанголак ба порчаҳои хурд ҷудо карда мехӯранд. Дар ин маврид чанголакро дар дасти рост мегиранд. Агар хӯроки дувум тавре пешниҳод шавад, ки онро буридан лозим ояд, кордро дар дасти рост мегиранд. Вақти буридан чангакро на рост, балки каме нишеб нисбат ба табақча медоранд. Ҳангоми хӯрокхӯриро ба охир расонидан, қошуқ, чангак ва кордро дар рӯйи табақ мегузоранд.

Гӯшт ва монанди он ғизоҳоро дар табақчаи худ якбора пора кардан лозим нест, зеро он тез хунук мешавад ва хӯр-

данаш дилкаш намешавад.

Бо чанголак, корд ва қошуқи худ аз табақҳои умумӣ ғизоро гирифтан мумкин нест. Барои табақҳои умумӣ қошуқ, чанголак ва корди алоҳида гузоштан лозим аст.

**Олоти хӯрокхӯрӣ:**

1.Қошуқ барои хӯроки якум, корд ва вилка барои хӯроки дувуми гарм.

2. Олотҳои ширинихӯрӣ: чангак барои торт ва кулчақанд, қошуқча барои нишолло ва қошуқча барои қаҳва.

3. Қошуқча барои шакар.

4. Корду вилка барои панир, агар порчаҳои ғафс гузошта шуда бошанд.

5. Корд барои равған.

## Савол ва супориш

1. Кушодани дастархон кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?

2. Дар вақти кушодани дастархон бояд ба чӣ диққати махсус диҳем?

3. Кадом намудҳои ороиши дастархонро медонед?

4. Қоидаҳои ороиши дастархони миллии муқаррарӣ кадомҳоянд?

5. Қоидаҳои ороиши дастархони миллии идонаро шарҳ диҳед.

6. Тартиби ороиши мизи аврупоиро номбар кунед.

7. Сарфакорӣ ва риояи маданияти хӯрокхӯрӣ чӣ аҳамият дорад?

8. Матни «Асбобу олоти хӯрокхӯрӣ»-ро хонда, шарҳ диҳед.



## § 23 ОИНИ МЕҲМОННАВОЗӢ ВА РИОЯИ САРФАКОРӢ ДАР ҚАБУЛИ МЕҲМОНОН





Халқи тоҷик ҳамчун халқи инсондӯст, раҳмдил ва меҳмоннавоз машҳур аст. Ин хислат дар расму оини мо аз қадимулайём паҳн ва мустаҳкам шудааст. Меҳмону меҳмоннавозӣ иззату икроми зиёдеро талаб мекунад, бинобар ин мо бояд нисбат ба меҳмон лутфу карами беандозаро раво бинем. Иззату эҳтироми меҳмон шарти асосии меҳмоннавозист.

Вақте мехоҳед ба хонаи худ меҳмон қабул кунед, на фақат дӯстони доро, балки даъват кардани шиносу хешу табори камбизоати худро низ фаромӯш накунед. Меҳмонро дар даромадгоҳи хона бо чеҳраи кушод пешвоз гиред. Меҳмонони худро иззату икром кунед. Одатан иззату икроми меҳмон бояд дар зарфи се рӯз бошад, баъдтар метавонед ба меҳмон каме озодӣ диҳед.

Дар вақти пазируфтани меҳмон дастархонро қаблан ё баъди омадани он ҳар чӣ зудтар кушоед, меҳмонро зиёд мунтазир кардан хуб нест. Хӯрокро зиёдтар аз он ки меҳмон истеъмол карда метавонад, пешниҳод кардан зарурат надорад. Нонро дар дастархон ба миқдори зиёд мондан низ хуб набуда, аз миқдори мавҷуда аввалан як нонро пора мекунанд. Зиёд пора кардани нон исроф аст.

Ҳангоми пешниҳоди хӯрок, соҳиби хона ба хӯрдан даъват мекунад. Одатан хӯрдани хӯрокро соҳиби ҳона шурӯъ

мекунад, вале баъди хӯрок дастро соҳиби хона баъд аз меҳмон тоза мекунад. Баъди бас кардани хӯрокхӯрӣ аз тарафи меҳмон, соҳиби хона низ одатан хӯрок намехӯрад. Шарт нест, ки гаштаву баргашта меҳмонро даъвати хӯрок хӯрдан кунед. Кифоя аст, ки якчанд маротиба ин амалро ба ҷо оред.

Дар сари дастархон соҳиби хона бояд мувофиқи табъу завқи меҳмон рафтор кунад. Хӯроки беҳтарину бомазаро ба меҳмон пешниҳод кунад, ҳамчун соҳиби хона бо чизе ки ҳаст, қаноат кунад.

Вақти қабули меҳмон ба исрофкорӣ роҳ додан мумкин нест, зеро дар меҳмон дар бораи шумо метавонад тасаввуроти бад пайдо шавад, аз ҷумла, чунин тасаввуроте, ки гӯё шумо мехоҳед дороии худро намоиш диҳед ва амсоли он.

Ҳангоми қабули меҳмонон бояд соҳибони хона боварӣ ҳосил кунанд, ки ба ҳамаи меҳмонон барои хӯрдан чизе халал намерасонад ва ҳама асбоби хӯрок доранд.

Дар вақти қабули меҳмон дастархон бояд як-ду соат пеш аз омадани меҳмон кушода бошад. Соҳибхоназан бояд ҳама чизро то омадани меҳмонон омода карда, ба ғайр аз вақти пешниҳоди хӯроки гарм ва гирифтани табақчаҳои холӣ, зиёд аз сари дастархон нахезад. Додани хӯроки иловагӣ, пешниҳоди нон, табақи тоза бояд ба уҳдаи соҳибхоназан бошад, вале пешниҳоди нӯшокиро марди соҳиби хона бояд ба уҳда гирад. Агар меҳмонон ҳама мард бошанд, мувофиқи урфу одати тоҷикӣ нишастани соҳибхоназан дар гирди дастархон шарт нест, ё баръакс, агар ҳама меҳмонон аз ҷинси латиф бошанд, нишастани марди соҳиби хона ҳамроҳи онҳо зарурат надорад.

Хӯроки якумро дар косаи чинӣ то ним мерезанд ва аз тарафи рости меҳмон бо дасти рост пешниҳод мекунанд. Хӯроки дувум, моҳӣ, газак, сабзавот, шириниҳо аз тарафи чап пешниҳод мешаванд. Қаҳваро аз тарафи рост медиҳанд, шакарро меҳмон худаш, мувофиқи завқаш мегирад.

Хӯрокро чунин бояд пешниҳод кунем, ки ба меҳмон қулай бошад. Вақти ғундоштани косаву табақ садои ба ҳам

задани онҳо бояд набарояд ва беҳтар он аст, ки як табақи калон оварда, якбора косаҳои холиро ҷамъ кунем.

Пешниҳоди хӯрокро аввал аз калонсолон сар мекунанд. Хӯрокро гарм-гарм пешниҳод кунед, ки хушхӯр бошад..

Агар меҳмон нохонда бошад, бо он чизе ки дар хона мавҷуд аст, меҳмондории хуб кардан мумкин аст.

Хӯроки одиро метавон бо кабудиву сабзавот оро дода, бо меҳрубонии хуб дили меҳмонро гарм ва шикамашро сер кард.

Дар вақти меҳмондорӣ муҳимтарин шарт покизагии дастархон, косаву табақ ва хӯроки ҳалолу покиза мебошад. Ривояте ҳаст, ки меҳмон ба хона аз дари калон дарояд, ризқу баракааш аз дарича медарояд.

Ҳангоми дар хона ҳузур доштани меҳмон, бояд бо овози баланд сухан нагӯем, ба ягон кас дар ҳузури меҳмон дағалона рафтор накунем. Дар урфият мегӯянд, ки вақте дар хона меҳмон аст, пишакатро ҳам пишт магӯй.

Вақти рафтани меҳмон, соҳиби хона то баромади хона ӯро гусел мекунад ва барои ташрифаш изҳори миннатдорӣ мекунад. Дар вақти қабули меҳмон чеҳраи соҳибони хона бояд доимо кушода бошад. Ҳамчунин, риояи қоидаҳои зайл ва умуман, одоби дигари меҳмоннавозиро аз хотир фаромӯш накунед:

- Хӯроки хунук ва равғанӣ пайи ҳам, тез дода намешаванд;
- Кӯшиш кунед, ки ҳама анвои хӯрок зебо ва эҷодкорона пешниҳод шавад;
- Кӯшиш кунед, ки дар вақти қабули меҳмон хӯрокҳо аз маводҳои гуногун пухта шуда бошанд;
- Хӯрокро танҳо гарм пешниҳод кунед;
- Ҳангоми пешниҳоди хӯроки якум ва ё гӯштбирён коса ва ё табақро гарм карда, хӯрокро кашед;
- Мувофиқи анъанаи тоҷикон дар вақти қабули меҳмонон зиёфат аз шӯрбо, хӯроки дувум (палав, гӯштбирён ва ғайра), газакҳо ва ширинию мева иборат мебошад.

Ҳамчунин, дар хотир нигаҳ доред, ки меҳмондорию меҳмоннавозӣ дар шаҳру деҳа ё байни халқҳои гуногун фарқ дорад. Масалан, агар шумо дар шаҳр дар хонаи серошёна зиндагӣ кунед ва ба хона меҳмон аз роҳи дур биёяд, онҳо одатан шабона мемонанд. Аз ин рӯ, ҳам шумо, мизбонон ва ҳам меҳмонон бояд барои нороҳатиҳои муваққатӣ омода бошед. Меҳмононро дар ин ҳолатҳо дар меҳмонхона (зал) ё хонаи хоби хурдсолон барои шабгузаронӣ ҷой мекунанд. Тибқи анъанаҳои замони муосир меҳмононро ба ҳеҷ ваҷҳ дар хонаи хоби волидон ҷой кардан мумкин нест.

Шумо, ҳамчунин, метавонед аз тарафи дӯстону наздикон, ки намояндаи миллати дигаранд, ба меҳмонӣ даъват шавед. Дар ин ҳолат дар ёд дошта бошед, ки пешвоз ва пазироии меҳмонон байни халқҳо фарқ дорад. Масалан, русҳо аз қадимулайём меҳмонро бо нону намак дар остонаи хона пешвоз мегирифтанд. Ё худ, булғорҳо бо мехчагули сурх ва равғани садбарг меҳмонро пеш аз воруд пазироӣ мекунанд. Байни баъзе халқҳо ҳангоми пазироӣ ба дастони меҳмонон атр мепошанд ва ғайра. Анвои хӯрок, тарзи муносибат бо меҳмон ва қоидаҳои дигар низ байни халқҳо тафовут дорад. Аз ин рӯ, шумо барои фаҳмидани чунин тафовутҳо бояд ҳатман омода бошед ва дар ҳар ҳолате, ки бошад, беҳтарин расму оин ва қоидаҳои меҳмондорию меҳмоннавозии миллию байналмилалиро пайгирӣ кунед.

## Маводди иловагӣ

**Порча аз «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ**

**Дар одоби зиёфат**

Бидон, ки меҳмонӣ кардан, суннати Иброҳим пайғамбар аст. Ва ба меҳмонӣ рафтан ва иҷобат кардан суннати ҳазрати рисолат аст.

Агар пурсанд, ки одоб ва аркони меҳмонӣ кардан чанд аст?

Бигӯй: Чаҳордаҳ: Ду шарту шаш аркон ва шаш адаб.

Агар пурсанд, ки ду шарт кадом аст?

Бигӯй: Аввал, меҳмонро таоми ҳалолу покиза диҳад. Дувум, он ки меҳмониро барои Худо кунад, на барои ғаразу риё ё ҷазо.

Агар пурсанд, ки шаш аркон кадом аст?

Бигӯй: Аввал, меҳмонро таъзим кардан ва ба ҷойи некӯ нишондан. Дувум, бо меҳмон кушодарӯй ва хандон будан. Севум, ҳарчанд меҳмон падид ояд, рӯй турш накардан. Чаҳорум, меҳмони нохондаро ҳурмати зиёд доштан. Панҷум, бухл накардан ва он чӣ аз даст барояд, аз меҳмон дареғ надоштан. Шашум, такаллуф[1] накардан ва он чӣ мақдур[2] бошад, кардан.

Агар пурсанд, ки шаш адаб кадом аст?

Бигӯй: Аввал, аз меҳмон суол кардан, ки майли ӯ ба кадом навъи таом бошад. Дувум, таоми беҳтар пеши ӯ ниҳодан. Севум, дар хӯрдан таклифи бисёр накардан. Чаҳорум, чун берун равад, мушоаат[3] кардан ва камтари он ҳафт қадам аст. Панҷум, миннат naниҳодан, балки миннат фаровон доштан, ки Худои таоло тавфиқ дод, то он шахс рӯзии худро бар сари суфраи ӯ тановул намуд. Чунончи, устод гуфтааст:

**Ҳар киро бинӣ ба олам, рӯзии худ мехӯрад,**
**Гар зи хони туст нонаш в-ар зи хони хештан.**
**Пас туро миннат зи меҳмон дошт бояд баҳри он-к,**
**Мехӯрад бар хони эҳсони ту нони хештан.**

Агар пурсанд, ки меҳмон чӣ овард ва чӣ барад?

Бигӯй: Рӯзии худ бо худ оварад ва гуноҳи мизбон бо худ бибарад. Ва чунончи, дар ахбор омадааст: … чун меҳмон фуруд ояд, ризқи худ бо худ биёварад ва чун берун равад, гуноҳи он қавме, ки мизбони ӯ бошанд, бо худ бибаранд.

Агар пурсанд, ки одобу аркони ба меҳмонӣ рафтан чанд аст?

Бигӯй: Чаҳордаҳ. Ду шарту ду суннат ва даҳ одоб.

Агар пурсанд, ки ду шарт кадом аст?

---

[1] Такаллуф - сохтакорӣ.
[2] Мақдур – ба қадри имкон.
[3] Мушоаат – ҳамроҳӣ.

Бигӯй: Аввал, он ки ба меҳмонии мардуми солеҳи некном равад, на мардуми фосиқ ва ҳаромхӯр. Дувум, дар маҷлисе, ки донад, ки дар ӯ номашрӯӣ[1] ҳаст, наравад, магар донад, ки ба эҳтироми ӯ тарк хоҳанд кард.

Агар пурсанд, ки ду суннат кадом аст?

Бигӯй: Аввал, он ки чун бихонанд, бе таъаллул[2] иҷобат кунад[3] . Дувум, он ки напурсад, ки хӯрданӣ чӣ хоҳад буд.

Агар пурсанд, ки даҳ адаб кадом аст?

Бигӯй: Аввал, он ки дар вақти рафтан дар пеши мизбон наравад, Дувум, чун ба дари хона расад, пойи рост дар пеш ниҳад. Севум, чун ба хона дарояд, салом кунад. Чаҳорум, ҳар куҷо, ки вайро бинишонанд, бинишинад ва такаллуф накунад. Панҷум, бар зеру болову чапу рост нанигарад. Шашум, таом ба навъе хӯрад, ки хотири мизбон хуш гардад. Ҳафтум, зуд-зуд аз пеши худ таом барнадорад. Ҳаштум, чун таом хӯрда шавад, зуд бархезад, магар мизбон нагузорад. Нуҳум, баъд аз фароғ[4] мизбонро дуо кунад. Даҳум, чун берун равад, шукр гӯяд ва шикоят накунад.

Агар пурсанд, ки ба меҳмонӣ рафтан чӣ бурдӣ ва чӣ овардӣ?

Бигӯй: Баракат бурдам ва охират овардам.

Агар пурсанд, ки бар кадом суфра чизе хӯрдӣ?

Бигӯй: Бар қисмати азалӣ.

Агар пурсанд, ки мизбон чӣ кард ва ту чӣ кардӣ?

Бигӯй: Ӯ даъват кард ва ман дуо кардам.

## Савол ва супориш

1. Пеш аз ҳама дар қабули меҳмон чиро бояд фаромӯш накунед?

2. Ҳангоми пазируфтани меҳмон дастархонро кай меандозанд?

3. Соҳиби хона кай хӯрдани хӯрокро сар мекунад ва кай

[1] Номашрӯӣ – ғайриимкон, хилофи шариат

[2] Таъаллул – сабаб.

[3] Иҷобат кардан – ҷавоб додан.

[4] Фароғ - осуда шудан.

анҷом медиҳад?

4. Аввал кадом намуди хӯрокро барои меҳмон овардан зарур аст?

5. Меҳмонро чӣ гуна даъвати хӯрок кардан мумкин аст?

6. Соҳибхоназан ё марди соҳиби хона ҳангоми аз як ҷинс будани меҳмонон бояд чӣ гуна рафтор кунанд?

7. Вақти ғундоштани косаву табақ баъди анҷоми хӯрок кадом қоида бояд риоя карда шавад?

8. Вақти рафтани меҳмон соҳиби хона бояд ӯро чӣ тавр гусел кунад?

9. Меҳмондорию меҳмоннавозӣ байни шаҳру деҳот ё халқҳои гуногун чӣ фарқиятҳо дорад?

10. Порча аз «Футувватномаи султонӣ»-и Кошифиро хонда шарҳ диҳед.

## § 24 ОДОБИ ТАШКИЛИ ТӮЮ МАЪРАКАҲО БО РИОЯИ РАСМУ ОИН ВА ҚОНУНГУЗОРӢ

Халқи тоҷик таъриху фарҳанги куҳан дорад. Расму оини мардуми мо садсолаҳо аз насл ба насл гузашта, ташаккул ёфтааст ва дар ин муддат тавонистааст, ки моҳияти худро нигоҳ дорад. Як давр даври дигарро иваз карда бошад ҳам, тоҷикон тавонистаанд, ки рукнҳои муҳимтарини фарҳанги аҷдодони хешро нигоҳ доранд. Расму оинҳои мо аз дав-






раҳои қадим ташаккул ёфта, имрӯз на фақат тарзи ҳаёти мо, балки шуури миллии моро ташкил медиҳанд ва ифодагари хусусиятҳои шарқии миллати моянд.

Маъракаҳо дар байни мардуми тоҷик одатан бошукӯҳ

мегузаранд ва дар ин маврид дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурӣ расму оини муайяне риоя карда мешавад.

Ба ғайр аз ин, мутаассифона, якчанд солҳо пештар бисёр ҷашну маъракаҳои миллӣ, чӣ маъракаҳои тӯй ва чӣ маъракаҳои дафн ба чорабиниҳои пурдабдабаву серхароҷот табдил ёфта, хилофи манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии мардум шуда буданд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8-уми июни соли 2007-ум ба танзими анъана ва маросимҳои миллию динӣ мусоидат карда, барои ҳифзи манфиати иқтисодӣ, устувории ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон равона шуд. Бинобар ин дар тафсирҳои қонуни мазкур омадааст, ки мақсад аз қабули он «аз ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд, иборат аст».

Дар Тоҷикистон, ба монанди дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои Шарқ, умуман, оила яке аз рукнҳои асосӣ буда, дар ҳаёти шаҳрванд мақоми баланд дорад. Аз анъанаву маросимҳои гуногуни зиёди оилавӣ бештар ба маросимҳои акди никоҳ, дафн ва маросимҳои дигар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Маросими тӯй бештар хусусиятҳои миллӣ дорад. Хусусияти тӯйи миллӣ дар он аст, ки одатан тамоми маъракаҳо дар хонаи ҳам домод ва ҳам арӯс гузаронида мешуданд. Дар чунин мавридҳо дастархон ороста мешуд, хешу табори домоду арӯс ҷамъ меомаданд ва меҳмонони зиёдеро меҳмондорӣ мекарданд. Чандин рӯзҳо пештар аз тӯй дар хонаи арӯсу домод хешу табор ҷамъ мешуданд. Имрӯз мувофиқи қонуни мазкур тӯйи домодию арӯсӣ бояд дар давоми на бештар аз ду рӯз, бо оростани зиёфат барои то 150 нафар ва оши никоҳ барои то 200 нафар бо иштироки ду ҷониб гузаронида шавад. Ташкили маъракаҳои дигар мувофиқи ин қонун манъ карда

шудааст. Он маъракаҳое, ки пештар бо дабдабаю шукӯҳ мегузаштанд (домодталабон, арӯсбинон, зодрӯз ва амсоли он), бояд дар ҳудуди оила гузаронида шаванд. Барои халқи мо мафҳуми оила хеле васеъ мебошад. Албатта, оилаҳои тоҷик одатан серфарзанд мебошанд, баъд аз тӯйи арӯсиву домодӣ ва фарзанддор шудан холаву амма, амаку тағо ва фарзандони онҳо низ аъзои оила ҳисоб мешаванд. Ҷамъ шудани онҳо дар арафаи тӯй ва маъракаҳо харҷи зиёд талаб мекунад. Бинобар ин, барои вазнин нашудан ба ташкилкунандагони тӯй ва маъракаҳои дигар зарур аст, ки ороиши дастархонро дар давраи омодагӣ низ содаву камхарҷ кунанд. Барои ин хуб мешавад, ки чанд рӯз пеш аз саршавии маъракаҳо занҳои хона угро бурида монанд, ё ин ки имрӯз аз мағозаҳои озуқаворӣ, ки чандин намуди чунин макаронҳоро мефурӯшанд, онро харидорӣ кунанд. Гӯшташро низ қима карда пазанд; Ҳам хӯрок камхарҷ мешаваду ҳам хушмаза.

Ҳангоми гузаронидани тӯй ва маъракаҳо ба тозагӣ ва ороиши дастархон диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Обдаста ва сачоқ дар даромадгоҳи дар омода шавад. Сачоқ бояд хушк бошад, зуд-зуд хабар гирифтан зарур аст, ки сачоқ тар ва ифлос нашуда бошад.

Одатан калонсолон барвақттар аз вақти таъйин шудани тӯй ва маъракаҳо меоянд, бинобар ин барои 10-15 нафар одатан чою нон омода мекунанд, ки то кушодани хӯроки асосӣ – ош, онро ба одамоне, ки бо ягон сабаб барвақттар омадаанд, пешниҳод кунанд.

Ҳангоми оши наҳор дастархонҳои болои мизҳо бояд якранг ва тоза бошанд, дар болои онҳо ҳатман сачоқчаҳои хурди латтагӣ ва ё коғазӣ омода бошанд. Дар як тарафи миз қошуқ гузошта шавад. Чойник ва пиёлаҳо тоза шустагӣ бошанд, кӯшиш кардан лозим аст, ки лаби чойнику пиёлаи чинӣ парида набошад, зеро барои саломатӣ хатар дорад. Дар давраҳои пеш, ривоят буд, ки аз чойнику пиёла ва косаву табақи чинӣ, ки ягон лабаш паридагӣ бошад, чой ва ё хӯрок хӯрдан зиёновар. Ин ривоят шояд барои он пешниҳод

шудааст, ки истифодаи зарфи чинии лабпарида метавонад сабабгори буридани лаб ва ё ғалтидани ягон порачаи хурди чинӣ дар ғизо шавад. Ҷавонони оила бояд ухдадор карда шаванд, ки сари вақт рӯйи мизҳоро аз косаву табақҳои холӣ ва пӯчоқ тоза кунанд, тез пиёлаҳоро шуста, хушк кунанд ва аз будани чойи гарм бохабар бошанд. Вобаста ба фасли сол бо ош хӯришҳои гуногун пешниҳод мекунанд, ҳангоми гирифтани табақи ош аз пеши меҳмон, табақчаи хӯришро низ гирифтан лозим аст ва вақте ки меҳмони нав меояд, аввал чойи гарм, пиёлаи тоза медиҳанд ва ҳангоми пешниҳоди ош табақчаи хӯришро низ нав мекунанд.

Мувофиқи анъана маъракаҳои оши наҳор ва монанди он барои мардон ва занон ҷудо барпо мешуданд. Баъд аз қабули Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъракаҳо ё занона мешаванд, ё мардона. Мувофиқи анъана оши наҳор мардона мешавад. Бинобар ин, аз рӯйи расму оини қадима занҳо дар оши наҳор иштирок намекунанд ва вазифаи нигоҳубини мизҳою меҳмондорӣ дар давоми маърака бар дӯши мардҳо мебошад.

То сар шудани маърака бояд ҳавлӣ ва ё майдони назди биное, ки маърака мегузарад, тоза рӯбучин шуда бошад. Макони маъракагузаронӣ то анҷоми чорабинӣ бояд тозаву озода бошад.

Ҳангоми барпо кардани зиёфат низ бояд пешхизматҳо аз тозагии рӯйи миз бохабар бошанд. Диққат бояд дод, ки ба меҳмон мувофиқи нақшаи пешбинигардида ҳамаи хӯрок пешкаш карда шавад.

Ҳангоми гузаронидани тӯй ва маъракаҳои дигар соҳибони хона бо овози баланд сухан нагуфта, асосан бо овози паст ва имою ишора муошират мекунанд, танҳо вақти омадани меҳмони нав каме баландтар «Хуш омадед!» мегӯянд. Меҳмон барои иззати соҳиби маърака меояд, бинобар ин арҷгузории меҳмон ҳангоми гузаронидани маъракаҳо шарти аввали одоби маъракагузаронӣ мебошад. Дар навбати

худ меҳмонон низ дар давоми иштирок дар маъракаҳо ба якдигар бояд халал нарасонанд. Суҳбатҳои шахсӣ бояд берун аз ҷойи хӯрокхӯрӣ бошад. Носу сигор кашидан дар сари мизи оросташуда мумкин нест.

Гузаронидани тӯй ва маъракаҳои дигар мувофиқи имкони молиявию иқтисодии соҳиби маърака мебошад. Аз ҳама асосӣ дар гузаронидани маъракаҳо на ҳаҷм ва андозаи зиёд, балки забони хуш, хӯроки каму бомаза ва ташкили меҳмоннавозии олидараҷа дар давоми маърака мебошад.

## Маводди иловагӣ

### Порча аз «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ

#### Дар маънии маърака ва мо ятааллақу биҳӣ[1]

... Агар пурсанд, ки сари маърака кадом аст?

Бигӯй: Дониш, ки ҳар кӣ бедониш бошад, қадам дар маърака ниҳад, аз сари худ хабар надорад.

Агар пурсанд, ки поёни маърака кадом аст?

Бигӯй: Қабули дилҳо, ки агар дилҳо соҳиби маъракаро қабул накунад, муҳимми ӯ ба поён нарасад.

Агар пурсанд, ки рукни маърака кадом аст?

Бигӯй: Файз гирифтан ва файз расонидан.

Агар пурсанд, ки аркони маърака чанд аст?

Бигӯй: Чаҳор.

Агар пурсанд, ки чаҳор рукни маърака кадом аст?

Бигӯй: Аввал, шустушӯй, яъне маъракагир бояд ки поку покиза бошад, ки ба маърака дарояд, ба ҷиҳати он ки қадам бар ҷойи пок ба покӣ бояд ниҳод. Дувум, рӯфтурӯб, яъне бояд ки дар мавзее, ки маърака мегирад, аз хору хошок пок созад. Севум, гуфтугӯй, яъне сухане, ки дорад, адо кунад, бар ваҷҳе, ки дар дили мустамеъ[2] ҷой гирад. Чаҳорум,

[1] Мо ятаъаллақу биҳӣ – чизе, ки ба он дахл дорад.

[2] Мустамеъ – шунаванда.

ҷустуҷӯй, яъне он чӣ аз ҳозирони маҷлис тамаъ медорад, биҷӯяд…

Агар гӯянд, ки маъракагирро чанд чиз бояд дар маърака, то писандидаи хотирҳо бошад?

Бигӯй: Даҳ чиз. Аввал он, ки кушодарӯю хандон бошад. Дувум, бояд ки чусту чолок ва сабукрӯҳ бувад. Севум, дар маърака бевақт наёяд... Чаҳорум, дар мавзее ва маҳалли васеъ ва пурфазо маърака гирад. Панҷум, агар касе ноҷойгоҳ истода бошад ё нишаста, бо вай бо лутфу нармӣ сухан гӯяд. Шашум, аз ҳозирон ҳиммат ва мадад талабад. Ҳафтум, пирону мардон ва устодонро ёд кунад. Ҳаштум, агар бузурге ва азизе дар он диёр бошад, ӯро низ ёд кунад. Нуҳум, дар салавот додан тақсир накунад… Даҳум, киноят ва таъхир накунад ва ҳама касро ба дилу ҷон дуогӯй бошад…

Агар пурсанд, ки маърака чанд навъ аст?

Бигӯй: Ду навъ: Яке мақбулу писандида ва он маъракае аст, ки дар вай суханони хуб гузарад ва бар ваҷҳе бошад, ки аз он фоидаи дину дунё ҳосил шавад. Дувум, номақбулу нописандида ва он маъракае бувад, ки дар вай суханони номашруъ[1] ва ҳаракоти нолоиқ воқеъ бошад…

## Савол ва супориш

1. Мувофиқи Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронидани кадом маъракаҳо иҷозат дода шудааст?

2. Тибқи қонунгузорӣ дар оши наҳор ва зиёфат то чанд нафар бояд иштирок кунанд?

3. Шарти асосии одоби ташкили тӯй ва маъракаҳо аз чӣ иборат аст?

4. Қоидаҳои ороиш ва тоза нигоҳ доштани дастархони маъракаҳоро номбар кунед.

5. Вазифаи ҷавонони оила ҳангоми гузаронидани маъракаҳо аз чӣ иборат аст?

6. Одоби сухангӯйӣ аз ҷониби соҳибони хона ҳангоми

[1] Номашрӯъ – манъшуда.

гузаронидани тӯй ва маъракаҳои дигар аз чӣ иборат аст?

7. Порча аз «Футувватномаи султонӣ»-и Воизи Кошифиро мутолиа карда, тафсир кунед.

## § 25 ОИНИ ДАХЛУ ХАРҶ, ЗАХИРА ВА НИГАҲДОРИИ ПУЛУ МОЛ, ҒИЗО ВА АШЁИ РӮЗГОР



Оила ташкилоти муназзамест, ки тамоми рукну унсурҳои он ба мисли узвҳои тани зиндаи инсон ба ҳам алоқаманд мебошанд. Узвҳои тани инсон ҳама ба якдигар созгорона фаъолият доранд. Дар оила низ тамоми унсуру рукнҳои он дар раванди иҷрои вазифаҳои хоси худ қарор доранд. Оила чун сохтори мураккаб талаботи зиёду гуногун, ба монанди, ниёзмандиҳои маънавӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, зебоиписандӣ ва хосса, талаботи моддиву иқтисодӣ дорад.

Хоҷагӣ, ҳаёти иқтисодии оила аз рукнҳои муҳимтарини рӯзгори хонавода ба шумор меравад. Бесабаб нест, ки асосҳои илми оиладориро, ки ҳанӯз дар Юнони Қадим ташаккул ёфта буд, «иқтисоди оила» меномиданд ва худи истилоҳи иқтисодиёт (экономика) низ маънии аслиаш «ташкили оқилонаи хоҷагии хонавода» аст. Дар ҳикмати амалии файласуфони тоҷик, ки аз се қисм иборат аст, яке аз онҳо илми оиладорӣ, рӯзгордорӣ ё тадбири манзил мебошад. Дар тадбири манзил баробари бисёр паҳлуҳои фаъолияти оила, ба ҳаёти иқтисодӣ ва масъалаҳои муҳимми он эътибори зиёд дода шудааст. Чунин ақидаҳо дар осори Абӯалӣ ибни Сино «Тадбири манзил», Насируддини Тӯсӣ «Ахлоқи Носирӣ»,

Ҷалолиддини Давонӣ «Ахлоқи ҷалолӣ» ва мероси дигар ҳакимон ба назар мерасанд.



Ҳар як оила, аъзои он ниёзманди ғизо, пӯшок, манзил, об, барқ ва дигар маводди ниёзи аввал мебошанд. Ғайр аз ин, яке аз рукнҳои муҳимми оила мавҷудияти пулу мол, озуқаворӣ, чизу чора, асбобу анҷоми рӯзгор, бисоти хона аст, ки бидуни онҳо ҳаёти муътадили хонадон ва аҳли он ғайриимкон мебошад. Барои ба даст овардани ин ҳама қонеъ кардани эҳтиёҷоти гуногуни оила, хонавода соҳиби касбу кор бояд буд. Бинобар ин ҳар кас аз давраи мактабӣ дар бораи он бояд андешад, ки соҳиби кадом пешаву ҳунар мешавад, то ки ба туфайли он дар оянда зиндагиву рӯзгорашро дуруст, ба таври шоиста ба роҳ монда тавонад. Касбу ҳунарро мувофиқи истеъдоду муҳаббат бояд интихоб кард. Ғайр аз ин, ҳунарҳоро мунтазам омӯхта, дар онҳо дараҷаи баланду салоҳиятро дарёфт бояд кард.

Абӯалӣ ибни Сино дар боби дахлу харҷ дар рисолаи «Тадбири манзил» ин мавзӯъро махсус зикр карда, менависад, ки ҳар кас бояд дар касби худ пешрафта бошад, онро ба таври аъло донад, аз дигарон ҳаргиз қафо намонад. Дар акси ҳол кас дар ҳаёт ва дарёфтани роҳу риштаи рӯзгордорӣ ба мушкилиҳо дучор меояд. Шайхурраис ғайр аз паҳлуи иқтисодии касбу ҳунар ҷиҳати маънавии онро низ таъкид карда, таълим медиҳад, ки соҳиби касб бояд ҳалолкор бошад. Вай оилаашро ба туфайли маошу луқмаи ҳалол бояд таъмин ва тарбия кунад. Ба ақидаи Ибни Сино маоши каме, ки бо роҳи ҳалол ба даст меояд, баракати зиёд дорад.

Агар кас соҳиби касбу пешаи матлуб гардад, ба туфайли он маошу даромади хуб гирад, ба ташаккули буҷети оила

асоси мустаҳкам мегузорад. Вале таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки ба даст овардани пулу мол, ташаккули буҷети оила кори пурмашаққат аст ва дар ин бора Саъдии бузургвор фармуда, ки «харҷ оби равон асту дахл осиёи гардон». Бинобар ин пулу моли ба даст омадаро сариштакоронаву оқилона ва чизу чораҳои харидаро эҳтиёткорона истифода бояд бурд.

Муаллими ахлоқ Саъдӣ нигошта, ки сарвари оила қонуни дахлу харҷро бояд донад ва қатъиян таносуби онро риоя кунад, вагарна вазъи моддии оила хароб мешавад:

**Бар он кадхудо зор бояд гирист,**
**Ки дахлаш бувад нуздаҳ, харҷ бист.**

Ба ҳамин тариқ илми рӯзгордорӣ асосан таълим медиҳад, ки ҳар як фарди бомаърифат аз илми иқтисоду муҳосибот, дахлу харҷи рӯзгор ба андозае бояд огоҳӣ дошта бошад.

Хоҷагии оила, муносибату муошират, ҳаёти муътадили он аз тартибу низом оғоз меёбад. Хусусан, дар истифодаи буҷети оила басомонӣ ва таносубро қатъиян бояд риоя кард. Шарти асосии истифодаи буҷети оила ин аст, ки дахл аз харҷ (яъне даромад ба буҷа, хоҳ дар шакли пулӣ ва хоҳ натуралӣ, моддӣ ва бароmad, сарфу истифода) бояд зиёдтар бошад. Вагарна ҳаёти хоҷагию иқтисодии оила, сатҳи зиндагии аҳли хонавода паст рафта хароб мешавад.

Одамони хирадманду ботаҷриба пулу маошро бо ҳисобу китоб, тибқи меъёр, бо назардошти имконияту иқтидор сарф мекунанд. Мекӯшанд, ки дахл ҳамеша аз харҷ андаке бошад ҳам, афзун гардад, буҷети оила батадриҷ зиёд шавад. Аввалан, дахлро барои ғизо, хӯрдану пӯшидан истифода мебаранд. Ғизо, чизҳои хӯрданӣ бояд тозаву нав ва босифат, ҷавобгӯйи талаботи экологӣ бошад. Бешубҳа, дар хӯриш ва истифодаи хӯрокворӣ ба исроф набояд роҳ дод. Дар ин кор низ бояд меъёр бакуллӣ риоя карда шавад.

Сониян, дахлро барои сарулибос сарф мекунанд. Харидани он низ аз рӯйи маслиҳату имконият бояд ба амал ояд. Андаке қимат бошад ҳам, либоси босифат ва агар буҷети оила имконият диҳад, аз асбобу ашёи рӯзгор низ ягон чизи

аз ҳама зарурро бояд харид.

Севум, аз ҳисоби маош як миқдор пулро, кам бошад ҳам, барои пасандоз ҷудо мекунанд. Дар оила ба ғайр аз пасандози пул як миқдор маводди ғизо, молу чиз ва амсоли инҳо ба сифати захира бояд ҳатман вуҷуд дошта бошад. Ин мавзӯъ дар рисолаи «Тадбири манзил»-и Абӯалӣ ибни Сино махсус зикр ёфтааст. Шайхурраис таъкид мекунад, ки ба хотири омода будани оила барои ҳодисаҳои ногаҳониву тасодуфӣ, ба монанди хушксолӣ, офатҳои гуногун ҳатман захираи муайяни пул, молу чиз, хосса, маводди ғизо зарур аст. Дар суннатҳои миллиамон ин талабот ҳатман риоя мешуд, имрӯзҳо бошад, тавсия карда мешавад, ки барои ду сол ва зиёда аз он ҳам захира дошта бошем. Чунончи, дар фасли тирамоҳ барои гузаронидани зимистон тайёрии махсус ва захираи муайяни сӯзишворӣ, маводди хӯрокворӣ, аз ҷумла орду гандум, анвои ғалладона, мошу лӯбиё, наску нахӯд, биринҷ, гӯшту равған, сабзавот, мева ва маводди дигари дер вайроншаванда ба миқдоре, ки то мавсими баҳор расад, омода карда мешавад. Дар гузашта ниёгонамон ғалладона, ҳамчунин, баъзе анвои меваи хушкро дар хумҳо, сандуқҳо ва ҷойҳои дигари махсус барои якчанд сол нигоҳ медоштанд.

Захираву пасандози оила ғайр аз омода будан барои ҳодисаҳои ғайричашмдошту ногаҳонӣ ҳикмати дигари муҳим низ дорад. Аз ҷумлаи онҳо сарфаи вақту қувва аст, яъне кас аз ташвиши пайваста рафтан ба бозору мағоза озод мешавад; дигар, сарфаи пул, зеро одатан дар зимистон нархи меваю сабзавот қиматтар мешавад; севум, омодагӣ ба ташрифи меҳмонҳо, яъне ногаҳонӣ агар ба хона хешу ақрабо, ёру дӯстон омада монанд, бе ҳеҷ ташвишу тараддуд аз ҳисоби захира метавон ба осонӣ хӯрокҳоро пухта, дастурхон орост. Одатан, тоҷикон аз рӯйи суннатҳои миллӣ дар хонаашон барои меҳмонҳо дар ҷое қанду анвои шириниҳо ва беҳтарин хӯрданиҳоро нигоҳ медоранд.

Харидани анҷоми рӯзгор низ аз ҳисоби маош сурат мегирад. Асбобу ашёи рӯзгорро кам-кам, зина ба зина ба қад-

ри имкон харида, бисоти хонаро мукаммал мекунанд. Дар аввал чизҳои барои рӯзгор аз ҳама зарур, ба монанди яхдон, дегу табақ, косаву пиёла, бистару кӯрпа, кӯрпача ва ғайраро мехаранд.

Тибқи суннатҳои мардумиамон манзил, қисме аз сарулибос, қолину палос ва ашёи рӯзгорро волидон ҳангоми хонадор кардани фарзандон омода ва ҳадя мекунанд. Фарзандони наврӯзгор шукри ин ҳадяҳоро ба ҷо оварда, онҳоро бояд эҳтиёт ва ба қадри имкон сол ба сол ва зина ба зина афзун кунанд. Вале дар роҳи афзун кардани он ҳаргиз ба саросемагӣ ё зиёдаравӣ набояд роҳ дод. Аз каму кости рӯзгор, чизу чора, ё барои тангии манзил, бо аҳли оила моҷаро набояд кард, зеро ободиву беҳбудии манзилу хонадон дар муддати кӯтоҳ не, балки тадриҷан бо гузашти солҳо ва боло рафтани маошу зиёд шудани буҷети оила ба даст меояд. Дар ин бора Одамушшуаро Абӯабдулло Рӯдакӣ фармуда:

**Бо дода қаноат куну бо дод бизӣ,**
**Дар банди такаллуф машав, озод бизӣ.**
**Дар беҳ зи худӣ назар макун, ғусса махӯр,**
**Дар кам зи худӣ назар куну шод бизӣ**.

Мақсади оиладорӣ танҳо ободу зебо ва афзун кардани молу сарвати оила нест. Он як ҳадду андозаи муайяне дорад. Тарбияи фарзандон ва аҳли оила, дар мактабу ҳунаристон, донишкадаву донишгоҳҳо хонондан ва ба хидмати мардуму кишвари маҳбуб омода кардани онҳо аз ҷумлаи мақсадҳои аслии оиладорӣ аст.

Дар баробари дарёфтани пул, мол ва чиз, сохтани манзилҳои зебо, аз тарбияи фарзандон, аз хидмати волидону наздикон, аз адои қарзи шаҳрвандӣ назди ҷомеа набояд ғофил шуд. Дар оила вазифаи муқаддам ва муҳимтарин таълиму тарбияи фарзандон, хидмати падару модар, бобову модаркалон мебошад. Дар хона аз ҳисоби сарфаи буҷети оилавӣ барои фарзандон гӯшаеро барои тайёр кардани дарс, мутолиаи адабиёт, кор бо компютер ҷудо бояд кард. Ба ҷойи либосҳои ниҳоят қимат ва тилловорӣ барои онҳо бояд ки-

тобҳои дарсӣ, адабиёти зарурӣ, маводди таълимиро харид. Дар онҳо услубу одоби ҳамида, эҳтирому инсонпарварӣ, ҳисси китобдӯстӣ ва одату муҳаббати мутолиаи китобро бояд парвариш кард. Ба сарварони оила зарур аст, ки барои фарзандон дар накукориву одамият, аз ҷумла, китобхониву китобдӯстӣ, худсозиву худшиносӣ намунаи ибрат бошанд.

Ҳамин тавр, оила сохтори мураккаб, низоми воҳидест, ки тамоми рукнҳои он - иҷтимоӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, маишӣ, тарбиявӣ, равонӣ, иқтисодӣ ба ҳам сахт алоқаманд мебошанд. Барои ҳаёти муътадили оила ба рушди тамоми рукнҳои он, аз ҷумла, ба ҷанбаи иқтисодӣ эътибор бояд дод. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҳолатҳои зиёде дар оила аз сабаби норасоиҳои моддию иқтисодӣ носозӣ, ихтилоф ба миён омада, баъзан он боиси вайрон шудани хонавода мегардад. Барои роҳ надодан ба чунин ҳолатҳо илми рӯзгордорию равоншиносиро хуб дониста, аз иқтисоди оила бахубӣ огоҳ бояд буд.

Нисбат ба ашёву бисоти хона муносибати эҳтиёткорона ва дар истифодаи пул, буҷети оила, маводди истеъмоли рӯзгор сарфаю сариштакорӣ бояд кард. Барои нигоҳ доштани захира баҳри рафъи рӯзҳои мушкилу вазнин ва афзун кардани буҷети оила, вусъати сатҳу сифати зиндагии аҳли хонадон пайваста заҳмату кӯшиш ба харҷ бояд дод.

Вале дар баробари ин ҳама меҳнату заҳмат ва тадбирҳо дар роҳи вусъати иқтисодӣ ва афзунсозии сарвату буҷети оила мақсаду ҳадафи аслии оилаю рӯзгордорӣ бояд аз мадди назар дур намонад. Нисбат ба пулу мол, чизу боигарӣ назари ҳакимонаву хирадмандона мебояд. Он ҳама захираву сарвати рӯзгорро барои бақои насл, таълиму тарбия, парвариши маънавию ахлоқии фарзандон, аҳли байт истифода бояд кард, зеро дар оила аз ҳама захираи бебаҳо, сарвату арзиши олитарин худи фарзандон ва ақлу хирад, илму ҳунар, услубу одоби писандидаи онҳо мебошад.

## Маводди иловагӣ

**1) Иқтибос аз рисолаи «Тадбири манзил»-и Абӯалӣ ибни Сино**

Эҳтиёҷи мардум ба қуту хӯрок боис шуд бар ин ки ҳама кас дар роҳи касбу ба даст овардани он… бикӯшад.

Саноат[1] собиттару пойдортар аз тиҷорат аст, зеро бештар мавриди итминону вусуқ[2] аст.

Касе, ки мехоҳад яке аз ин саноатро барои худ василаи зиндагонӣ иттихоз[3] кунад, бояд бикӯшад, ки бунёди онро бар пояи маҳкаму устуворе қарор бидиҳад.

Моле, ки ба сафо ва бе олоише ба даст омада… судмантару пурбаракаттар ва гуворотар аст.

Инсон, вақте, ки мол ба даст оварад… қисмате аз онро дар закоту садақот ва абвоби[4] маъруф ва масорифи хайрия сарф бикунад ва қисматеро барои масоибу[5] ҳаводиси рӯзгор ва мавоқеи эҳтиёҷ захира кунад.

Бояд дар харҷ кардан тақдиру тадбир ба кор рафта, ба унвони эътидол ва ба миёнаравӣ харҷ шавад.

Аммо қисмате захира – барои рӯзи ҳоҷат шахси хирадманд набояд ғофил бошад, аз ин ки рӯзгор ҳаводису масоибу пасту баландиҳое дорад, ки бояд барои он мавоқеъ аз пеш захира ва моле андӯхт.

**2) Иқтибос аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус**

Эй писар, аз фароз овардани[6] чиз ғофил мабош. Лекин аз ҷиҳати чиз хештан мухотара макун ва ҷаҳд кун то ҳар чӣ фароз оварӣ, аз некутарин ваҷҳе бошад то бар ту гуворанда бошад. Ва чун фароз овардӣ, онро нигоҳ дор то ба ҳар ботиле аз даст надиҳӣ, ки нигоҳ доштан сахттар аз фароз

---

[1] Саноат - касбу ҳунар.
[2] Вусуқ - боварӣ.
[3] Иттихоз – интихоб карда гирифтан.
[4] Абвоб - дарҳо, мақсадҳо.
[5] Масоиб - сахтӣ.
[6] Фароз овардан – муҳайё кардан.

овардан аст. Ва чун ҳангоми дарбоист харҷе кунӣ, ҷаҳд кун, то ивази он ҷуд[1] ба ҷой боз ниҳӣ, ки агар бардориву иваз ба ҷо боз нaниҳӣ, агар ганҷи Қорун бувад, сипарӣ шавад.

Ва сахт доштан воҷиб дон, ки ҳар кӣ андак моя нигаҳ надорад, бисёр ҳам надонад доштан. Кори хеш беҳ дон аз кори касон ва аз коҳилӣ нанг, ки коҳилӣ[2] шогирди бадбахтӣ аст.

Ранҷбардор бош, ки чиз аз ранҷ гирд шавад, на аз коҳилӣ. Чунон ки аз ранҷ мол фарозояд ва аз коҳилӣ биравад, ки ҳакимон гуфтаанд: «Кӯшо бошед, то ободон бошед ва хурсанд бошед, то тавонгар бошед. Ва фурӯтан бошед, то бисёрдӯст бошед».

Агарчи чиз азиз аст, аз сазовор дареғ мадор, ки ба ҳама ҳол кас чизе ба гӯр набарад. Аммо харҷ бояд, ки ба андозаи дахл бошад, то ниёзманд набошӣ, ки ниёз на дар хонаи дарвешон бувад, балки ниёз дар хонае бувад, ки дахл дираме бошаду харҷ дирамеву ҳаббае.[3] Ҳаргиз он хона бениёз набувад. Бояд дираме дахл бувад, дираме кам – ҳаббае харҷ кунад, то ҳаргиз дар он хона ниёз набошад.

Ва бад-он ҷӣ дорӣ, қонеъ бош, ки қаноат дуввуми бениёзӣ аст. Ва ҳар он рӯзӣ, ки қисмати туст, ба ту расад ва ҳар он коре, ки аз сухани наку ва ба шафоати мардумон рост шавад, мол бар он кор базл[4] макун, ки мардуми бечизро ҳеҷ қадр набошад.

Ва дар ҷамъ кардани чиз тақсир макун, ки таносонӣ дар ранҷ аст ва ранҷ дар таносонӣ. Чунонки осоиши имрӯз ранҷи фардо бошад ва ранҷи имрӯз осоиши фардо бувад. Ва ҳар чӣ аз ранҷу беранҷ ба даст ояд, ҷаҳд кун то аз ҳар дираме ду донг[5] харҷи хонаи хеш кунӣ ва аз они аёли хеш.

---

[1] Ҷуд – саховат.

[2] Коҳилӣ – танбалӣ.

[3] Ҳабба – дона.

[4] Базл – сарф.

[5] Донг – шашяки чизе.

### Савол ва супориш

1. Ниёзмандии иқтисодии оила чист?
2. Касбу ҳунар дар таъминоти моддии рӯзгор чӣ аҳамият дорад?
3. Буҷети оила чист?
4. Тибқи илми оиладорӣ таносуби даҳлу харҷ чӣ гуна бояд бошад?
5. Маошро аввал барои харидани кадом мавод бояд сарф кард?
6. Захира барои оила чӣ зарурат ва чӣ ҳикмат дорад?
7. Дар суннати миллиамон ҳангоми ташкили оила кадом ҷиҳатҳои иқтисодии онро ба назар мегиранд?
8. Сарвату боигарии аз ҳама волои оила чист?
9. Иқтибосҳо аз рисолаҳои Ибни Сино ва Унсурулмаолии Кайковусро хонда шарҳ диҳед.

## § 26 САРФА ВА ЭҲТИЁТКОРӢ ДАР РӮЗГОР

Масъалаҳои сарфа, эҳтиёткорӣ ва исроф дар ҷомеаи мо яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбанд. Сарфаю сариштакорӣ, эҳтиёткорӣ, ки дар муносибат ба арзишҳои моддию маънавӣ ва истифодаи мақсадноки онҳо дида мешавад, аз хислатҳои ҳамидаи ахлоқи шахсият ба шумор мераванд. Сарфакорӣ на танҳо малакаи муносибати боинтизомона ба ашё, балки шарти муҳимми ташаккули самаранокӣ ва бомаҳорату уҳдабароёна ба иҷро расонидани вазифаҳои ҳар як шахс мебошад.

Яке аз омилҳои муҳимми рӯзгордории оқилона ин тарбияи меҳнатӣ мебошад. Ин навъи тарбия ба тарбияи иқтисо-








дӣ алоқаи зич дорад. Тарбияи иқтисодӣ бошад, пеш аз ҳама, омӯзонидани сарфаю сариштакорӣ ва ба назар гирифтани дахлу харҷ аст. Дар луғатномаҳои забони тоҷикӣ мафҳумҳои асосии алоқаманд бо сарфаю сариштакорӣ чунин тафсир ёфтаанд: сарфа кардан – дар харҷ пасандоз карда мондани пул ва чизҳои дигар, ихтисор кардан дар хароҷот; эҳтиёткор – оқибатандеш, ҳушёркор, мулоҳизакор; исроф – аз андоза берун харҷ кардан, зиёда аз ҳоҷат харҷ кардан, зиёдаравӣ ва ғайра. Ҳамаи ин мафҳумҳо ишора ба он мекунанд, ки сарфакорӣ роҳ надодан ба барбоддиҳӣ ва муносибати бепарвоёна ба ашёву мол ва маводди гуногуни рӯзгор аст.

Сарфакор будан на фақат маънои неъматҳои мавҷударо эҳтиёт кардан, балки зиёд кардани онҳоро низ мефаҳмонад. Ҳар як чиз таҷассуми меҳнати ҳазорон одамон мебошад. Аз ин рӯ, муносибат ба ашёҳо дар муносибат ба меҳнат, ба одамон, ба тамоми ҷамъият зоҳир мешавад ва бо ҳамин сабаб падару модарон ва омӯзгорон ҳамеша таъкид мекунанд, ки бе меҳнат чизе ба даст намеояд.

Одами боинтизом ҳамеша сарфакору дақиқ аст. Ӯ вақти худ ва дигаронро сарфакорона истифода мебарад. Чун ба рӯзгори гузаштагон назар меандозем, мебинем, ки ин масъала дар ҳар давру замон вуҷуд дошт. Ҳанӯз дар «Авасто» исрофкорӣ гуноҳ ва ҳаром маҳсуб шудааст. Ибни Сино дар шароити асрҳои миёна ин ақидаро вобаста ба талаботи муҳити худ бо тавзеҳу такмил ба таври эҷодӣ бою ғанӣ гардонидааст. Масъалаи муҳимме, ки ин мутафаккир дар вақти харҷи мол ва закоту садақот тавсия мекунад, ҳусни тадбири сарфакорист. Ба ақидаи ӯ барзиёд, бемавриду мақом сарфу исроф кардани мол аломати нодонию ҷаҳолати шахс аст. Шоири ширинкалом Амир Хусрави Деҳлавӣ бошад, оид ба ин масъала мефармояд:

**Ба сарфа сарф кун накде, ки дорӣ,**
**Ки имсокат беҳ аз исрофкорӣ**.

Унсурулмаолии Кайковус дар асари «Қобуснома» насиҳат мекунад, ки дар андухти молу сарват яке аз нуктаҳои

муҳим сарфакорӣ аст. Ин донишманд масъалаи сарфу исрофро ба миён гузошта, таъкид мекунад, ки «исрофро шум дон ва ҳар чӣ офаридгор онро душман дорад, он бар бандагони Худои таоло шум бувад… Дар ҷумла корҳо исроф мазаммат карда шудааст. Исроф танро бикоҳад ва нафсро биранҷонад ва ақлро бипажмонад [1] ва зиндаро бимиронад». Ин донишманди нуктасанҷ дар исботи фикраш зиндагии чароғро мисол овардааст. Зиндагии чароғ аз равған аст. Агар ба чароғдон аз андоза зиёд равған бирезӣ, аз лаби чароғдон берун меояд ва фатилааш зери равған мемонад. Дар ин ҳолат бешак чароғ мемирад, яъне, равған, ки дар ҳоли эътидол сабаби ҳаёти чароғ бувад, дар ҳолати исроф сабаби хомӯшии он мешавад. Пас маълум мешавад, ки чароғ на танҳо аз равған, балки аз эътидоли ҳамин равған зинда аст. Чун ҳаҷми равған аз эътидол гузашт, исроф падид меояд. Ҳамин як равған сабаби ҳам равшанӣ ва ҳам хомӯшии чароғ мешавад. Маънии ин суханон чунин аст, ки дар ҳама кор эътидолу меъёр ҳатман бояд риоя гардад.

Дар урфият мегӯянд, ки дар хонадоне, ки сарфакорӣ нест, хайру барака низ аз он хонадон меравад. Дар ҳақиқат ҳам, дар он оилаҳое, ки сарфакориро пеша намекунанд, захираҳо дар он ҷо дер намепоянд. Ва баръакс, офтоби бахт ба рӯйи он оилаҳое, ки ҳар як ашёву асбоби рӯзгорро эҳтиёткорона, сарфа карда истифода мебаранд, механдад. Чунин оилаҳо ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ҳамешагӣ таъмин мебошанд. Беҳуда нагуфтаанд: «Сарфаи сари оташдон, беҳ аз савдогари Ҳиндустон».

Дар оилаҳои тоҷик кори хонаву рӯзгор асосан ба зиммаи занҳо вогузор мешавад. Аз ин рӯ, сарфаи маводди рӯзгор ба онҳо бештар вобаста аст. Бо ҳамин сабаб, занону духтарони хонадон бояд беш аз ҳама бомаърифат, соҳиби ақлу заковат ва идроки баланд ва аз ҳама кору бори оиладорӣ огоҳӣ дошта бошанд. Муҳимтар аз ҳама, соҳибхоназан ва ҷавондухтар бояд соҳиби маҳорати сарфакорӣ бошанд.

[1] Пажмонидан – афсурда, ноором кардан.

Бале, барои сарфакорӣ ҳам бояд маҳорат дошт, зеро сарфаи вақт, маводди озуқа, асбобҳои рӯзгор, неруи барқ, газ, об ва монанди инҳо кори саҳл нест. Танҳо соҳибхоназани бофаросат аз уҳдаи он мебарояд. Маводде, ки сарвари оила харидорӣ карда бо заҳмат ба хона меорад, агар эҳтиёткорона, бомақсад, сарфакорона истифода шавад, дар хонадон файзу баракат ва осудагию оромӣ ҳукмфармо мешавад. Ба ақидаи Ибни Сино, беҳтарини занҳо ҳамон аст, ки андаки шавҳарашро ба сарфаҷӯӣ зиёд мекунад.

Сарфакорӣ на танҳо ба занҳо, балки хоси ҳар мард низ бояд бошад. Агар дар хона зан сарфакор бошад, мард бояд дар бозор, дар сарфи маблағи ба даст овардааш эҳтиёткорӣ кунад. Бояд сарфи дахлу харҷро дар мувозинат дорад, агар даxлро ба як ё ду рӯз барбод диҳад, дар давоми боқимондаи рӯзҳо ноором мешавад. Ин боиси камбизоатӣ дар оила мешавад.

Хушбахтона, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъаларо пайгирӣ карда, чораҳое чанд андешид, ки қабули Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷумлаи онҳост. Ин қонун пеши роҳи исрофкориро дар тӯю маъракаҳо гирифт. Ҳамчунин, набояд аз хотир барорем, ки чун калонсолон панду насиҳат мекунанд, ки сарфакориро омӯзем, ин маънии худро шахси паст гирифтан ва бахилу хасис буданро надорад. Бо гузаштани вақт ҳар яки шумо дарк мекунед, ки шахси сарфакор танҳо дар андешаи оянда аст.

Чунонки қайд шуд, сарфакорӣ сарчашмаи боигарӣ аст. Албатта, мо инро ба хубӣ дарк мекунем, вале солҳои охир на ҳама мувофиқи ин суханон амал мекунанд. Масалан, дар ҳаёти ҷомеаи мо дар фасли зимистон масъалаи таъмин бо барқ ва газ вазнин мешавад. Аз ин рӯ, бояд ҳар як хонаводa онҳоро боақлона ва бе исрофкорӣ истифода барад. Вале баъзе шахсон чароғи тамоми хонаҳоро фурӯзон мегузоранд, ҳар гуна гармкунакҳои худсохтро истифода мекунанд, ки дар натиҷа қувваи барқ аз меъёр зиёд истифода мешавад.

Дар чунин ҳолатҳо вайроншавии дастгоҳҳои баркӣ низ хеле зиёд шуда, барои таъмир кардани онҳо вақту маблағи зиёд сарф мешавад. Одамоне низ ҳастанд, ки барои истифодаи барқу газ маблағро сари вақт намесупоранд, ки ин ҳам мушкилоти таъминотро зиёд мекунад.

Сарфакории газу барқ барои ҳар як оилаву муассиса аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид аст. Аз ҷумла, ҳоло дар ҷумҳурӣ барои сарфаи барқ мардум лампаҳои каммасрафро истифода мебаранд. Ҳисобҳои одӣ нишон медиҳанд, ки фурӯзонаки каммасрафи 20-ватта дар давоми муддати стандартии хизмат, яъне 8 ҳазор соат ба сарфа кардани 640 квт/соат неруи барқ имкон медиҳад. Бо ифодаи пулӣ истифодаи танҳо як фурӯзонаки каммасрафи 20-ватта барои оила на камтар аз 48 сомонӣ ва барои истеъмолкунандагони саноатӣ 169 сомонӣ фоида меорад.

Дар масъалаи истифодаи газ низ айни ҳамин суханонро гуфтан мумкин аст. Агар мо газро ҳам сарфакорона истифода барем, на танҳо маблағҳои худро сарфа мекунем, балки ҳодисаҳои нохушеро, ки сабаби асосии рух додани онҳо беаҳамиятии одамон нисбат ба газ мебошад, пешгирӣ менамоем. Чунонки маълум аст, баъзан газро дар хонаҳо даргиронда мемонанд ва барои гармкунии бино истифода мекунанд, ки ин сабабгори асосии сӯхтору таркишҳо мешавад. Ин амал бадтарин нишонаи исрофкорӣ ва беаҳамиятии инсон мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки ҳама чиз меъёр дорад ва набояд, ки мо аз доираи ин меъёрҳо берун пой ниҳем.

Инсон бояд ҳангоми истифодаи об ҳам, ки ба назари аксарият чизи камарзиш мерасад, сарфакор бошад. Бисёр вақт шоҳиди он мегардем, ки хатҳои интиқоли оби нӯшокӣ сарбанд надошта, об беҳуда ҷорӣ мешавад ё обро барои кишоварзӣ бе меъёри муайян истифода мекунанд. Фаромӯш набояд кард, ки хушкидани баҳри Арал, ки масъалаи умумиҷаҳонӣ дониста мешавад, маҳз натиҷаи исрофкорӣ дар обёрии киштзорҳо мебошад. Аз ин рӯ, ҳар фарди солимро зарур аст, ки дар сарфаю эҳтиёти ҳам оби нӯшокӣ ва ҳам

оби кишоварзӣ саҳмгузор бошад.

Ҳамчунин, мо медонем, ки барои гарм кардани оби хунук қувваи барқ ё сӯзишворӣ (газ, ангишт, ҳезум ё дигар маводди сӯхт) сарф мешавад, бинобар он баҳудаю беҳуда оби гармро кушода мондан, бесарфа онро кор фармудан бар зарари худи мо аст. Маводди сӯхтро низ бояд ҳам дар гарм кардани об, ҳам хона ва ҳам дар мавриди тайёр кардани хӯрок сарфакорона истифода барем.

Барои пайдо кардани малакаи бештари сарфакорӣ дар поин чунин қоидаҳое зикр шудаанд, ки донистани онҳо барои ҳар як шахс ва оила хеле муфид аст.

Баъзе қоидаҳои сарфаи барқ:

– ҳамеша аз фурӯзонакҳои каммасрафи тавоноияшон ба ҳуҷра мувофиқ истифода баред, шишаи тирезаҳоро барои воридшавии равшанӣ доимо тоза нигоҳ доред, дар ҳуҷраҳо пардаҳои ранги равшан овезон кунед;

– фурӯзонак ва дастгоҳҳои техникиро сари вақт ба пуррагӣ хомӯш кунед, таҷҳизоти барқӣ, ҳатто қувватдиҳандаи телефонҳои мобилиро дар ҳолати «интизорӣ» («stand by») даргирон нагузоред;

– ҳангоми хӯрокпазӣ аз дегу зарфҳои тагаш хурдтар аз плита истифода накунед, сарпӯши зарфҳоро ҳангоми пухтупаз беҳуда кушода нагузоред, танҳо аз плитаи дуруст истифода карда, сатҳи гармкунандаи онро мунтазам тоза кунед, барои ҷӯшонидани об на плита, балки чойҷӯшонакро истифода баред;

– яхдонро дар ҷойи хунуктари ошхона, дуртар аз плита ва оташдон, устувор созед, яхи онро мунтазам об кунед, дар даруни он зарфҳоро бо хӯрокҳои гарм ҳаргиз нагузоред ва дару дарачаҳои онро ҳарчи камтар боз кунед;

– ҳангоми истифода аз мошини ҷомашӯйӣ онро тибқи тавоноии техникияш ҳарчи бештар бо либосҳои шусташаванда пур кунед;

– ҳангоми истифода аз гармкунакҳои барқӣ дару тирезаи хона ва подъездҳоро маҳкам нигаҳ доред, сӯрохиҳои онҳоро бо пахта, клеёнка ва маводди дигар маҳкам кунед, гармку-

накҳоро бо латтаву либосҳои нам напӯшонед ва ғайра.

Баъзе қоидаҳои сарфаи об:

– кранҳои обро ҳамеша маҳкам нигаҳ доред, аз ҷумакҳои ҳозиразамон, ки обро бапуррагӣ нигаҳ медоранд, истифода кунед;

– ҳангоми оббозӣ оби душро танҳо дар зарурат бозу маҳкам кунед;

– косаву табақро на дар таги оби равон, балки дар ду раковина ё зарфи калон – яке барои шустушӯ ва яке барои чайқондан, бишӯед;

– оби ошомиданиро барои обёрӣ истифода накунед ва ғайра.

Умуман, инсон дар ҳама ҳолатҳо бояд қоидаҳои сарфакориро риоя кунад ва меъёри кор фармудани ҳар як чизро донад. Исрофро танҳо дар эҳсонкорӣ раво донистан мумкин аст, чунон ки халқ гуфта: «Исроф наку нест ба ҷуз дар амали хайр».

Суханони боло дар мавриди сарфакорӣ дар истифодаи тамоми намудҳои сарвату боигариҳо шоистаи корбаст мебошанд. Наврасон аз хурдӣ бояд дарк кунанд, ки муносибати беэҳтиётона ба маводду ашёи рӯзгор ва сарватҳои табиӣ ба тамоми ҷомеа зарари ҷиддӣ мерасонад. Аз тарафи дигар, барои боигарии моддии дилхоҳ меҳнати инсон сарф шудааст. Аз ин рӯ, мақсад аз омӯзонидани сарфа ва эҳтиёткорӣ, инчунин, бедор сохтани ҳисси эҳтиром ба меҳнати ҳамаи аъзои оила ва ҷомеа мебошад.

## Маводди иловагӣ

### 1) Панд

Озуқаву ваҷҳи маош омода доред ва онро бо тадбир ва имсок[1] ва ҳикмат ба масраф расонед.

**Аҳмади Дониш**

### 2) Ҳикоят аз «Таҳзибуссибён»-и Садриддин Айнӣ

Дар вилояти Мағрибзамин шаҳре сӯхт. Иморатҳо тамом сӯхта хокистар шуданд. Барои аҳолии он ҷо, ки аз хонумон

1 Имсок – эҳтиёт, худдорӣ.

чудо ва муфлис шуда буданд, аз мардумони баҳиммат иона[1] ҷамъ карданӣ шуданд. Чанд каси хайрхоҳ бо маслиҳат дафтари иона сохта, аз ҳар каси соҳибҳиммат чизе мегирифтанд.

Дар он наздикӣ як тоҷири соҳибсарват буд. Дафтари ионаро ба хидмати ӯ бурданд. Дар вақте ба ҳузури тоҷир даромаданд, ки ба хидматгори худ коҳиш дошт[2] . Сабаби коҳишро пурсиданд. Гуфт: « Ин хидматгор як дона гӯгирдро беҳуда сӯзонида нобуд кард». Ба дили меҳмонон гузашт, ки «аз ин мард чизе ситонида намешавад. Лекин ҳамин қадар роҳро, ки тай карда омадем, ҳарчи бодо бод, матлабро як дараҷа баён кунем»,– гуфта дафтарро нишон доданд. Тоҷир фавран даҳ ҳазор тилло ионатона навишт. Аз ин кор меҳмонон бисёр тааҷҷуб карданд. Тоҷир сабаби тааҷҷубро пурсид. Гуфтанд: «Дар як дона гӯгирд он қадар коҳиш карда, дар иона ин қадар маблағ додан барои чист?». Тоҷир гуфт: «Агар ба як дона гӯгирд саҳл мегирифтам ва ба муфт сӯхтани он розӣ мешудам, дар ин маврид аз куҷо пул ёфта иона мекардам?»

## Савол ва супориш

1. Мафҳумҳои сарфакорӣ, эҳтиёткорӣ ва исрофро маънидод кунед.
2. Ақидаро аз «Авасто» дар бораи исрофкорӣ шарҳ диҳед.
3. Мақоли «Сарфаи сари оташдон, беҳ аз савдогари Ҳиндустон» дар кадом маврид истифода мешавад?
4. Маҳорати сарфакорӣ дар чӣ ифода меёбад?
5. Сарчашмаи боигарии хонадон ба чӣ вобаста аст?
6. Баъзе қоидаҳои сарфаи баркро номбар кунед.
7. Баъзе қоидаҳои сарфаи обро номбар кунед.
8.Дар оилаи шумо ба сарфа ва эҳтиёткорӣ чӣ гуна аҳамият медиҳанд?
9. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сарфакорӣ ва гирифтани пеши роҳи исрофкорӣ чӣ чораҳо андешидааст?

[1] Иона – кумак.

[2] Коҳиш кардан – сарзаниш кардан.

10. Суханони Аҳмади Дониш ва ҳикоят аз «Таҳзибус-сибён»-и Садриддин Айниро мутолиа карда, шарҳ диҳед.

## § 27 ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ – КАФОЛАТИ САОДАТМАНДИИ АҲЛИ ХОНАДОН

Оилаи солим яке аз пояҳои асосии ҷомеа мебошад. Асоси ҳаёти солим аз овони кӯдакӣ гузошта мешавад ва бо мурури замон такмил меёбад. Боигарии бебаҳои ҷамъият – одам дар оила ба вуҷуд меояд ва аз ин хотир масъалаи тарбия, солимии кӯдак ба ҳамаҷониба солим будани оила вобаста аст. Бинобар ин омили асосии ба роҳ мондани кори таълиму тарбия дар оила, пеш аз ҳама, ҷорӣ кардани тартибу низом дар он мебошад.



Саодатмандии оила на танҳо саломатии ҷисмонӣ, балки саломатии маънавию ботиниро низ дар бар мегирад. Барои кафолати саломатӣ шахс бояд дар меҳнат обутоб ёбад, қадри нони меҳнатиро донад, ба варзиш машғул шуда, ҷисман боқувват гардад, соҳиби ахлоқу одоби ҳамида бошад, падару модар, хешу табор ва Ватани хешро дӯст дорад, дар ободии вай саҳми арзанда гузорад, фаъолияти худро ба тартибу низоми муайян даровардa, аз рӯйи он амал кунад.



Тарбия дар оила бояд мувофиқи реҷаи тартибдодашуда ба роҳ монда шавад. Фарзанд бояд аз рӯйи низоми муайян кор кунад, реҷаи рӯзро қатъиян риоя кунад. Барои ӯ

риоя кардани речаи корӣ бояд ҳукми қонунро дошта бошад. Дар ин ҳолат дар ӯ малака ҳосил мешавад, ки ҳар корро дар вақти муайяншуда иҷро кунад. Ин дар оянда барои ба як низоми муайян даровардани речаи корӣ, иҷрои бомуваффақияти корҳои ба нақша гирифташуда асос мешавад.

Речаи рӯз, пеш аз ҳама, ба хӯрок дахл дорад. Дар Рими Қадим чунин мақол мавҷуд буд: «Мо мехӯрем, барои он ки зиндагӣ кунем, на барои он зиндагӣ мекунем, ки истеъмол намоем». Хӯрок хӯрдан барои дафъи ҳалокати нафс фарз аст, вале то ниҳоят серӣ хӯрдан манъ аст. Саъдии Шерозӣ дар ин бора гуфтааст:

**На чандон бихӯр, к-аз даҳонат барояд,**
**На чандон, ки аз заъф ҷонат барояд.**

Хӯрок, моддаҳои органикӣ чун энергия барои сохтори ҳуҷайра, бофтаҳо, узвҳо ва фаъолияти организми инсон зарур аст. Хӯроккхӯрии бенизом боиси вайрон шудани кори меъдаю рӯда ва сабаби афзоиши вазни ҷисм, инчунин бемориҳои рагу дил мешавад. Хӯроки кӯдакону наврасон бояд ҷавобгӯйи чунин талаботи гигиенӣ бошад :

– хӯрок дар таркибаш миқдори муайяни ба организм заруриии сафеда, чарб, карбогидрат, моддаҳои минералӣ, витаминҳо ва об дошта бошад;

– хӯрок бояд гуногун бошад, яъне дар таркибаш маҳсулоти рустанию ҳайвонӣ (шир, гӯшт, моҳӣ, меваҳо, сабзавот ва ғайраро) дошта бошад;

– хӯрок бояд нағз пухта шуда бошад ва иштиҳоро орад;

– хӯрок бояд ҳаҷми кофӣ дошта, серғизо бошад;

– хӯрок дар давоми рӯз дуруст тақсим карда ва дар вақтҳои муайян  истеъмол карда шавад.

Тартибу низоми хӯроккхӯриро инсон бояд қатъиян риоя кунад. Чӣ хеле ки дар боло зикр кардем, ба ин масъала бузургон низ диққати махсус додаанд. Имоми шофеиён гуфтааст: «Басерӣ хӯрок хӯрдан баданро гарон мекунад, дилро сахт, хобро зиёд мекунад». Луқмони Ҳаким ба писари худ насиҳат кардааст, ки меъдаро аз хӯрок пур кунӣ, фикрат хоб

мекунад, ҳикмати ту гунгу кар, аъзои ту суст мешавад.

Ба реҷаи рӯз хоб низ ворид мешавад. Хоб ҳолати осоиш аст, ки ҳангоми он ҳисҳои зоҳирӣ аз кор мемонанд. Ҷисми одам, мағзи сар, асабҳо ба истироҳат ниёз доранд. Агар одам хуб хоб карда, истироҳат кунад, фаъолияти организм, мушакҳо барқарор мегардад, қобилияти корӣ ва фикрии одам меафзояд. Аз ин хотир барои одам, махсусан, дар давраи наврасӣ, риоя кардани гигиенаи хоб ҳатмист. Наврасони 13-14- сола бояд 9-9,5 соат, 15-16-сола 8-8,5 соат бароҳат хоб карда, функсияҳои физиологии худро барқарор кунанд. Наврасон – духтарону писарон бояд тибқи реҷаи рӯз амал кунанд ва дар як вақт хоб кардану аз хоб хестани онҳо гарави хуби саломатӣ мешавад.

Унсурулмаолии Кайковус оид ба ин масъала дар «Қобуснома»-и худ дар боби «Андар хуфтан ва осудан» овардааст: «...Ҳамчунон, ки хуфтани бисёр зиёнкор аст, нохуфтан ҳам зиён дорад, ки агар одамӣ ҳафтоду ду соат, яъне се шабонарӯз ба қасд бигузорад ва нахуспад ё ба ситам бедор доранд, он касро бими марг бошад. Аммо ҳар кореро андозаест. Ҳукамо чунин гуфтаанд, ки шабонарӯзӣ бисту чаҳор соат бошад, ду баҳр бедор бошӣ ва як баҳр бихуспӣ. Ва ҳашт соат... ба кадхудоӣ машғул бояд буд ва ҳашт соат ба ишрат ва тийбат (шӯхиву ширинзабонӣ, шодӣ) ва рӯҳи хеш тоза нигоҳ доштан ва ҳашт соат бояд оромидан, то аъзо, ки шонздаҳ соат ранҷа шуда бошанд, осуда шаванд. Ва ҷоҳилон аз ин бисту чаҳор соат ниме бихуспанд ва ниме бедор бошанд ва уқало баҳре бихуспанд ва ду баҳре бедор бошанд, бар ин қисмат, ки ёд кардем...». Дар хотимаи фикраш нависанда хобро ба марг монанд карда, тафовут дар он дидааст, ки мурда нафас намекашад, аммо хуфта нафас мекашад.

Инсон бояд саҳар барвақт аз хоб хезад. Байти машҳури Саъдии Шерозӣ дар ин мавзӯъ хеле бамаврид аст:

**Эй камар баста касби рӯзиро!**
**Субҳхезӣ далели фирӯзист.**
**Баҳри хоби сабоҳ чашм мабанд,**
**З-он ки ин хоб монеи рӯзист.**

Омили муҳимми дигари кафолати саломатӣ ва саодатмандии аҳли хонадон машқҳои ҷисмонӣ, варзиш мебошанд. Зеро солиму қавӣ ва обутобёфта ба воя расидан, бо тамоми ҳастӣ баҳри беҳбудии халқу Ватан меҳнат кардан ва агар зарур ояд, барои ҳимояи он бархестан яке аз мақсадҳои асосии оилаи солим аст. Воситаи асосии расидан ба ин ҳадаф, бешубҳа, варзиш, тарбияи бадан мебошад. Ин омилҳо баҳри мустаҳкамгардонии саломатӣ ва имкониятҳои ҷисмонии инсон равона карда шудаанд. Машғул шудан ба варзиш бояд талаботи ҳаррӯзаи наврасон бошад, зеро ин барои солимгардонӣ, тарбияи иродаю матонат, устуворию ташкилотчигӣ ба онҳо кумак мерасонад.

Варзиш воситаи самарабахши такмил додани узвҳои ҳаракати одам мебошад. Он асоси ҳамаи малака ва маҳорат аст ва такомулу устувории тамоми шаклҳои фаъолияти ҳаракати одам дар зери таъсири машқҳо ба даст меояд. Дар натиҷаи машқ дараҷаи қобилияти корӣ баланд мешавад. Одаме, ки машқи зиёд мекунад, муддати дуру дароз кор карда метавонад ва назар ба одаме, ки машқ накардааст, дар як воҳиди вақт кори зиёдеро иҷро мекунад. Варзиш, машқи ҷисмонӣ бевосита бо фаъолияти системаи марказии асаб марбут буда, ягона усули ҳосилкунии тобоварӣ, обутоб додани организм, кори босарфаи мушакҳо, инчунин суботкорӣ мебошад. Обутоб додани организм тадбирест, ки барои ба муҳити тағйирёбанда зуд мувофиқат кардани инсон мусоидат мекунад.

Ба мақсади омӯзонидани малакаи ба низом даровардани тартиби ҳаёти солим, дар поин ҳамчун намуна реҷаи рӯзи хонанда дар чунин шакл оварда мешавад:

| № | Қисматҳои реҷа | Вақт |
|---|---|---|
| | Аз хоб хестан | 7.00-7.00 |
| | Варзиш ва шустушӯ | 7.00-7.30 |
| | Хӯроки наҳор | 7.30-7.50 |
| | Рафтан ба мактаб (роҳравӣ чун варзиш ва ҳавохӯрӣ) | 7.50-8.20 |
| | Машғулиятҳо дар мактаб ва хӯроки тонисфирӯзӣ | 8.20-14.00 |
| | Баргаштан аз мактаб ба хона (роҳравӣ чун варзиш ва ҳавохӯрӣ) | 14.00-14.30 |
| | Хӯроки нисфирӯзӣ | 14.30-15.00 |
| | Истироҳат бо роҳи машғулӣ ба бозиҳои варзишӣ, дамгирӣ дар ҳавои кушод ва ғайра | 15.00-17.00 |
| | Тайёр кардани дарсҳо | 17.00-20.00 |
| | Хӯроки шом ва машғулӣ дар хона, хондани китобҳои бадеӣ, кумак ба корҳои хонагӣ ва ғайра | 20.00-21.30 |
| | Омодагӣ ба мактаб барои фардо ва хоб (тайёр кардани сарулибос, китобҳо, тоза кардани ҳавои хона ва ғайра) | 21.30-22.00 |
| | Хоб | 22.00-7.00 |

Ҳар яки шумо метавонед, ки вобаста ба басти таҳсил ва шароити худ (шаҳр ё деҳа ва амсоли он) тибқи ин намуна реҷаи худро таҳия карда, тибқи он амал кунед.

Ба ҳамин тариқ, омилҳои асосие, ки шарҳи онҳо дар боло оварда шуданд (риояи тартибу интизом, хӯрок ва тартибу низоми хӯрокхӯрӣ, реҷаи хоб, машғул шудан ба варзиш ва ғайра) имконият медиҳанд, ки ҳар як шахс моҳияти саломатӣ ва саодатмандии ҳар як аъзои оиларо дурусттар дарк карда, барои кафолати ҳаёти солим дар оила ва ҷомеа саҳми худро гузорад.

## Маводди иловагӣ

### 1) Порча аз «Пандҳои модарона»

Халифаи Бағдод Ҳоррунаррашид табиби ҳозиқи насронӣ дошт. Рӯзе вай аз яке аз уламои Бағдод Алӣ ибни Ҳусайн пурсид, ки дар китоби шумо аз илми тиб ягон чизе ҳаст. Алӣ ибни Ҳусайн гуфт: Худои таоло ҳамаи тибро ба як калима баён кардааст: «Хӯред, нӯшед, исроф накунед». Табиби насронӣ гуфт: «Пайғамбаратон аз тиб чизе гуфта бошанд, баён кунед», Алӣ ибни Ҳусайн гуфт: «Расули Акрам (с) ҷамъи тибро бо як калима баён кардаанд, ки «Гуруснагӣ, яъне зиёд чизе нахӯрдан сари ҳамаи даво аст»».

### 2) Панд

Гуфтам: Чӣ кунам, ки ба табиб ҳоҷат набошад? Гуфт: Кам хӯрдан, кам хоб кардан, кам гуфтан.

### 3) Аз «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ

Бо он, ки дар вуҷуди таом аст ҳаззи нафс,
Ранҷ оварад таом, ки беш он қадар бувад.
Гар гулшакар хӯрӣ ба такаллуф , зиён кунад,
В-ар нони хушк дер хӯрӣ, гулшакар бувад!

## Савол ва супориш

1. Тартибу интизоми оила гуфта шумо чиро мефаҳмед?
2. Чӣ гуна оиларо солим меноманд?
3. Меъёри хӯрокхӯрӣ гуфта чиро мефаҳмед?
4. Хоб чист?
5. Ҷиҳатҳои мусбат ва манфии хобро шарҳ диҳед.
6. Варзиш барои саломатии инсон чӣ аҳамият дорад?
7. Порча аз «Пандҳои модарона» ва суханони Саъдиро хонда, мухтасаран шарҳ диҳед.
8. Тибқи намунаи дар матн омада реҷаи худро таҳия карда, баъди мувофиқат бо волидайн ва омӯзгорон, онро амалӣ кунед.

## § 28 ОХИРСУХАН (НАҚШИ ОДОБУ РАФТОРИ ПИСАНДИДА ВА РӮЗГОРДОРИИ ОҚИЛОНА ДАР РУШДИ ШАХСИЯТ ВА ҶОМЕА)

**Хонандагони азиз!**



Шумо бо муҳимтарин асосҳои одоби муошират ва рӯзгордорӣ шинос шудед. Ҳамаи он мавзӯъҳои омӯхтаатон – масъалаҳоеро фаро гирифтанд, ки дар ташаккули шахсияти шумо ҳамчун инсони хушахлоқу хушмуомила, ботадбиру рӯзгордор кумак мекунанд. Ин шиносоӣ бояд шуморо ба он ҳидоят кунад, ки дониши дар масъалаҳои мазкур гирифтаатонро дар ҳаёти ҳаррӯза амалан татбиқ кунед. Ин амалро чӣ гуна метавон ба роҳ монд?

Аввалан, шуморо зарур аст, ки риояи одоби муоширатро чун ҷузъи муҳимми ахлоқи ҳамида ва ҷавҳари зебоии инсон ҳамеша дарк кунед, аҳамияти пайгирӣ кардани қоидаҳои рӯзгордорӣ ё тадбири манзилро чун рукни маданияти шахс ва оила бифаҳмед. Барои ин дар илму фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ кадом афкору ақидаҳо, таълимоту назарияҳо оид ба одоби муошират ва рӯзгордорӣ вуҷуд доранд, бидонед ва дар лаҳзаҳои зарурӣ аз суханони мутафаккирону ихтисосмандон, шеъру порчаҳои насрӣ дар мавзӯъҳои дахлдор бамавқеъ иқтибос карда тавонед ва муҳимтар аз ҳама талаботи онҳоро риоя кунед.

Дувум, ҳамеша кӯшиш кунед, ки тамоми қоидаҳои одоби муоширатро, ки бо асосҳои онҳо шиносоӣ пайдо кар-



дед, дар ҳар гуна муҳит – дар хона, мактаб, кӯча, ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар муносибат бо ҳар гуна одамон – хешовандону дӯстон, бегонагону меҳмонон, калонсолону хурдсолон, занону мардон, духтарону писарон бе каму кост иҷро кунед. Акнун шумо бо муҳимтарин соҳаҳои муошират, ки риояи меъёру қоидаҳои муайянро талаб мекунанд, ошно шудед. Вале аз хотир набароред, ки одоби муошират бо соҳаҳои зикршуда маҳдуд нашуда, одобу ахлоқи ҳамида аз ҷониби шумо бояд ҳамеша ва дар ҳама соҳаҳо риоя гардад. Аз тарафи дигар, дар ҳама ҳолатҳо бояд ба назар гирифт, ки риояи қоидаҳои мазкур ва умуман, одобу рафтори шумо дар ҷомеа ҳам аз ҷиҳати ахлоқӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳамеша баҳо дода мешавад.

Севум, шумо, хонандагони азиз, бояд бахубӣ дарк кунед, ки риояи қоидаҳои одоби рӯзгордорӣ ё тадбири манзил аз ҷиҳати ахлоқию фарҳангӣ на камтар аз риояи талаботи одоби муошират буда, иҷрои онҳо ҳам маданияти волои шахсро нишон медиҳад.

Чаҳорум, ҳамеша дар ёд дошта бошед, ки ҳар як инсон хусусият ва сифатҳои фардию шахсӣ дорад. Ин хусусияту сифатҳо табиӣ ва ҷамъиятӣ мешаванд. Сифатҳои табиии инсон бе ихтиёри ӯ, аз табиат ато шудаанд. Хусусиятҳои ҷамъиятии шахс бошад, маҳсули фаъолияти худи ӯ, таълиму тарбияи падару модар, оила, мактаб ва ҷомеа мебошанд. Ин гуна инсони тарбияёфта, ки аллакай мавқеи устувори ҷамъиятӣ дорад, шахсият ҳисобида мешавад. Барои шахсияти ташаккулёфта бошад, ахлоқи ҳамида, одоб, муносибату муошурати неку бо одамон, маърифатнокӣ, донистани ҳаёту рӯзгор, кордонӣ ва хислатҳои дигари шоиста дар мадди аввал меистанд.

Шумо, хонандагони азиз, аз мавзӯъҳои омӯхтаатон маводди зиёде оид ба одобу рафтори писандида, рӯзгордории оқилона пайдо кардед ва барои ташаккули шахсияти худ роҳнамоиҳои муайяну мушаххас гирифтед. Акнун аз ёд набароред, ки ҳар як шахс узви ягон оила ва ё ҷомеаи муайян аст. Аз рӯйи он, ки шахсони алоҳида чӣ гунаанд, ба симои умумии оила ё ҷомеа баҳо гузошта мешавад. Бо ҳамин сабаб саъйу кӯшиш кунед, ки шахсияти шумо ҳамеша боиси обрӯмандии оилаи шумо ва ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунед, гардад.

Аз тарафи дигар, шахсияти солим, оилаи маърифатнок ва хушахлоқу бофарҳанг солимии ҷомеа ва устувории давлатро таъмин месозанд. Ба ин мавзӯъ ишора карда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъкид карда буданд, ки «ҷомеаи солим ба насли бомаърифат, донишманд, миллатдӯст, ватанпарвар, забондон, ҷасур, аз ҷиҳати сиёсӣ зираку ҳушёр, дорои ахлоқи ҳамида ниёз дорад. Маҳз инсонҳои дорои чунин хислатҳо метавонанд дастовардҳои истиқлолияти мамлакатро афзун ва ҳифз намоянд».

Ба сабабҳои дар боло зикршуда, метавон таъкид кард, ки ба одоби шумо, тарзи рафтору муошırати шумо ва маърифатнокии шумо дар корҳои оилаву хонадонояндаи давлату миллат ва Ватани азизи мо вобастагии бузурге дорад. Бароиояндаи миллату кишвар бошад, месазад, ки ҳар яки шумо, хонандагони азиз, беҳтарин сифатҳои ахлоқии инсонии муосирро дар худ тарбия карда, дар байни ҳамагон намунаи ибрат ва шоистаи таҳсин бошед.

**Маводди иловагӣ**

Бузургон дар васфи ахлоқу адаб
Аз адаб пурнур гаштаст ин фалак,
Аз адаб маъсуму пок омад малак.

Беадаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ дар ҳама офоқ зад.

**Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ**

Шав адабомӯз писарро ба пеш,
К-ӯ чу қавӣ шуд, натвониш беш.

**Амир Хусрави Деҳлавӣ**

Адаб бар рӯйи ҳар шахсе нигаҳ дор.
Касеро аз касе камтар мапиндор!

Некуаҳволии ҳамаи халқ ба тарбияи фарзандон вобаста аст.

**Ҷон Локк**

Тарбияи инсон аз таваллуди ӯ шурӯъ мешавад: ӯ ҳоло сухан намегӯяд, намешунавад, вале аллакай меомӯзад.

**Ж.Ж. Руссо**

## Савол ва супориш

1. Мавзӯъҳое, ки шумо оид ба одоби муошират ва рӯзгордорӣ омӯхтед, ба ташаккули шахсияти шумо чӣ гуна таъсир расонида метавонанд?

2. Донистани афкору ақидаҳо, таълимоту назарияҳо оид ба одоби муошират ва рӯзгордорӣ дар илму фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ ба шумо чӣ кумаке мерасонанд?

3. Оё соҳаҳои одоби муоширатро маҳдуд ҳисобидан мумкин аст?

4. Риояи қоидаҳои одоби рӯзгордорӣ дар муносибат бо риояи талаботи одоби муошират аз ҷиҳати ахлоқию фарҳангӣ чӣ мақоме дорад?

5. Хусусиятҳои ҷамъиятии шахс чӣ гуна ташаккул меёбанд ва барои шахсияти ташаккулёфта кадом сифатҳо муҳимманд?

6. Таносуби сифатҳои шахсият ва ҷомеаю давлат чӣ гуна аст?

7. Суханони бузургонро дар васфи ахлоқу адаб аз ёд кунед.

## САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲО

1. Ҳадаф ва вазифаҳои асосии фанни «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ»-ро номбар кунед.
2. Робитаҳои «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ»-ро бо илмҳои дигар номбар кунед.
3. Ахлоқ ҳамчун мафҳум чӣ маънӣ дорад?
4. Мафҳуми одобро шарҳ диҳед.
5. Этикет чист?
6. Баъзе соҳаҳои муҳимми риояи одоби муошират ва этикетро номбар кунед.
7. Шиори «Авасто» – «Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек»-ро шарҳ диҳед.
8. Асосҳои ахлоқи ҷавонмардиро аз гуфтаҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ номбар кунед.
9. Суханварӣ чӣ маънӣ дорад?
10. Қоидаҳои одоби сухан кадомҳоянд?
11. Саволу ҷавоб, баҳсу мунозира чист ва чӣ аҳамияте дорад?
12. Кадом шарту оинҳои баҳсро медонед?
13. Маънии калимаҳои «салом» ва «дуруд»-ро шарҳ диҳед.
14. Якчанд фазилати саломро номбар кунед.
15. Дар синфҳои болоии муассисаҳои таълимӣ одоби салом бояд чӣ гуна бошад?
16. Ҷавоби салом чӣ гуна бояд сурат гирад?
17. Дар бораи риояи ҳаққу ҳуқуқи падару модар чӣ медонед?
18. Қоидаҳои асосии одоби фарзанд бо падару модар кадомҳоанд?
19. Қоидаҳои асосии муошират бо хешовандон кадомҳоанд?

20. Шартҳои ҳамсоягӣ кадомҳоанд?
21. Мақоми дӯстӣ ва дӯст дар ҷомеа чӣ гуна аст?
22. Кадом қоидаҳои муоширатро бо дӯстон медонед?
23. Муошират бо хурдсолону духтарон чӣ гуна аст?
24. Қоидаҳои муошрати писару духтарро номбар кунед.
25. Шартҳои одоби шогирд нисбат ба муаллим кадомҳоанд?
26. Дар даҳлези мактаб кадом одоби муоширатро бояд риоя кард?
27. Расму оинҳои муошират бо ҳамсинфон ва аҳли мактаб кадомҳоанд?
28. Волидони хонандагон ва меҳмононро дар мактаб чӣ гуна пазироӣ мебояд кард?
29. Муҳимтарин қоидаҳои муносибат ба ашёи мактаброномбар кунед.
30. Дар кӯчаву хиёбонҳо чӣ гуна рафтор бояд кард?
31. Кадом қоидаҳои одобро дар нақлиёт медонед?
32. Шартҳои муошират дар бозор кадомҳоанд?
33. Фарқи роҳгардии писар ва мард аз духтар ва зан дар чист?
34. Кадом қоидаҳои одобро дар маҷлисҳо бояд риоя кард?
35. Одоби муошират дар меҳмонӣ ва меҳмондорӣ риоя кардани меъёру қоидаҳоро дар кадом асос талаб мекунад?
36. Меъёру қоидаҳои ороиши дастархони сарикӯрпачагӣ ва истеъмоли хӯрокҳои миллии тоҷикӣ чӣ гуна аст?
37. Оид ба нишасти сари мизи аврупоӣ ҳангоми меҳмондорӣ меҳмону мизбон кадом қоидаҳоро бояд риоя кунанд?
38. Кадом қоидаҳои истифода кардани асбобу зарфҳои хӯрокро медонед?

39. Одоби рафтори соҳибхоназан ва марди соҳиби хонаро ҳангоми қабули меҳмонон бигӯед.

40. Нишондодҳои қонунгузорӣ дар бораи танзими анъана ва маросимҳо риояи кадом қоидаҳои меҳмондориро талаб мекунанд?

41. Қоидаҳои асосии одобу муносибатро дар китобхона ва қироатхона номбар кунед.

42. Меъёру қоидаҳои умумии рафтору тартиботро ҳангоми тамошо дар намоишгоҳ ва осорхона номбар кунед.

43. Одоби муошират ва рафтор дар театр аз кадом қоидаҳо иборат аст?

44. Одоби муошират ва рафтору муносибатро дар консертҳо ва ҳангоми тамошои синамо дар кинотеатр номбар кунед.

45. Талаботи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодаи телефони мобилӣ аз ҷониби хонандагон чӣ гуна аст?

46. Кадом зарарҳои истифодаи телефони хонагӣ ва мобилиро барои саломатӣ ва буҷети оилавӣ медонед?

47. Қоидаҳои муҳимтарини муошират бо телефон кадомҳоянд?

48. Истифодаи кадом барномаҳои телевизионӣ ва маводди аудио ва видео тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагон манъ карда шудааст?

49. Баъзе қоидаҳоро оид ба истифодаи оинаи нилгун бо мақсади нигоҳдории саломатӣ ва риояи одоб номбар кунед.

50. Истифодаи компютер ба саломатӣ чӣ гуна зарар дорад?

51. Муддати истифодаи оинаи нилгун ва компютерро барои бачаҳои синну соли гуногун, ки дар як шабонарӯз иҷозат дода шудааст, номбар кунед.

52. Ҳар рӯз дар қатори омодагӣ ба дарс барои мутолиаи маводди ғайритаълимӣ чӣ қадар вақт сарф кардан зарур аст?

53. Се навъи асосии мутолиаро шарҳ диҳед.

54. Марҳалаҳои асосии мутолиаи китобро номбар кунед.

55. Қоидаҳои хосси мутолиаи маводди таълимӣ кадомҳоянд?

56. Тартиби мутолиаи рӯзнома (ҳафтанома) бояд чӣ гуна бошад?

57. Қоидаҳои истифодаи китоб, маводди таълимӣ ва рӯзномаю маҷаллаҳо ва одоби муносибат ба онҳоро шарҳ диҳед.

58. Баъзе навъҳои либосҳоро аз ҷиҳати мавқеи истифодаашон номбар кунед.

59. Интихоб кардану пӯшидани либоси миллӣ ё аврупоӣ барои шахс чӣ гуна бояд бошад?

60. Одоби пӯшидани либоси хонагӣ, хоб ва таҳпӯш, рӯзмарра ва кӯчаро бифаҳмонед.

61. Пӯшидани либосҳои маросимӣ ва корӣ чӣ гуна қоидаҳо дорад?

62. Одоби пӯшидани либоси мактабиро барои синну соли худ дар мавсимҳои гуногун шарҳ диҳед.

63. Кадом навъҳои рафтори одамон мавриди танзими ахлоқӣ қарор мегирад?

64. Баҳогузории риояи рафтор аз ҷиҳати ахлоқӣ чӣ тавр сурат мегирад?

65. Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмуриро вобаста ба тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ номбар кунед.

66. Талаботеро, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” оид ба ахлоқи хонандагон омадааст, номбар кунед.

67. Рӯзгор ва рӯзгордорӣ чӣ маъно доранд?

68. Истилоҳоти тадбир ва тадбири манзилро шарҳ диҳед.

69. Инсони рӯзгордор чиро мефаҳмонад?

70. Оид ба мафҳумҳои ободонӣ ва ороиш чӣ медонед?

71. Моҳияти расму оинро фаҳмонед.

72. Дахлу харҷ ба кадом маъно истифода мешаванд?

73. Мафҳумҳои захира ва сарфакориро тафсир кунед.

74. Реҷа чӣ маъно дорад?

75. Илми «Сиёсати манзил» дар Юнони Қадим минбаъд дар илми ҷаҳонӣ ба кадом таълимот табдил ёфт?

76. «Тадбири манзил»-и Ибни Сино кадом ақидаҳои мутафаккирро дар бар мегирад?

77. Баъзе ақидаҳои Унсурулмаолии Кайковусро дар «Қобуснома» оид ба рӯзгордорӣ номбар кунед.

78. Рисолаҳои Насируддини Тӯсӣ ва Ҷалолиддини Давонӣ ба кадом масъалаҳо бахшида шудаанд?

79. Чаро оила ниёзманди идоракунӣ аст?

80. Сарварони оила кадом вазифаҳоро иҷро мекунанд?

81. Мард чӣ гуна фазилатҳоро бояд дар идоракунии хонадон доро бошад?

82. Муносибату муоширати байни сарварону калонсолони оила чӣ гуна бояд бошад?

83. Ба одоби рӯзгордории духтарон чиҳо дохил мешаванд?

84. Кадом қоидаҳои хӯрокпазӣ ва ҷомашӯиро медонед?

85. Духтарон волидонро ба кор чӣ гуна гусел мекунанд?

86. Кадом духтар метавонад аз уҳдаи рӯзгордории шоиста барояд?

87. Мақому масъулияти падар дар оила дар тарбияи писар чӣ гуна аст?

88. Писар кадом фазилату сифатҳои ҷавонмардиро бояд доро бошад?

89. Фарқи одоби рӯзгордории писар аз духтар дар чист?

90. Кадом вазифа ва корҳоро дар рӯзгор писар бояд бар ухда дошта бошад?

91. Ба реҷаи рӯзгордории писар дар як шабонарӯз чиҳо дохил мешаванд?

92. Гул, ниҳолҳои хурд ва дарахтонро дар куҷо шинонидан беҳтар аст?

93. Қоидаҳои риояи тозагиро дар назди ҷумаки об шарҳ диҳед.

94. Сабабгори намии хона чӣ шуда метавонад ва оқибатҳои он чӣ гуна аст?

95. Барои тоза нигоҳ доштани ҳавои хона чӣ гуна амалҳоро анҷом додан зарур аст?

96. Вазифаҳои писарон ва духтаронро дар иҷрои корҳои ободонии хона дар алоҳидагӣ номбар кунед.

97. Кушодани дастархон кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?

98. Дар вақти кушодани дастархон бояд ба чӣ диққати махсус диҳем?

99. Кадом намудҳои ороиши дастархонро медонед?

100. Қоидаҳои ороиши дастархони миллии муқаррарӣ кадомҳоянд?

101. Қоидаҳои ороиши дастархони миллии идонаро шарҳ диҳед.

102. Тартиби ороиши мизи аврупоиро номбар кунед.

103. Сарфакорӣ ва риояи маданияти хӯрокхурӣ чӣ аҳамият дорад?

104. Ҳангоми пазируфтани меҳмон дастархонро кай меандозанд?

105. Соҳиби хона кай хӯрдани хӯрокро сар мекунад ва кай анҷом медиҳад?

106. Аввал кадом намуди хӯрокро барои меҳмон овардан зарур аст?

107. Меҳмонро чӣ гуна даъвати хӯрок кардан мумкин аст?

108. Соҳибхоназан ё марди соҳиби хона ҳангоми аз як ҷинс будани меҳмонон бояд чӣ гуна рафтор кунанд?

109. Вақти ғундоштани косаву табақ баъди анҷоми хӯрок кадом қоида бояд риоя карда шавад?

110. Вақти рафтани меҳмон соҳиби хона бояд ӯро чӣ тавр гусел кунад?

111. Меҳмондорию меҳмоннавозӣ байни шаҳру деҳот ё халқҳои гуногун чӣ фарқиятҳо дорад?

112. Мувофиқи Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронидани кадом маъракаҳо иҷозат дода шудааст?

113. Тибқи қонунгузорӣ дар оши наҳор ва зиёфат то чанд нафар бояд иштирок кунанд?

114. Қоидаҳои ороиш ва тоза нигоҳ доштани дастархони маъракаҳоро номбар кунед.

115. Вазифаи ҷавонони оила ҳангоми гузаронидани маъракаҳо аз чӣ иборат аст?

116. Одоби сухангӯӣ аз ҷониби соҳибони хона ҳангоми гузаронидани тӯй ва маъракаҳои дигар аз чӣ иборат аст?

117. Ниёзмандии иқтисодии оила чист?

118. Касбу ҳунар дар таъминоти моддии рӯзгор чӣ аҳамият дорад?

119. Буҷети оила чист?

120. Тибқи илми оиладорӣ таносуби дахлу харҷ чӣ гуна бояд бошад?

121. Маошро аввал барои харидани кадом мавод бояд сарф кард?

122. Захира барои оила чӣ зарурат ва чӣ ҳикмат дорад?

123. Дар суннати миллиамон ҳангоми ташкили оила кадом ҷиҳатҳои иқтисодии онро ба назар мегиранд?

124. Сарвату боигарии аз ҳама волои оила чист?

125. Мафҳумҳои сарфакорӣ, эҳтиёткорӣ ва исрофро маънидод кунед.

126. Маҳорати сарфакорӣ дар чӣ ифода меёбад?

127. Об, барқ ва газро бояд чӣ хел сарфа кард?

128. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сарфакорӣ ва гирифтани пеши роҳи исрофкорӣ чӣ чораҳо андешидааст?

129. Тартибу интизоми оила гуфта шумо чиро мефаҳмед?

130. Чӣ гуна оиларо солим меноманд?

131. Меъёри хӯрокхӯрӣ гуфта чиро мефаҳмед?

132. Хоб чист? Ҷиҳатҳои мусбат ва манфии онро шарҳ диҳед.

133. Варзиш барои саломатии инсон чӣ аҳамият дорад?

134. Мавзӯъҳое, ки шумо оид ба одоби муошират ва рӯзгордорӣ омӯхтед, ба ташаккули шахсияти шумо чӣ гуна таъсир расонида метавонанд?

135. Донистани афкору ақидаҳо, таълимоту назарияҳо оид ба одоби муошират ва рӯзгордорӣ дар илму фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ ба шумо чӣ кумаке мерасонанд?

136. Оё соҳаҳои одоби муоширатро маҳдуд ҳисобидан мумкин аст?

137. Риояи қоидаҳои одоби рӯзгордорӣ дар муносибат бо риояи талаботи одоби муошират аз ҷиҳати ахлоқию фарҳангӣ чӣ мақоме дорад?

138. Хусусиятҳои ҷамъиятии шахс чӣ гуна ташаккул меёбанд ва барои шахсияти ташаккулёфта кадом сифатҳо муҳимманд?

139. Таносуби сифатҳои шахсият ва ҷомеаву давлат чӣ гуна аст?

# МУНДАРИҶА

Сарсухан........................................................................4
**Фасли якум. Одоби муошират**
§ 1 Мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои фанни «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ»..................................................................7
§ 2 Муошират чун ҷузъи муҳимми ахлоқи ҳамида ва ҷавҳари зебоии инсон ..........................................................13
§ 3 Мақоми одоби муошират дар таърихи илму фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ ..........................................................17
§ 4 Одоби суханварӣ ва баҳсу мунозира ..........................25
§ 5 Одоби салом, фазилат ва қоидаҳои он.......................30
§ 6 Одоби муошират дар оила.........................................39
§ 7 Одоби муошират бо ҳамсоягон, пирону хурдсолон, духтарон, дӯстону ошноён.............................................46
§ 8 Одоби муошират ва рафтор дар синфхонаву мактаб.....................................................................................57
§ 9 Қоидаҳои роҳравӣ ва одоби муошират дар кӯча, нақлиёт ва бозор............................................................65
§ 10 Одоби муошират дар меҳмонӣ, гирди дастархони миллӣ ва мизи аврупоӣ ................................................72
§ 11 Одоби муошират ва қоидаҳои рафтор дар китобхона ва марказҳои фарҳангию фароғатӣ..............................80
§ 12 Одоби истифодаи таҷҳизоти техникӣ......................87
§ 13 Одоби мутолиаи китоб, рӯзномаву маҷаллаҳо ва муносибат ба онҳо.........................................................95
§ 14 Одоби либоспӯшӣ ва таваҷҷуҳ ба зебоии ботинию зоҳирӣ.........................................................................104
§ 15 Ҷанбаҳои ахлоқию ҳуқуқии одоб ва рафтори шахс....................................................................................112

**Фасли дувум. Одоби рӯзгордорӣ**

§ 16 Одоби рӯзгордорӣ ё тадбири манзил – ҷузъи муҳимми маданияти шахс ва оила................................120
§ 17 Одоби рӯзгордорӣ дар таърихи илму фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ..........................................................125
§ 18 Масъулияти падару модар ва омӯзгорон дар ташаккул ва тарбияи малакаю сифатҳои рӯзгордории фарзандон ва шогирдон ........................................................129
§ 19 Одоби рӯзгордории духтарон................................136
§ 20 Одоби рӯзгордории писарон.................................143
§ 21 Ободонӣ, кабудизоркунӣ, ороиш ва тоза нигоҳ доштани хона, ҳавлӣ ва атрофи он...............................148
§ 22 Ороиши дастархони миллӣ ва мизи аврупоӣ...................................................................................153
§ 23 Оини меҳмоннавозӣ ва риояи сарфакорӣ дар қабули меҳмонон ........................................................160
§ 24 Одоби ташкили тӯю маъракаҳо бо риояи расму оин ва қонунгузорӣ ..........................................................166
§ 25 Оини дахлу харҷ, захира ва нигоҳдории пулу мол, ғизо ва ашёи рӯзгор...................................................172
§ 26 Сарфа ва эҳтиёткорӣ дар рӯзгор...........................180
§ 27 Тарзи ҳаёти солим – кафолати саодатмандии аҳли хонадон..............................................................188
§ 28 Охирсухан (нақши одобу рафтори писандида ва рӯзгордории оқилона дар рушди шахсият ва ҷомеа)..........................................................................194

**АБДУҶАББОР РАҲМОНЗОДА, ХУРШЕД ЗИЁЕВ,
НАСИБА СОДИҚОВА, ЁҚУБ ОДИНАЕВ,
МАҚСУД МИРБОБОЕВ, ЗУМРАД ҲАКИМОВА**

# ОДОБИ МУОШИРАТ ВА РӮЗГОРДОРӢ

(Китоби тарбиявӣ барои синфҳои 8-9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ)



| | |
|---|---|
| Муҳаррир | А. Аҳмадхонов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | Қ. Назаров |

Ба чоп 24.01.2016 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60x90 1/16. Ҷузъи чопӣ 13.0.
Адади нашр 185000 нусха.
Супориши № 13/2017

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш 50.
Тел: 222-14-66,
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ “Полиграфгруп“
ба табъ расидааст